# Он чи одам мекорад,...
# ...ҳамонро медаравад

Масъалаҳои тарбияи масеҳӣ

## ДАРСИ 1

# Писари гумроҳшуда

*“Шахсе ду писар дошт; ва хурдии онҳо ба падар гуфт: “Эй падар! Он қисми молу мулкро, ки бояд ба ман расад, ба ман деҳ”. Ва падар дороии худро ба онҳо тақсим кард. Баъд аз чанд рӯз писари хурдӣ ҳар он чи дошт, ҷамъ карда, ба кишвари дурдасте рафт ва дар он ҷо дороии худро дар айшу нӯш исроф намуд. Вақте ки ҳамаашро сарф кард, қаҳтии сахте дар он кишвар рӯй дод, ва ӯ ба мӯҳтоҷӣ дучор шуд; ва рафта, хизматгори яке аз сокинони он кишвар шуд, ки вай ӯро ба саҳрои худ фиристод, то ки хукбонӣ кунад; ва ӯ орзу дошт шиками худро аз харнубе ки хукон мехӯрданд, пур кунад, лекин ҳеҷ кас онро ба ӯ намедод.*

*Оқибат ӯ ба худ омада, гуфт: “Чӣ қадаре аз муздурони падарам нони фаровон доранд, аммо ман дар ин ҷо аз гуруснагӣ ба ҳалокат мерасам! Бархоста, назди падарам меравам ва ба вай мегӯям: эй падар! Ман пеши осмон ва пеши ту гуноҳ кардаам, ва дигар лоиқи он нестам, ки писари ту хонда шавам; маро чун яке аз муздуронат қабул кун“. Ва ӯ бархоста, сӯи падараш равона шуд. Ва ҳанӯз ӯ хеле дур буд, ки падараш ӯро дида, раҳмаш омад; ва тозон рафта, ӯро ба оғӯш кашиду бӯсид. Ва писар ба вай гуфт: “Эй падар! Ман пеши осмон ва пеши ту гуноҳ кардаам, ва дигар лоиқи он нестам, ки писари ту хонда шавам“.*

*Аммо падар ба ғулом гуфт: “Либоси беҳтарине оварда, ба ӯ бипӯшонед, ва ангуштарин ба дасташ ва мӯза ба рояш бидиҳед; ва гӯсолаи охуриро оварда, сар буред: бихӯрем ва димоғчоқӣ кунем, зеро ки ин писарам мурда буд ва зинда шуд, гум шуда буд ва ёфт шуд“. Ва ба димоғчоқӣ шурӯъ карданд“.*
*Луқо 15:11-24*

Исои Масеҳ ба воситаи ин масал ба мардум меҳри Худоро нисбати гуноҳкори пушаймон нишон медиҳад. Худои тавоно Худро ба падари ҷисмӣ монанд мекунад. Ҳамин порча метавонад ба мо дарси хубе барои тарбияи фарзанд бошад.

## <u>1. Ҳолати кӯдак</u>

*Ҳангоми аз хона баромадан писари гумроҳшуда аллакай калон буд. Вале гарчанде ки вай дар хонаи падар нисбати худ меҳрубониро ҳис мекард ва медид, ки чӣ хел падар бо хизматгоронаш некдилона рафтор мекард, нахост бо падари хуб истад. Барои чӣ? Меҳр, вазифа, ҳатто ҳар нозу неъмат, ҳамааш буд-ку?*

### <u>*Гуноҳкор ва нодон будани одамизод*</u>

*Дар масали боло писар аз рӯи хоҳиши худ зиндагӣ мекард (оятҳои 12, 13 ва 16). Ӯ аз падар напурсид, ки оё рафтораш дуруст аст ё не.*

Аввалан мо бояд ҳолати рӯҳонии кӯдакро бишиносем. Аз рӯзе ки Одаму Ҳавво гуноҳ карданд, одамизод саркаш буд. Одам дар гуноҳ *зода* шуд. Довуд мегӯяд, ки “модараш дар хато ба вай

*ҳомила* гаштааст“ (Заб. 50:7). Сулаймон ин дарсро ёд гирифта, гуфти падарашро тасдиқ мекунад: “Беақлӣ ба дили *навҷавон* баста шудааст“ (Мас. 22:15). Ва баъд аз тӯфони Нӯҳ навишта шудааст, ки “андешаи дили одам аз *наврасии* ӯ бад аст“ (Ҳастӣ 8:21). Павлус дар бораи худаш гувоҳӣ медиҳад, ки “дар ҷисми ӯ чизи нек мавҷуд нест“ (Рум. 7:18).

Фарзандони мо мисли мо гуноҳкоранд ва ин тавр мӯҳтоҷи файзи Худо ва наҷоти Исои Масеҳанд. Худо дар ин оятҳо мефаҳмонад, ки дили бачагон аллакай ба Ӯ дигар писанд намеояд. Беақлӣ фарзандро аз роҳ мезанад. Ва ин беақлӣ бояд аз дилаш дур карда шавад, зеро ҳамин нодонӣ ӯро ба хатар меандозад.

Дар китоби Масалҳои Сулаймон он касон беақл ва ҷоҳил номида мешаванд, ки аз Худо наметарсанд. Ҷоҳил он одам аст, ки насиҳатро хор мебинад. Беақл ҳақиқатҳои Худоро масхара мекунад. Ба ӯ ҳикмат намерасад. Ӯ худотарсӣ надорад (Мас. 1:7)

Орзуҳо ва тарсҳо зиндагии беақлро роҳбарӣ менамоянд. Инро аз даҳони кӯдаки хурд мешунавед: ”Ман …мехоҳам“ ва “Ман …. намехоҳам“. Нодон мувофиқи ҳавасҳояш зиндагӣ мекунад.

## ***<u>Саркашии кӯдак</u>***

*Писари гумроҳшуда эътироф мекунад, ки пеши осмон (яъне Худо) ва пеши падараш гуноҳ кардааст (ояти 21).*

Дар охир савол ҳамин аст, ки оё фарзанд сарвар будани Худоро ва инчунин сарвар будани волидайнро қабул мекунад ё дар ихтиёри худ аз рӯи дилхушии худ зист менамояд?

Шояд рӯякӣ фарзандони мо хушнамуд ва кулчарӯянд, вале дарунакӣ - афсӯс – гуноҳ онҳоро олуда мекунад. Табиатан ҳама кӯдакон дили беақл доранд, ки “ман-ман“ мегӯяд. Бинобар ин дил мухолифи ислоҳот аст. Бинед, агар дар зимистон модар ба сари тифлаш кулоҳ пӯшондан хоҳад, кӯдак бо тамоми қувваташ муқобилат карда, сар меҷунбонад ва гиря мекунад. Аллакай кӯдаке ки забонро намедонад ва намефаҳмад, норозигияшро изҳор мекунад. Беақлии кӯдак ба дилаш ҷаспидааст, ва агар дар тӯли 14 ё 15 сол ба он рухсат дода шавад, то ки инкишоф ёбад, наврасе ба воя мерасад, ки ягон касро ҳурмат намекунад, на муаллим, на падар ва на Худоро. Тамоми рӯйхати гуноҳҳои дунёро бо як калима ҷамъбаст кардан мумкин аст: саркашӣ. Саркашӣ зидди сарвари худ хестан аст. Дар натиҷа ҳар саркашии кӯдак дар пеши падару модар гуноҳ зидди Офаридгораш аст.

Мақсади мо бояд ҳамин бошад, ки фарзандони мо ба Худованд ва Сарвари мо бичаспанд ва ӯро дӯст доранд. Гарчанде ки фарзандон аз майдагӣ метавонанд ба Исои Масеҳ бовар дошта бошанд, мо аник намедонем, кай онҳо барои ҷонашон ҷавобгар мешаванд. Ва вақте ки онҳо масъулиятро ҳис мекунанд, Рӯҳи пок чун пуштибон ва роҳбар дар дили онҳо сокин мешавад. Лекин то он лаҳза мо, волидайн, барои онҳо роҳнамо ҳастем.

## 2. Арзиши кӯдак

*Ҳангоми баргаштани писараш падар сӯи ӯ давид ва баъд ӯро ба оғӯш кашид. Падар интизор набуд, ки бачааш то остонаи дараш бирасад. Гарчанде ки падар солхӯрда буд, ӯ пеши писар "тозон рафт". Барои чӣ? Чунки ин ҷавон фарзанди ӯ буд. Дар вақти набуданаш ҷойи вай холӣ монда буд. Падар ҳар рӯз ӯро интизор буд, дар сурате ки писар бепарвоёна дилхушӣ мекард! Ҳатто аз дурӣ падар ӯро аллакай шинохт. Чӣ қадар меҳри беҳад!*

### ***Фарзандон мероси Худо***

Гарчанде ки фарзанд гуноҳкор аст, арзишаш дар назари Худо калон мебошад. Дар Масалҳои Сулаймон 3:12 навишта шудааст: "Зеро ки Худованд ҳар киро дӯст дорад, варо мазаммат мекунад, ва ба вай, монанди падар ба писараш, таваҷҷӯҳ менамояд". Инчунин Сулаймон "фарзандон*ро* мерос аз ҷониби Худованд" меномад ва волидайни серфарзандро "хушо" мегӯяд (Заб. 126:3 ва 5).

### ***Бартарии кӯдакӣ***

Исои Масеҳ нисбати кӯдакон меҳр дошт. Ҳангоме кӯдаконро назди Ӯ оварданд, то ки дуо кунад, шогирдон монеъ шуданд. Вале Худованд Исо дар ҷавоб гуфт: "Кӯдаконро бигзоред, ки назди Ман оянд, ва ба онҳо монеъ нашавед, зеро Малакути Осмон ба чунин касон тааллуқ дорад" (Матто 19:14). Ӯ нагуфт, ки барои майдаҳо вақт надорад ё ки онҳо дар байни мардҳо чӣ мекобанд. Худи Масеҳ на танҳо кӯдаконро қабул мекунад, ӯ онҳоро дар пеши халқ ҳатто таъриф мекунад. Инро на аз ҷиҳати бегуноҳ буданашон кард, балки аз ҷиҳати фурӯтанӣ. Кӯдакон медонанд, ки онҳо комил нестанд ва мӯҳтоҷи мададанд. Нисбати Хушхабари Исои Масеҳ бачагон аз калонсолон дида зудтар дил мекушоянд. Зудбоварии онҳо барояшон кӯмак мерасонад, вале ба калонсолон он чизе ки онҳо дониш гумон мекунанд, барои бовари софдилона халал мерасонад. Аммо дар айни замон ҷавобгарии мо чун волидайн меафзояд. Китоби Инҷил аз суистифодаи боварии соддаи тифл огоҳӣ медиҳад. Беҳтар мебуд ин хел одамонро санги осиёе дар гарданашон овехта, ба баҳр партоянд. (Матто 18:6)

## 3. Падари рӯҳонӣ

*Дар масали мо падар ба таври комил рафтор кард, ва чунин менамояд, ки тарбияи вай ҳамон хел хуб буд. Худи Исои Масеҳ нисбат ба халқи Исроил мегӯяд, ки гарчанде Ӯ бо онҳо мисли мурғе рафтор мекард, ки чӯҷаҳояшро ҷамъ кардан мехоҳад, вале онҳо нахостанд (Матто 23:37). Ӯ, ки тарбиягари комил аст, халқашро маҷбур накард, ки бо Ӯ бошанд. Вале дар ҳар саҳифаи Таврот маълум мешавад, ки чи хел Худо Исроилро дӯст медошт, вале халқ Ӯро рад мекард.*

### ***Муносибати шахсии ман ба Худо чӣ хел аст?***

Шогирд аз муаллим болотар нест (Матто 10:24). Фарзанд ҳам аз падар ё модараш табиатан пеш намеравад. Агар ман ҳамчун волидайн нисбат ба Худо бепарво буда, бо қоидаҳои худам зиндагӣ кунам, пас чӣ тавр фарзандонам метавонанд бо роҳи рост биравванд? Тарбияи фарзанд аз тарбияи худатон сар мешавад. Иҷозат диҳед, ки Худованд аввалан шуморо дигаргун кунад, то ки шумо ҳикмат пайдо намоед. Аз худ пурсед: Оё Худо дар дили ман ҳақиқатан дар ҷои якум аст? Оё ман мехоҳам, ки фарзандонам аз ҷиҳати рӯҳонӣ мисли ман шаванд?

### ***Фармонбардор будан***

Мо бояд ба фарзандонамон ибрат бошем. Мо аз кӯдаконамон металабем, ки онҳо фармонбардор бошанд. Фармонбардор будан на танҳо маънои онро дорад, ки одам гапгир бошад. Ин ибора хеле васеътар буда, на танҳо рафторамонро, балки бештар ҳолати моро дар назар дорад. Касе ки фармонбардор аст, вай сидқан қарор кардааст, ки бо фурӯтанӣ гӯш кунад. Шумо чӣ? Худро бисанҷед: оё шумо ба Каломи Худо фармонбардор ҳастед? Нисбати одамон чӣ? Китоб мегӯяд, ки занон ба шавҳарашон, кормандон ба раиси худ ва ҳама бародарон дар ҷамоат ба якдигар бояд фармонбардор бошанд (Эфс. 5:22.23 ва 6:5.6)

## 4. Бахшидан ва бахшиш пурсидан

*Масали писари гумроҳшуда чӣ тавр тамом мешуд, агар писари хурд тавба намекард? Ӯ ҳеҷ гоҳ дигар рӯи падарро намедид ва мумкин аст, ки дар хориҷ дар бало монда мемурд. Бахшиш пурсидани вай роҳи ҳалли муносибат байни ӯ ва падар буд.*

### ***Бахшидан***

Фарз кунем, писаратон дар пеши ҳама хешҳо рӯятонро сиёҳ мекунад. Баъдтар, вақте ки ҳама аъзоҳои оила баромаданд, вай ба худ омада мефаҳмад, ки хато кардааст ва аз шумо бахшиш мепурсад. Ҷавоби шумо чист? Аз рӯи Китоби Муқаддас танҳо як роҳ ҳаст: бахшидан. Павлус ба эфсӯсиён мегӯяд: “Ба якдигар меҳрубон ва дилсӯз бошед ва якдигарро афв намоед, чунон ки Худо низ моро дар Масеҳ афв менамояд“ (ояти 4:32). Дар ин оят бахшидани мо ба бахшидани Масеҳ монанд карда мешавад. Масеҳ чӣ хел мебахшад? Дарҳол, бе шарт ва пурра. Дар бораи мӯҳлат чизе гуфта нашудааст. Он фикр хатост, ки фарзанд бояд интизор шавад, то баъди чандин соат ё ҳатто, чӣ хеле ки дар баъзе оилаҳо одат шудааст, баъди чандин рӯз  падару модар эҳсон карда, ӯро бахшанд. Биёед, дар ин ҷо як чизи муҳимро ёд гирем: Бахшишро боздоштан ҷазои бад аст. Бахшиш даркор аст, то ки робита байни ду одам хуб шавад. Оё боз ҷазое дар мисоли боло даркор бошад ё не, дар ин  ҷо ҳал намекунем. Дар давоми курс мо мебинем, ки Худованд барои мо кадом воситаҳоро барои ҷазо додан пешбинӣ кардааст.

***Бахшиш пурсидан***

Дуруст аст, ки барои *бахшидан* фурӯтанӣ даркор аст. Вале барои *бахшиш пурсидан* боз зиёдтар сар фуровардан лозим аст. Худо тарбиягари комил аст, вале мо хато мекунем ва дар бачагони худ айбдор мегардем. Модаре нест, ки доим оромона ҷавоб диҳад, ва падаре нест, ки дар хафагӣ ҳама вақт худдорӣ кунад. Мо медонем, ки Китоби Муқаддас моро ёд медиҳад, ки аз ҳамдигар бояд бахшиш пурсем. Набошад, чӣ монеаест, ки ман аз фарзанди худам бахшиш напурсам? Обрӯи ман? Номи ман? Фиреб нахӯред, аз ҳама дер дар наврасӣ фарзандатон мефаҳмад, ки шумо комил нестед, ва баъд шуморо барои дурӯягиятон хор мебинад. Мо масеҳиён на бо қоидаҳои ин ҷаҳон зиндагӣ мекунем. Каломи Худо ба мо мегӯяд, чӣ хуб, чӣ бад аст. Ва Худо намегӯяд, ки "танҳо агар дигар кас аз ту калон бошад, бахшиш пурс"! Сарамонро хам кунем, ва аз фарзандони худ узр пурсем. Фикр накунед, обрӯятон мерезад, баръакс: барои ростӣ фарзандонатон шуморо зиёдтар дӯст медоранд – ва аз шумо ёд гирифта, худашон низ бахшиш мепурсанд.

Лекин ба ҳақиқати боло фикри дуввум баробар муҳим аст: метавонад чунин шавад, ки волидайн бахшиш пурсидани фарзандро интизор намешаванд, ва аллакай расман мебахшанд. Албатта дар диламон мо бояд ба шароит нигоҳ накарда, зуд бубахшем, вале танҳо ин калимаи "мебахшед" муносибатро ҳал менамояд! Вагарна писар ё духтари шумо хаёл мекунад, ки бо Худо ҳамин тавр рафтор карда метавонад. Акнун мо аз Китоби Муқаддас медонем, ки ягона роҳ сӯи Худои Падар ба воситаи имон ба Масеҳ ва бахшидани гуноҳҳои мо ба воситаи хуни Ӯ мебошад. Агар фарзанд дар пеши шумо бахшиш пурсиданро ёд нагирад, вай инро дар пеши Худованд ҳам намекунад. Мо ба кӯдакони мо аз рӯзе ки як-ду садо мебароваранд, ёд медиҳем, ки бояд ҳангоми хато кардан на танҳо аз мо волидайн, балки аз он одаме ки нисбати ӯ гуноҳ карданд, бахшиш пурсанд. Бовар кунед, ин барои тифли якунимсола осон нест. Вале фикр накунед, ки ин душвор аст, чунки кӯдак майда аст ва сарфаҳм намеравад, ки волидайн чӣ мехоҳанд. Ин тавр нест. Кӯдак ҳамаашро хуб мефаҳмад. Мушкилӣ дар ин аст, ки вай <u>намехоҳад!</u> Вай аллакай фахр дорад ва хоҳиш надорад, ки сарашро хам кунад. Агар дар гапатон истода, ин бахшишро биталабед – ҳатто то дараҷаи ҷазо додан – ва шумо мебинед, ки фарзандатон ба ин кор одат мекунад, ва худро баъди бахшиш пурсидан сабук ҳис менамояд.

## 5. Таъсири падар

*Аввал чунин менамояд ки тарбияи падар ба писари хурд фоида надошт. Танҳо дар мусофирату бечорагӣ ҷавон ба худ омада, некии падарашро ба хотир меоварад. Ӯ хуб дар ёд дорад, ки падар чӣ хел некдилона муздуронро қабул мекард. Фарз мекунем, фарзанди шумо дар дурӣ дар бораи шумо меандешад. Чӣ фикр мекунед, фарзандатон дар бораи шумо чиро ба хотир меоварад?*

### ***Таъсири мо***

Олимон ҳамфикранд, ки кӯдакон то панҷсолагӣ чунон бисёр чизҳоро ёд мегиранд, ки дар тамоми умрашон дигар ин қадар намеомӯзанд. Ҳангоми тарбия бист сол муддати дароз менамояд, вале ҳама волидайне ки фарзандро то ба балоғаташ расондаанд, мегӯянд, ки вақт тез гузаштааст. Бист сол нисбат ба як умри 70-сола кам аст. Ва нисбат ба таърихи дунё ё ҳатто абадият ҳеҷ аст. Вале ин бист сол фурсати мо волидайн аст. Бист сол шумо вақт доред, ки тухми Каломи Худоро ба дили фарзандатон кошта, онро нигоҳ доред. Ҳеҷ вақт дигар ба одами зинда ва қиматбаҳо ин қадар таъсир расонда наметавонед! Чӣ мешуд, ки масеҳиён ин имкониятро пай бурда, фарзандонро на барои ин ҷаҳон, балки барои Исои Масеҳ калон кунанд?

## 6. Барои фоидаи фарзанд

*Агар падар танҳо фоидаи худро дар назар медошт, вай сари роҳ писарашро чашм-интизор намешуд. Ин ҷавон ними давлати падарро хӯрда буд. Ӯ метавонист бачаашро аз пешаш ронад ва гӯяд, ки ӯ аввал пул пайдо карда, баъд ба хона баргардад. Аммо ин падар рӯи хотири ҷони фарзанд розӣ буд, ки ӯро бахшад.*

Дар тамоми давраи тарбияву калонкунии фарзанд барои шумо бояд муҳим бошад, ки чӣ ба писар ё духтаратон фоида меоварад. Ин маъно надорад, ки шумо ба кӯдакатон ҳама чизро бояд бихаред ва ба вай барои ҳама корро кардан иҷозат диҳед. Ҳеҷ гоҳ! На ҳама чизе ки ин дунё ба бачагон пешкаш мекунад, фоидаовар аст.  Ҳам ёрдам додан дар корҳои хона ба онҳо бисёр фоида мерасонад. **Аммо гап дар ин аст, ки чӣ тавре ки Худо ба мо ҳамаашро барои фоидаи мо медиҳад, мо низ бояд фоидаи кӯдакро дар назар дошта бошем**.

### ***Обрӯи ман***

Ман оилаҳоро дар ҷаҳон дидам, ки кӯдаконашон аз саҳар то бегоҳ кори калонсолонро мекарданд. Хурсандӣ дидан, ба боғ рафтан ва ҳатто ҳар рӯз мактаб рафтанро намедонистанд. Ҳар гоҳе ки пул мешуд, волидайн албатта на ба фарзандон, балки волидайн ба худ чизеро мехариданд. Оё ҳамин тавр мо ба фарзандон меҳри Худоро нишон медиҳем?

Хурд ва майда будани фарзандамон метавонад ба мо васваса бошад. Хусусан одамоне ки дар умрашон бисёр вақт паст зада мешуданд, акнун аз фарзандашон қасос мегиранд, гӯё ки ягон қурбонӣ ёфт шуд.

Як мисолро мебинем: Дар мактаб ҳама волидон ҷамъ шуда буданд. Як ҳамсинфи духтарам ба саволи муаллима ҷавоб дода натавонист. Албатта модари ин духтараки бечора ҳис кард, ки обрӯяшро гум карда истодааст. Барои ҳамин ӯ кӯдакро ҷанг намуда,  асабонӣ гуфт: “Гов шуда, ин ҷо омадаӣ?“ Ин зан чӣ кор

кард? Вай розӣ шуд, ки фарзанди худро хафа кунад, то ки обрӯи худро нигоҳ дорад.

Оё обрӯи мо аз фарзанди мо муҳимтар аст?

Дар бораи он ки гуфтори шахси масеҳӣ аз сухангӯии аҳли ҷаҳон бояд фарқ кунад, дар давоми курс гуфта мешавад.

## 7. Фарзандони калон низ мӯҳтоҷи оғӯши волидайн ҳастанд

*Падар писараашро на танҳо бо саломи расмӣ пешвоз гирифт. Мо мехонем, ки ӯ "вайро оғӯш кашиду бӯсид". Вай падаре буд, ки ҳис карда мешуд.*

### *Фарзанд мӯҳтоҷи паноҳгоҳ аст*

Тифлеро бардоштан кори оддӣ аст ва ба аксарияти одамон ин мефорад. Кӯдакон худашон пеши модар меоянд, ҳангоме ки мехоҳанд навозиш карда шаванд. Ҳар қадар фарзанд калонтар шавад, аз худ оғӯшро камтар меҷӯяд. Баъзе модарон писар ё духтари калонтари худро ҳатто тела медиҳанд ва насиҳат медиҳанд, ки вай акнун калон шудааст. Вале фикр накунед, ки танҳо аз барои он ки онҳо калонанд, мӯҳтоҷи навозиш нестанд. Шумо барои онҳо паноҳгоҳед, ҷое ки дар он онҳо хотирҷамъанд. Агар шумо ҳамчун падар ё модар ин навозишро ба фарзанд надиҳед, пагоҳ як ҷавони бегона инро ба духтаратон ё як духтари расво ба писаратон пешниҳод мекунад.

**ДАРСИ 2**

# Нӯҳ ва Лут

## Нӯҳ

*Ва Худованд дид, ки бадкирдории одамизод дар замин бисёр аст, ва ҳамаи фикру андешаҳои дили ӯ ҳамеша фақат бад аст. (Ҳастӣ 6:5)*

*Аммо Нӯҳ дар назари Худованд илтифот ёфт…. Нӯҳ марди одил буд, ва дар насли худ покдоман; Нӯҳ пеши Худо роҳ мерафт. (Ҳастӣ 6:8)*

*Ва Худованд ба Нӯҳ гуфт: "Ту ва тамоми аҳли байтат ба киштӣ дароед; зеро ки туро дар ин насл пеши Худам одил дидам. (Ҳастӣ 7:1)*

*Ва Нӯҳ, ва писаронаш, ва занаш, ва занони писаронаш бо ӯ аз боиси оби тӯфон ба киштӣ даромаданд. (Ҳастӣ 7:7)*

*Ва Нӯҳ ба коркарди замин шурӯъ намуд, ва токзоре шинонд. Ва шароб нӯшида, маст шуд, ва дар хаймаи худ бараҳна хобид. Ва Ҳом, падари Канъон, аврати падари худро дид, ва берун баромада, ба ду бародараш нақл кард. Сом ва Ёфат ҷомаро гирифта, бар китфи худ партофтанд, ва ақибнокӣ рафта,*

*аврати падари худро пӯшонданд; ва азбаски рӯяшон ба ақиб нигаронида шуда буд, онҳо аврати падари худро надиданд. Ва Нӯҳ аз нашъаи шароби худ ҳушёр шуда, фаҳмид, ки писари хурдияш дар ҳаққи ӯ чӣ кор кардааст; ва гуфт: "Канъон малъун бод; пеши бародарони худ бандаи бандагон бошад". (Ҳастӣ 9:20 – 25)*

# Лут

*Ва он мардон ба Лут гуфтанд: "Оё каси дигаре дар ин ҷо дорӣ? Домодон, ва писарон, ва духтарони худ, ва ҳар киро, ки дар шаҳр дорӣ, аз ин макон берун овар. Зеро ки мо ин маконро маҳв хоҳем кард; чунки фиғон аз дасти онҳо пеши Худованд бисёр шудааст, ва Худованд моро фиристод, ки онро маҳв созем". Ва Лут берун рафта, бо домодонаш, ки духтарони ӯро гирифтанӣ буданд, гап зад, ва гуфт: "Бархезед, аз ин макон равед; зеро ки Худованд ин шаҳрро маҳв мекунад". Вале ба назари домодонаш чунин намуд, ки ӯ ҳазлбозӣ мекунад. Ва ҳангоми дамидани субҳ он фариштагон Лутро шитоб кунонда, гуфтанд: "Бархез, зани худро бо ду духтаре ки пешат ҳастанд, бигир, то ки аз боиси гуноҳи ин шаҳр нобуд нашавӣ. (Ҳастӣ 19:12 – 15)*

*Вале зани Лут аз ақиби ӯ нигарист, ва сутуни намак гардид. (Ҳастӣ 19:26)*

*Ва Лут аз Сӯар баромад, ва бо ду духтари худ дар кӯҳ маскан гирифт: зеро ки аз сокин шудан дар Сӯар тарсид, ва бо ду духтараш дар мағорае сукунат ихтиёр кард. Ва духтари калонӣ ба хурдӣ гуфт: "Падари мо пир шудааст, ва марде бар рӯи замин нест, ки аз рӯи одати тамоми замин бо мо бихобад. Биё, падари худро шароб нӯшонем, ва бо ӯ бихобем, то насле аз падари худ нигоҳ дорем". Ва ҳамон шаб падари худро шароб нӯшонданд, ва духтари калонӣ омада, бо падари худ хобид, ва ӯ аз хобидан ва хестани вай огоҳ нашуд. Рӯзи дигар духтари калонӣ ба хурдӣ гуфт: "Инак, дишаб бо падарам хобидам; имшаб низ ӯро шароб нӯшонем, ва ту даромада, бо ӯ бихоб, то ки насле аз падари худ нигоҳ дорем". Он шаб низ падари худро шароб нӯшонданд, ва духтари хурдӣ бо ӯ хобид, ва ӯ аз хобидан ва хестани вай огоҳ нашуд. Ва ҳар ду духтари Лут аз падари худ ҳомила шуданд.*
*(Ҳастӣ 19:30 – 36)*

# 1. Боварии фарзандатонро ба даст оваред

*Фарзандони Нӯҳ гапи падарро гирифта, ба киштӣ даромаданд. Чунин менамояд, ки онҳо бе эътироз бо падарашон киштиро сохтанд, дар сурате ки ин барои атрофиён хандаовар буд.*

*Лут бошад танҳо хандаи домодонашро ҳосил кард. Худаш, занаш ва духтаронашро фариштагон маҷбур карданд, ки гурезанд.*

*Дар ин ду достон ҳар дафъа падар аз доварии меомадаи Худованд огоҳ мекунад, вале ба яке аз падарон гуё кӯр-кӯрона бовар менамоянд, ба дигараш бошад не. Мо низ медонем, ки рӯзи*

*довариии Худованд наздик аст ва мо одамҳо бояд тайёрӣ бубинем. Набошад савол ба шумо: Оё фарзандони шумо ба гапатон ҳангоми огоҳ карданатон эътиқод доранд?*

## Дили чӯбин

Як падар писаре дошт, ки нав ба синфи як дохил шуда буд. Вай дар мактаб аз коғаз дил буриданро ёд гирифт. Вай газетаи кӯҳнаро гирифт ва сурати дил буридан гирифт, вале ҳар қадар кӯшиш кард, ягонто аз инҳо зебо нашуд. Ғамгин шуда, ин кӯдак гиря кард. Падараш дар асл бо ин писар робитаи нағз дошт, вале вақте ки вай ин бачаро дар пеши чандто дили каҷу қилеб дид, хандааш омад. Ин писарча хандида наметавонист. Барои ҳамин аз падар рӯй гардонд, ва дар кунҷ корашро давом дод. Чандин рӯз ин фарзанд буридани дилҳоро машқ кард, аммо худро аз падар дур кашид ва бо вай нишастан нахост. Чӣ шуд? Ин падар боварии фарзандашро гум кард. Барои бача ин кор муҳим буд. Лекин падар ӯро писханд намуд. Коре ки ба фарзанди ман муҳим аст, барои ман бояд низ муҳим бошад.

Дар ин мисол падар чӣ кор кард? Ӯ метавонист гӯяд, ки ин рафтори кӯдакона ба вай даркор нест, ва интизор мешуд, ки бача ин корро фаромӯш кунад. Ё ӯ метавонист хафа шуда, бигӯяд ки бачааш духтарфеъл аст. Лекин ин падар донотар буд, ӯ медонист, ки дар ин хел лаҳзаҳо ӯ бояд ба писараш исбот кунад, ки ӯ лоиқи боварияш аст. Бинобар ин ӯ фарзандашро даъват карда гуфт: “Биё, рафтем пеши ҳезум. Мо арраро мегирем, ва якҷоя як дили чӯбин месозем“. Писараш дар аввал ҳайрон монда, бо шубҳа ба чашмони падар нигоҳ кард. Баъд ӯ боз бо боварии пештара дасти падарро гирифт ва онҳо рафтанд ва дили чӯбин сохтанд.

Ин падар медонист, ки агар писарча ба ӯ дар кори майда бовар кунад, писар дар наврасӣ дар корҳои калонтар низ эътимод хоҳад дошт.

## Боварӣ

Мо метавонем, ҷамъбаст кунем, ки чӣ хел шумо метавонед боварии фарзандатонро хосил намоед:

1. Аз майдагии фарзанд муносибати хубро ба ӯ нигоҳ доред.
2. Коре ки барои фарзандатон муҳим аст, бояд барои шумо низ муҳим бошад.
3. Ҳангоме ки фарзанд рози дилашро ба шумо гӯяд, ба дигарон нагӯед.
4. Ба ақидаҳои кӯдаконааш ё нодонияш нахандед.

## Рост будани шумо

Дурӯғ ва дурӯягӣ душманони ҳар муносибат байни ду одаманд. Ҳамчун масеҳӣ медонем, ки дурӯғ гуфтан тамоман мумкин нест. Агар ман дар пеши фарзандонам дурӯғгӯ шавам, вайро гумроҳ мекунам, ва кӯдак дигар намедонад, кай ман рост мегӯям. Агар ман дар майдагӣ ба вай гӯям: “ Гург меояд, тез ба хона даро“, чунки ман мехоҳам, ки вай зудтар пешам биёяд, вале дар наврасӣ

ба вай мегӯям: ”Исои Масеҳ барои ту мурд ва зинда шуд“, фарзанд аз куҷо медонад, ки гапи ман акнун дуруст аст? Тифлакҳоро дар майдагӣ аллакай тарсонда, мегӯянд: “Агар фалон кор кунӣ, духтур меояд ва туро укол мекунад“. Илова ба ин ки шумо дурӯғгӯ шудед, фарзанди шумо дар вақти ба духтур рафтан ҳазор азоб мебинад, чунки табибонро ганда кардед. Китоби Муқаддас моро даъват мекунад: “Сухани шумо: “оре, оре“ ва “не, не“ бошад; он чи зиёда аз ин бошад, аз иблис аст” (Матто 5:37).

## 2. Нақша барои оила

*Нӯҳ метавонист дар замони расво ва бехудо гӯяд, ки беҳтараш як писар дошта бошаду бас, вале вай ба он фарзандоне ки Худо ба вай дод, розӣ шуд.*

### Кӣ ё чӣ ин маъсаларо ҳал мекунад?

Ду маротиба Худо ба тамоми одамизод мефармояд, ки серфарзанд шаванд: якум бор ба Одам (Ҳастӣ 2:28) ва дуввум бор ба Нӯҳ (Ҳастӣ 9:1). Вале агар ба насли мо нигоҳ кунем, савол пайдо мешавад, ки барои чӣ набошад хонаводаҳо – хусусан дар шаҳр – камшумор мебошанд. Кампулӣ ва шароити умумӣ ҳамчун сабаб оварда мешаванд. Фарзанддорӣ ҷавобгарии калон аст ва аз назари Китоби Муқаддас дуруст аст, ки мо ҳамчун волидайн бояд фарзандонамонро бо чизҳои даркорияшон таъмин кунем. Албатта мо барои ризқу рӯзӣ ва саводашон ғамхорӣ мекунем. Вале оё Худо инро дар Инҷил пешбинӣ нанамудааст? Мо бовар мекунем, ки агар одам ба Исои Масеҳ сахт ихлос дорад, Ӯ ҳамин оиларо таъмин мекунад. Ман оилаҳои масеҳиро дар Руминия дида будам, ки 10 – 15 фарзанд доштанд ва онҳоро бо мушкилӣ ва дар камбағалӣ калон мекарданд, аммо ба Худованд таваккул менамуданд. Ва онҳо метавонистанд гувоҳӣ диҳанд, ки Падари осмонӣ барои онҳо ҳамеша ғамхорӣ менамуд. Акнун фарзандонашон калонанд ва ин волидайн аз набераҳои зиёд шод мешаванд.

Мумкин дар ҷамъият ба серфарзандӣ дигар одат нест ё хешу табор инро беақлӣ мегӯяд. Лекин бинед, серфарзандӣ дар Китоби Муқаддас баракати махсус дорад (Заб. 126:3-5). Набошад ба чӣ бояд гӯш кард?

### Дар дил ҷо бошад, дар хона низ ҷо ҳаст

Як модар гуфт – ва вай шароити комил надошт: ”Агар дар дил ҷо бошад, дар хонаи мо барои фарзанд низ ҷо ёфт мешавад.” Худо ба бандагони Худ ваъда карда буд, ки моро бо ҳар чизе ки барои рӯзгори мо даркор аст, таъмин мекунад (Матт. 6:30 - 33). Кошки мо доим ба Исои Масеҳ такя мекардем! Чанд бор мо баракати Худоро аз даст медиҳем, чунки дар бовар сустем.

***Агар модар натавонад, чӣ?***

Истисно саломатии модар мебошад. Саломатии як зан аз зани дигар албатта фарқ дорад ва шояд як зан зиёд таваллудҳоро намебардорад (ё ҳамту ҳомила намешавад). Вале бояд гуфт, ки барои масеҳӣ исқоти ҳамл (=аборт кардани фарзанд) ҳеҷ мумкин нест. Аз рӯи Китоби Муқаддас аз якум рӯзи ҳомиладорӣ тифл одам аст (Заб. 138:16 ва Ирм. 1:5). Дар ин ҷиҳат бояд гуфт, ки на ҳама воситаҳоеро ки духтурҳо ба модарон барои ҳомила нашудан пешниҳод менамоянд, барои масеҳиён равоанд (спирал ва таблеткаҳо дар ин ҷо бояд номбар шаванд, зеро ки онҳо ҳомила нашуданро кафолат намедиҳанд).

## 3. Покиро нигоҳ доштан

*Ҳом бо хандидани худ айбдор гашт. Нӯҳ ӯро барои рафтори ношоям на танҳо сарзаниш дод, балки лаънат хонд.*

*Лут бошад духтаронашро барои гуноҳи пастахлоқашон ҳатто насиҳат намедиҳад.*

## 4. Мақсади тарбия

*Сохтани киштӣ исботи бовари  Нӯҳ шуд. Нӯҳро барои ҳамин шоҳкориаш дар тамоми ҷаҳон мешиносанд. Писарони ӯ дар сояи сохтмони ин киштӣ роҳ гаштанро ёд гирифтанд, калон шуданд ва дар охир боз ба падар ёрдам медоданд. Мақсади зиндагии падар низ маркази оилааш шуд. Ҳама кор ба ин амал вобастагӣ дошт.*

*Лут бошад фарзандонашро барои рӯзи доварӣ тайёр накарда буд. Вай фарзандонашро дар зери таъсири шаҳри Содӯм калон кард. Ва хашми Худо мисли барф болои сар фурӯ рехт. Чунин метобад, ки Лут писарон дошт (Ҳастӣ 19:12), ки дар он оташборон ҷон доданд. Мақсади Лут чӣ буд, гуфта намешавад, вале маълум  аст, ки ӯ фарзандонашро барои ин дунё калон карда буд.*

***Мақсади аниқ***

Аксари падарону модарон ҳеҷ гоҳ аз худ напурсидаанд, ки барои фарзандонашон кадом мақсадҳоро доранд. Онҳо барои калон кардани онҳо методҳоро пайдо намекунанд. Танҳо касе ки мақсадашро медонад, метавонад роҳе ёбад, ки ӯ ва фарзандашро ба он тараф мебарад.

Ба худ савол диҳед: Фарзанди ман чӣ хел ин ҷумларо анҷом медод: “Падару модари ман мехоҳанд, ки ман…”?

***Мақсадҳои муқобили Инҷил***

Дар ҳар бобат мо албатта барои фарзандонамон барорро орзумандем. Вале савол ин аст, ки барор барои онҳо чист?

Мақсади нодурусти 1-ум: дониш

Мо чун волидайн ӯҳдадории бузурге дорем, ки барои саводу дониши фарзандон ғамхорӣ намоем. Дар хизмат барои Худо дониши умумӣ бисёр фоида мерасонад, вале дониш дар худ мақсад буда наметавонад. Каломи Худо ёд медиҳад, ки хирадманд бо хиради худ наболад (Ирм. 9:23). Дар таърих бисёр номдорон ҳастанд, ки бо диплому ифтихорнома донишгоҳҳои беҳтаринро тамом карданд, вале дар зиндагӣ шикаст хӯрданд.

Мақсади нодурусти 2-юм: одоб

Баъзе волидайн кӯдаконро барои одоб калон мекунанд. Аз ҳама муҳим аст, ки онҳо дар ҳар ҳолат донанд, ки чӣ хел боодобона рафтор намоянд. Мо мехоҳем, ки фарзандони мо дар зиндагии иҷтимоӣ намуна бошанд. Дар меҳмондорӣ онҳо бояд комил бошанд. Духтарон албатта донанд, ки чиро ва дар куҷо болои дастархон монанд. Писарон бомулоҳиза сӯхбат кунанд. Мо медонем, ки ин гуна ҳунарҳо дар ин дунё барои барори шахсӣ даркоранд. Ба мо писанд меояд, ҳангоме ки фарзандони мо дар ин ҷиҳат пеш мераванд.

Боодоб будани фарзандон албатта хуб аст, вале одоб чун мақсади зиндагӣ кам фоида дорад. Бояд гуфт, ки агар одам аз рӯи Инҷил фарзандонашро калон кунад, одоби даркориро кӯдак ҳатман ёд мегирад, вале ин одоб фақат ба мақсади асосӣ илова карда мешавад ва дар худ мақсади мо нест.

Ҳар модар ё падар таҷриба кардааст, ки дар ҷамъият ҳис карданд, ки онҳо бояд писар ё духтаронашро ислоҳ кунанд, чунки дигарон инро интизор буданд. Шояд шумо дар байни хешу табор сари дастархон нишаста будед ва кӯдакатон ягон коре кард, ки шумо фаҳмида тавонистед, вале атрофиён нишон доданд, ки рафтори фарзандатон шоистаи ҷазост. Шумо худро маҷбур кардед, ки зидди фикри худ писарчаро ҷанг кунед. Дар ин лаҳза чӣ кор кардед? Оё ин хуб буд? Ман ба шумо мегӯям, ки не! Назари шумо ба *рафтори* кӯдак буд. Барои шумо роҳи ҳал фикри одамони дигар буд, на он чи Худо меандешад. Фаромӯш накунед, шумо дили фарзандро бояд ёбед. Бинед, хатарест, ки агар танҳо ба хотири дигарон кӯдакро ислоҳ кунед, фарзанди шумо ёд мегирад, ки танҳо рӯякӣ итоат кунад ва вақте ки ҳеҷ кас нест, вай ҳар чӣ хоҳад, мекунад. Вале Китоби Муқаддас мегӯяд, ки ҳар коре ки мо мекунем, бояд барои ҷалоли Худо ба ҷо оварем (1Қӯр. 10:31).

Волидоне ҳастанд, ки барои кӯдакон мақсади дигар надоранд, онҳо танҳо мехоҳанд бар онҳо зӯр бароянд. Онҳо мехоҳанд, ки фарзандон танҳо итоат намоянд ва дуруст рафтор кунанд. Эҳтиёҷоти фарзандро ба назар намегиранд. Онҳо танҳо мехоҳанд, ки кӯдакон обрӯи падар ё модарро пеши мардум баланд кунанду бас.

Мақсади нодурусти 3-юм: пулпарастӣ

Агар на Худо, балки пул ҳама масъалаҳои оилаи моро ҳал мекунад, кӯдак меомӯзад, ки пул доштан аз меҳр нисбати Худо муҳимтар аст. Ҳайрон нашавем, ки ин тавр фарзандонамонро аз Худованд дур ва гумроҳ мекунем.

Аз худатон пурсед: Оё ин ё он мақсади нодуруст ба тарбияи ман таъсир мекунад?

## ***Мақсади дуруст аз рӯи Инҷил***

Дар як ҷумла мақсади дурустро навишта мешавад: *"Одам вазифадор аст, ки ба воситаи зиндагияш ба Худо бузургӣ диҳад ва доим аз Ӯ шод шавад"*. Ин чӣ маъно дорад? Ин маънои онро дорад, ки кӯдак бояд ёд гирад, ки ҳар фаъолияташ, ҳар ҳунараш, тамоми донишаш; ҳа, тамоми вуҷудашро ба Худо бахшад. Ҳама фикрҳо ва амалҳо бояд ба ин мақсад, *ба Худо бузургӣ додан ва аз Ӯ шод шудан,* дахл дошта бошанд. Аз майдагӣ ба духтарону писарон ёд диҳед, ки онҳо дар сурати Худо *барои Худо* офарида шудаанд (Қӯл. 1:16). Онҳо бояд бифаҳманд, ки онҳо танҳо *дар Худо* комрон мешаванд. Агар фарзанди шумо дар калонсолӣ аз сидқи дил гуфта тавонад: "Кист барои ман дар осмон? Ва бо Ту дар замин хоҳони чизе нестам"(Заб. 72:25), шумо ба мақсад расидед. Ва агар орзуятон барои фарзандатон ҳамин бошад, пас ғамхорӣ намоед, ки зиндагии ҳаррӯзаатон ба ин мақсад мувофиқат кунад.

Аз худатон пурсед: Шумо чӣ мақсад доред? Шумо дар фикру хаёл рӯз ба рӯз бо чӣ машғулед? Шуморо фикри он, ки мо барои ҷалоли Худо зиндагӣ кунем, хурсанд мекунад ё не?

Шумо бо ин ё он сухан ба фарзанд ишораеро медиҳед, ки барои шумо чӣ муҳим аст. Ҷумлаҳои зеринро аз назар гузаронида, фикр кунед, ки бо онҳо шумо айнан чиро мегӯед: "Ман танҳо мехоҳам, ки ту бо тамоми кувват кор кунӣ". Ё: "Аз ҳама муҳим саломатист". Ё: "Бе баҳои 5 туро дигар набинам".

# **5. Хабари Хушро чун хабари хуш таълим диҳед!**

*Худи Нӯҳ ки писаронашро ба киштӣ даъват кард, наметавонист ба инҳо наҷот бидиҳад. Дар Китоби пайғамбар Ҳизқиёл мо мехонем: "Гарчанде ки Нӯҳ, Дониёл ва Айюб андаруни он бошанд, ба ҳаёти Худам қасам ки, мегӯяд Худованд Худо, онҳо писаре ва духтареро раҳо нахоҳанд кард: онҳо бо адолати худ (яъне он росткорӣ ки танҳо дар асоси хуни Исои Масеҳ аст) фақат ҷонҳои худро раҳо хоҳанд кард (Ҳиз. 14:20).*

Дар Китоби Муқаддас ба мо ваъда дода нашудааст, ки фарзандони мо албатта наҷот меёбанд. Мо наметавонем, фарзандонамонро ба Исои Масеҳ "бовар кунонем", вале мо метавонем Хушхабари Сарвари моро ин тавр ба писарону духтаронамон пешкаш кунем, ки рад кардани он ба онҳо бисёр душвор мешавад. Агар ман Наҷотдиҳандаи ман Исои Масеҳро сидқан дӯст дорам ва орзу дорам, ки аз рӯи Каломи Худо зиндагӣ кунам, ҳеҷ чиз нест ки аз ин бисёртар фарзандонамро ба Ӯ ҷалб

кунад. Чунки дар он лаҳза ман мехоҳам ба фарзандам бигӯям, ки Худо дар зиндагии ман чӣ кор кард. Ман нақл мекунам, ки чӣ хел ӯ дуоямро мешунавад, чӣ хел ман гуноҳ карда, бозгашт мекардам ва то ҳол аз вай барои гуноҳҳоям бахшиш мепурсам. Вале эҳтиёт! Дурӯягӣ дурӯғ дар амал аст ва бачагон дурӯягиро аз ростӣ тез фарқ карда метавонанд. Агар шумо сари дастархон ҳамсояатон ё раисатонро паст занед, вале бегоҳӣ ба фарзандон мегӯед, ки онҳоро дӯст доштан ва барои онҳо дуо кардан даркор аст, шуморо ҳамчун фиребгар мешиносанд, шояд худашон ҳам ҳамин тавр мешаванд. Бинед, зиндагии Нӯҳ писаронашро дилпур сохт, ки он чи Нӯҳ ёд медиҳад, ҳақ асту рост. Барои ҳамин, вақте ки онҳо калон шуданд, бешубҳа бо ҳамон роҳ мерафтанд.

## **6. Ибодат дар оила**

*Чунин менамояд, ки барои Нӯҳ дуо кардан дар пеши фарзандонаш мисли нафаскашӣ оддӣ буд (Ҳастӣ 8:20 ва 9:25). Лут бошад барои огоҳӣ оиди доварии Худо ки ба домодонаш расонд, чун масхарабоз тофт. Онҳо одат накарда буданд, ки Лут дар бораи Худо сухан гӯяд.*

### ***Оила омӯзишгоҳи илоҳист***

Худованд ба мо аз аввал дар бораи омӯхтани Китоби Муқаддас ба фарзандонамон фармудаи муҳиме дод: *”Ва ту Худованд Худои худро бо тамоми дили худ, ва бо тамоми ҷони худ, ва бо тамоми қуввати худ дӯст бидор. Ва ин суханон, ки ман имрӯз ба ту амр мефармоям, бигзор бар дили ту бошад, ва онҳоро ба писаронат талқин бикун, ва ҳангоми нишастанат дар хонаи худ, ва ҳангоми роҳ рафтанат, хобиданат ва бархостанат дар бораи онҳо гуфтугӯ намо“ (Так. Шар. 6:5 – 7).*

Чӣ хеле ки мо аллакай дидем, таълим додани назария танҳо он вақт фоида дорад, ки зиндагиямон ба он мувофиқат кунад. Бинобар ин порчаи боло на аз тарбия додан, балки аз тарбия ёфтани худамон сар мешавад. Аввал диламонро ҷӯр кунем, баъд бо вазифаи ёд додани Каломи Худо ба фарзандонамон машғул шавем.

Нӯҳ фарзандонро аз рӯи хости Худо калон кард ва ба воситаи Ӯ ба тамоми одамизод баъди тӯфон Каломи Ӯ расонида шуд. Ва Худо фармон дод: *”Ки онҳоро (шаҳодот) ба фарзандони худ маълум кунанд, то ки насли оянда, фарзандоне ки таваллуд хоҳанд шуд, бидонанд, ва бархезанду ба фарзандони худ ҳикоят кунанд“ (Заб. 77:5 – 6).* Марҳамат, ҳисоб кунед, чанд насл ба воситаи як волидаи рӯҳонӣ баракат меёбад!

Агар Лутро ба хотир оварем, мефаҳмем, ки ӯ аз ҷиҳати рӯҳонӣ суст буд, агарчи наҷотёфта буд (2Петр. 2:7). Духтарони вай ба рафтори ҷаҳониён ин тавр тақлид карданд, ки онҳоро имондор гуфтан мумкин нест. Вале дар бораи насли сеюм, писарони ин духтарон, мо медонем, ки онҳо ҳатто душманони халқи Худо гаштанд!

## ***Нишастан дар хонаи худ***

Агар ҳушамон ба Худо аст, осон аст ҳар чиро таҷриба кунем, бо Каломи Худо пайванд кунем. Барои фаҳмондан вақт ёбед. Мо бо калонсолон мешинем, сӯҳбат мекунем ва дар бораи ҳар чизи каму беш муҳим фикрҳоямонро ба ҳамдигар мерасонем. Бовар кунед, бо кӯдаконатон сӯҳбат кардан бисёр шавқовар мебошад. Фарзанд дар асл саволҳои беҳад бисёр дорад, ва агар шумо ба вай ҷавоб надиҳед, вай ҷойи дигареро меёбад, ки дар он ҷо касе ба вай аҳамият медиҳад. Ин тавр нест, ки барои мо замон ҳамеша қулай бошад. Баъзе вақт мо монда шудаем ва мехоҳем хоб равем, дар он лаҳза яке аз фарзандон мегӯяд: "Ман намефаҳмам, ки чӣ хел Исои Масеҳ бармегардад". Ё: "Дар мактаб мегӯянд, аҷдоди одам маймун аст". Шумо метавонед ҷавоб диҳед, ки ҳозир бевақт шудааст ва вай бояд боз пагоҳ пурсад. Вале бовар кунед, пагоҳ вай дигар ин саволро ба шумо намедиҳад.

## ***Роҳ рафтан***

Фарзандатонро бо худ гиред. Рӯзона ба вай гулҳоро нишон диҳед, ки Худо чӣ хел онҳоро офаридааст. Шабона бо вай ситорагонро тамошо кунед. Ёд диҳед, ки Худо аз кайҳон бузуртар аст.

Рӯзе ман бо духтарчаам ба шаҳр баромада будам. Дар сояи як дарахт марди маст хоб буд. Акнун сӯхбати дерина сар шуд, ки барои чӣ одамоне ҳастанд, ки арақ менӯшанд, ва ин чӣ хел нақшаи Худоро барои одам ва оилааш вайрон мекунад. Дунёро бо чашмони Худо бинед.

## ***Хобиданат ва бархостанат***

Бо фарзанди худ дарс гузаронед, то дилпур буда тавонед, ки вай ҳар рӯз дар таъсири Каломи Худо аст. Гумон нанамоед, ки ҳар бегоҳ як соат бо бачагон бояд бинишинед. Ман волидонеро дидаам, ки бо ҳавас сар карда, дусоатӣ бо кӯдаконашон нишастанд. Хуб буд, албатта, вале баъди як ҳафта ғайраташон паст шуд, ва тамоман аз китобхонӣ даст кашиданд.

Барои худ нақша кашед, ки ҳар бегоҳ пеш аз хоб рафтани фарзанд як порчаи кӯтоҳро якҷоя бихонед. Китоби Таврот хазинаи пур аз достонҳо аст, ки бачагонро бисёр ҷалб карда, принсипҳои илоҳиро ёд медиҳад. Инчунин саргузашти Исои Масеҳ дар Инҷил на танҳо барои калонҳо шавқовар аст.

Агар фарзандонатон ҳанӯз майдаанд, шояд метавонед одат кунед, ки ҳар бегоҳ як ё ду сурудро якҷоя бихонед ва дуо кунед. Аллакай дар синни якуним то дусолагӣ бо Китоби Муқаддаси суратдор аз офариниш сар карда ба онҳо кӯтоҳ-кӯтоҳ нақл кунед. Вақте ки фарзандон калонтар шавад, аз худи Китоб хондан гиред.

Мо 12 сол боз ҳар рӯз дарс гузаронида истодаем ва дарк кардаем, ки на танҳо бачаҳои мо аз ин фоида диданд, балки мо, волидайн низ. Фарзандони мо илова ба дарси ҳаррӯза баъди иди Алифбо "Аввалин Китоби Муқаддаси Суратдори Ман"-ро тӯҳфа

мегиранд, ва бояд ҳар бегоҳ аз он бихонанд. Ин амалро дар аввал танҳо бо назорати падар ё модар иҷро карда метавонанд. Баъдан онҳо ба таври табиӣ ба хониши ҳаррӯза одат мекунанд.

Ояти мо низ саҳарро номбар мекунад, ки дар он вақт ҳам дар бораи Каломи Худо гап занем. Китоби Масалҳо барои ин воситаи хуб мебошад. Ҳар рӯз ҳангоми хӯроки саҳарӣ аз он Китоб ду ё се оятро пеш аз ба мактаб рафтани фарзандонатон бо онҳо бихонед ва кӯтоҳ фаҳмонед. Умуман Китоби Масалҳо дастуруламали зиндагӣ аст. Ҷиҳати зиндагӣ нест, ки дар ин китоб номбар намешавад.

Ба шумо ин қадар кӯшиш аз ҳад зиёд менамояд, вале бинед, барои дигар корҳо низ шумо ғайрат мекунед. Масалан модароне ҳастанд, ки тифлаконро аз нимсолагӣ аллакай ёд додаанд, ки тар накунанд. Барои ин кор онҳо ба хотири  ҳар ҷунбиши кӯдак аз ҷояшон меҷаҳанд ё аз пушти бача медаванд, то ки рӯяш доим тоза бошад. Офарин, модар, вале ба ман гӯед, ки оё он ӯҳдадории рӯҳонӣ, ки мо дорем, муҳимтар ва лоиқи сарфи  тамоми қувват нест?

**ДАРСИ 3**

# Исҳоқ ва Ривқо

*Ва Исҳоқ чилсола буд, ки Ривқо, духтари Батуили арамӣ ва хоҳари Лобони арамиро аз Фаддони Арам барои худ ба занӣ гирифт. Ва Исҳоқ пеши Худованд дар ҳаққи зани худ зорию илтиҷо кард, чунки вай бенасл буд; ва Худованд илтиҷои ӯро қабул кард, ва занаш Ривқо ҳомила шуд. Ва писарон дар батни вай ҷунбиш мекарданд, ва гуфт: ”Агар чунин бошад, ин ба ман барои чист?” Ва рафт, то ки аз Худованд бипурсад. Ва Худованд ба вай гуфт: “Ду қабила дар батни ту ҳастанд, ва ду қавм аз шиками ту ҷудо шаванд; ва қавме аз қавме зӯр барояд, ва калонӣ ба хурдӣ хизмат кунад“. Ҳастӣ 25:20-23*

*Ва чун Исҳоқ пир шуд, ва чашмонаш аз дидан оҷиз гашта буд, писари калонии худ Эсовро ҷеғ зада, гуфт: “Писарам!” Вай ба ӯ гуфт: “Лаббай!“ Ва ӯ гуфт: “Инак, пир шудаам; ва рӯзи аҷали худро намедонам: ва акнун асбоби худро, тирдон ва камони худро гирифта, ба саҳро бирав, ва нахҷире барои ман бигир, ва таоме барои ман, чунон ки дӯст медорам, тайёр карда биёр, то ки бихӯрам, ва ҷони ман, пеш аз мурданам, туро баракат диҳад“. Вақте ки Исҳоқ ба писари худ Эсов гап мезад, Ривқо шунид. Ва Эсов ба саҳро рафт, то ки нахҷире сайд карда биёрад; ва Ривқо ба писари худ Яъқуб гуфт: “Инак, падаратро шунидам, ки бародарат хонда, мегуфт: “Барои ман нахҷире оварда, таоме тайёр кун, то ки онро бихӯрам ва пеш аз мурданам туро пеши Худо баракат диҳам“. Ва акнун, писарам, сухани маро бишнав дар он чи ман туро амр мефармоям: Сӯи рама бирав ва аз он ҷо барои ман ду бузғолаи хубе бигир; ва ман аз онҳо таоме барои*

*падарат, чунон ки ӯ дӯст медорад, тайёр мекунам; ва онро назди падарат мебарӣ, ва ӯ мехӯрад, то ки туро пеш аз мурданаш баракат диҳад“. Ва Яъқуб ба модари худ Ривқо гуфт: “Бародарам Эсов марди мӯйдор аст, лекин ман марди бемӯй ҳастам. Шояд, падарам маро ламс намояд; ва ман дар назараш мисли ҳилагаре бошам, ва дар ивази баракат лаънат бар худ оварам“. Ва модараш ба ӯ гуфт: “Лаънати ту бар ман бод, писарам! Фақат сухани маро бишнав, ва рафта, барои ман бигир“. Ва ӯ рафт, ва гирифт, ва ба модари худ овард; ва модараш таоме тайёр кард, чунон ки падараш дӯст медошт. Ва Ривқо либоси бошукӯҳи писари калонии худ Эсовро, ки назди ӯ дар хона буд, гирифта, ба писари хурдии худ Яъқуб пӯшонид; ва пӯсти бузғолаҳоро бар дастҳо ва гардани бемӯи ӯ баст; ва таом ва нонро, ки тайёр карда буд, ба дасти писари худ Яъқуб дод. Ва ӯ назди падари худ омада, гуфт: ”Падарам!“ Гуфт: “Лаббай? Ту кистӣ, писарам?”Ва Яъқуб ба падари худ гуфт: “Ман нахустзодаи ту Эсов ҳастам; он чи ба ман фармудӣ, кардам; бархез, бинишин ва аз нахҷири ман бихӯр, то ки ҷонат маро баракат диҳад“. Ҳастӣ 27:1-19*

*Ва Эсов ба Яъқуб ба сабаби он баракате ки падараш ӯро дода буд, кина варзид; ва Эсов дар дили худ гуфт: “Айёми навҳагарӣ барои падарам наздик аст, ва он гоҳ бародари худ Яъқубро хоҳам кушт“. Ва Ривқо аз суханони писари калонии худ Эсов огоҳӣ ёфт; ва кас фиристода, писари хурдии худ Яъқубро хонд, ва ба ӯ гуфт: “Инак, бародарат Эсов осоиши хотир аз он дорад, ки туро бикушад. Ва акнун, писарам, сухани маро бишнав ва бархоста, назди бародарам Лобон ба Ҳоррон бигрез; ва муддате назди ӯ бимон, то хашми бародарат таскин ёбад, то ғазаби бародарат аз ту баргардад, ва он чи дар ҳаққи вай кардӣ, фаромӯш кунад. Ва он гоҳ кас фиристода, туро аз он ҷо меоварам. Чаро аз ҳар дуи шумо дар як рӯз маҳрум шавам?“ Ва Ривқо ба Исҳоқ гуфт: “Аз дасти духтарони ҳиттӣ аз ҷон безор шудаам; агар Яъқуб зане аз духтарони ҳиттӣ, мисли ононе ки духтарони ин заминанд, бигиранд, ба ман зиндагӣ чӣ лозим аст?“ Ҳастӣ 27:41-46*

## 1. Дил

*На танҳо Яъқуб дар ин достон айбдор аст. Мо гуноҳи худи Исҳоқро низ мебинем, ки ӯ пешгӯиҳои Худоро сарфи назар карда, писари калониро баракат додан мехост. Эсов бошад ҳеҷ ба хотир овардан нахост, ки ӯ дар ҷавонӣ барои як коса шӯрбо нахустзодагияшро фурӯхта буд ва инчунин Ривқо ҳила намуда, писарашро гумроҳ кард. Амалҳояшон ба мо дар бораи ҳолати дилҳояшон мегӯяд. Дар бораи дилҳои онҳо чӣ гуфтан мумкин аст? Агар Исҳоқ ганҷҳои осмониро бештар меҷуст, ба вай хӯроки бомаза ҳеҷ аҳамияте намедошт. Дили вай ба ченаки Худо ҷӯр карда нашуда буд. Виҷдон низ Эсовро ҳукм мекард. Вай аз таваллуд медонист, ки бародари хурдӣ бояд ба ӯ ҳукмрон шавад. Ва ҳангоми наскшӯрбо хӯрдан вай боз ва боз ба хотир меовард, ки баракати падарро аз даст дода буд. Дар дили Ривқо аз*

*майдагияш фиребгарӣ ҷо дошт (бо бародараш Лобон вайро муқоиса кунед). Гарчанде ин то ҳол маълум нашуд, акнун он чи ким-кай дар дилаш буд, аз даҳонаш баромад.*

Китоби Муқаддас ёд медиҳад, ки тамоми зиндагӣ аз диламон роҳбарӣ карда мешавад. Барои ҳамин Масалҳо 4:23 мегӯяд, ки "бештар аз ҳар чизи ҳифзталаб дили худро маҳфуз дор, зеро ки зуҳуроти ҳаёт аз он аст".

Зиндагии одам акси дилаш аст. Ё дигар хел гуфта метавонем, ки дил ба рафторатон таъсир мекунад. Он чи дар дили одам ҳаст, муайян мекунад, ки ӯ чиро ба забон меоварад ё чӣ кор мекунад. Дар Марқӯс 7:21-22 навиштааст: "Аз даруни дили одам хаёлоти бад, зино, фисқ, қатл, дуздӣ, тамаъ, кина, макр, ҳирс, чашми бад, куфр, ғурур ва ҷаҳолат пайдо мешавад". Ин амалҳои бад аз ботинамон - яъне аз диламон – пайдо мешавад.

Он чи кӯдаконатон мегӯянд ё мекунанд, оинаи дилашон аст. Ояти 45 дар Луқо боби 6 инро тасдиқ мекунад. Дар тарбия ин оятҳои дар боло номбаршуда роҳи ҳал ҳастанд.

## 2. Таъсир

*Аъзоёни оилаи Исҳоқ шояд он қадар хуб нафаҳмиданд, ки Худо бо интихоби нахустзода аниқ чиро мехост, вале ҳама фаҳмиданд – ва дертар Эсов низ – ки ин чизи муҳим буд. Он тавре ки Ривқо нисбати ростӣ амал мекард, ба Яъқуб низ таъсир намуд.*

*Оё барои Яъқуб роҳи ҳалли дигаре набуд? Албатта буд.. Худованд ваъда дода буд, ки писари дуввум, яъне Яъқуб, интихоб шудааст. Ва сухани Худо барҳам намехӯрад. Бинобар ин Худо ба таври пок ин масъаларо ҳал мекард.*

*Оё баъди фиреб ва барои аз дасти Эсов халос шудан гурехтан ягона илоҷ буд? Агар ҳама аъзоёни оила гуноҳашонро ба гардан мегирифтанд, ва аз ҳамдигар бахшиш мепурсиданд, бист соли оворагардии Яъқуб даркор намешуд. Вале модар ва падар ин роҳи ҳалро пешниҳод намекунанд.*

Муҳитамон ба мо таъсир мекунад. Рӯйдодҳо ва таъсирҳои гуногун шахсияти одамро ташаккул медиҳад. Вале мо мӯҳрзада барин нестем, то гӯем, ки акнун тақдири мо ҳамин асту бас, чунки ду чиз ба одам шакл медиҳад: якум, таҷрибаи зиндагӣ (саргузашташ) ва дуввум амали ҷавобии вай ба ҳамин таҷрибаҳо.

### ***Муҳити фарзанд***

1. Шакли оила
2. Арзишҳо дар оила
3. Нақшҳо дар оила
4. Роҳҳои ҳал дар оила
5. Муносибати оила оиди нобарорӣ
6. таърихи оила

Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед. Ин шаш нуқта бояд ба шумо ёрдам расонанд, ҳангоме шумо дар бораи фарзандатон ва таъсири муҳиташ фикр мекунед. Шояд ҳамчунин ба шумо фоида мерасонад, ки ин нуқтаҳо шахсан ба худатон дахл дошта бошанд.

Ҳама фикрҳои зерин ба тарзи бетараф гуфта мешаванд:

**1. Шакли оила**

Оё фарзанди шумо дар оилаи пурра (бо падару модар) калон шуда истодааст? Агар не, оё фарзанд ба ҳар ду волид робита дорад? Дар хонаводаатон боз хешҳои дигар (масалан бибӣ) зиндагӣ мекунанд? Кӣ барои фарзанд ҷавобгар аст? Оё боз дигар фарзанд ҳаст? Фарзанд дар кадом навбат зода шуд? Масалан агар касе чун писари калонӣ ё чун кенҷа таваллуд шавад, ба зиндагияш таъсир мекунад. Робита байни фарзандон чӣ хел аст?

**2. Арзишҳо дар оила**

Шумо чун волидайн ба чӣ аҳамият медиҳед? Чӣ шуморо хашмгин мекунад? Чӣ ба шумо муҳим нест? Ба чӣ ё кӣ бештар диққат медиҳед? Шуморо чӣ бештар асабонӣ мекунад: ё як шикоф дар шими нав ё як дастбагиребоншавӣ дар мактаб? Фарзандатон кадом фалсафа ва ақидаҳоро мешунавад? Кадом қоидаҳои оила ҳаст? Ба Худо дар оила кадом мақом дода мешавад? Оё зиндагӣ дар гирди ин, ки Худоро дӯст дорему барои Ӯ хизмат кунем, давр мезанад ё дигар чиз муҳимтар аст? Кадом ҳаддҳоро дар оилаи мо нигоҳ медорем? Розҳо ба кӣ гуфта мешаванд? Робита бо ҳамсояҳо чӣ хел аст? Дар баъзе оилаҳо мушкилиҳо зуд ба хешҳо ва ё ҳамсояҳо гуфта мешаванд, дар дигарон бошад не. Баъзе фарзандон ҳеҷ намедонанд, ки падарашон чанд пул ба хона меоварад, лекин баъзе медонанд, чӣ қадар пул ҳар рӯз дар дасти падар ҳаст. Баъзе кӯдакон дар пеши волидайн розҳо доранд. Баъзе модарон бо фарзандон дар пеши падар сирр доранд. Ҳар оила қоидаҳои худро дорад. Шояд дар ин бора ҳеҷ кас гап намезанад, вале ҳама медонанд, ки инҳо ҳастанд.

**3. Нақшҳо дар оила**

Ҳар аъзои оила нақшеро иҷро мекунад. Падароне ҳастанд, ки аз ҳар ҳаракат дар оила хабар доранд, вале дигар падарон, ки серкоранд, зиндагии ҳаррӯза дар оила гӯё бе онҳо мегузарад. Кӣ, масалан, пулро нигоҳ медорад, дар бораи волидайн аллакай маълумот медиҳад. Инчунин ҳар як фарзанд як нақшро дар оила бозӣ мекунад.

**4. Роҳҳои ҳал дар оила**

Чӣ тавре ки имрӯз дар оила нофаҳмиҳову ҷанҷолҳоро ҳал кунед, пагоҳ таъсирашро дар оилаҳои фарзандонатон мебинед. Оё оилаи шумо роҳеро ёфта бошад, ки ҷанҷолро ҳал кунад? Оё шумо дар оила умуман ихтилофотро (=конфликтро) ҳал мекунед ё ҳамту каҳр карда аз ҳам ҷудо мешавед? Худсарии фарзандон ҳамту бо зӯрӣ ё бо принсипҳои инҷилӣ нобуд карда мешаванд?

Як мисолро аз синфи як бубинем: Як писарча дар мактаб асабонӣ мешуд. Муаллима вайро барои рафтораш ҷанг мекард ва дар натиҷа ҳар дафъа ин бача аз синф давида мебаромад. Муаллима дигар тоқат накарда, падарро ҷеғ зад. Падараш омад ва бо муаллима баҳс намуд, ва аз сӯҳбат он қадар асабонӣ шуд, ки аз

синфхона баромада рафт. Акнун муаллима рафтори бачаро фаҳмид.

**5. Муносибати оила оиди нобарорӣ**

Дар майдагӣ мо борҳо беҳуда кӯшиш менамудем ва ба таври хом рафтор мекардем. Фарзандон, ки ба даъватҳои талаботи ҷамъияти мо чӣ хел муносибат карданро аз нав меомӯзанд, хоҳ ё нохоҳ ба нобарорӣ дучор мешаванд. Барои ҳамин муҳим аст, ки мо ба ин чӣ тавр ҷавоб медиҳем. "Ту беақл ҳастӣ"-ро гуфтан кӯдакро донотар намегардонад ва бе меҳр аст. Оё ба хотири рафтори хомаш ба вай механдед?

Баъзе падару модарон дар сафед кардани фарзандонашон усто ҳастанд. Агар фарзанд сахт танқид ё масхара ё дилбардорӣ карда шавад, ба тамоми умраш таъсир дорад.

**6. Таърихи оила**

Ҳар оила таърихи худ дорад. Хешу табор зода мешаванд ва мемуранд. Никоҳҳо ва талоқҳо рӯй медиҳанд. Як хел оилаҳо устуворанд, дигар оилаҳо - не. Дар баъзе оилаҳо ҳама саломатанд, дар баъзе не. Баъзе оилаҳо чандин насл дар як ҷо зиндагӣ мекунанд, баъзе бошад зуд-зуд мекӯчанд.

## ***<u>Хатоҳо дар дарк кардани таъсири муҳит</u>***

Гумон кардан, ки фарзанд ба хотири саргузашташ беилоҷ аст, хатост. Китоби Муқаддас ёд намедиҳад, ки мо қурбони тақдир мебошем.

Вале ҳама рӯйдодҳоро инкор кардан низ иштибоҳ аст. Фарзанд ба ҳар ҳол то як дараҷа аз таҷрибаҳои майдагияш таъсир меёбад. Барои ҳамин гуфта метавонем, ки фикри он, ки ба фарзанд шароитҳои беҳтаринро пешкаш кардан басанда аст, хатост. Баъзе волидайн хаёл менамоянд, ки агар писар ё духтарро аз ҳар чиз паноҳ диҳанд, вай бояд албатта одами хуб шавад. Вале фарзандон мисли муми шамъ нестанд, ки ҳамту қолаб карда шаванд. Онҳо бефаъолият нестанд. Бештар онҳо ба ҳар таъсир ҷавоб медиҳанд.

Фарзандатон мувофиқи фаҳмишаш дар бораи Худованд ҷавоб медиҳад. Агар ӯ Худоро шиносад ва дӯст дорад, вай ҳам насиҳатҳои шуморо қабул мекунад ва дарк мекунад, ки шумо ба ӯ барои дигаргуншавӣ танҳо ёрдам додан мехоҳед. Аммо агар ин тавр набошад, фарзанд бо тамоми қувваташ ба кӯшишҳои шумо зиддият мекунад. Ва фарзандони шумо шахсан бояд дар пеши Худо барои ҷавобашон нисбати таъсирҳои муҳиташон биистанд.

Донистани ин ҳақиқат моро ба ҳаракат меоварад, ки ҳақиқатан дили фарзандонамонро бояд ёбем. Фикр накунед, ки пешкаш кардани ҳама шароитҳои хуб басанда бошад.

# <u>3. Агар алоқа набошад</u>

Китоби Муқаддас танҳо ду воситаро барои тарбия кардани фарзанд пешниҳод медиҳад: химча ва сӯҳбат. Дар Масалҳо 23:13 навишта шудааст: *“Аз бача ҷазоро дареғ надор; агар ӯро бо чӯб занӣ, намемирад“*. Ҳамон боб, ояти 22-ро хонед: *“Ба падари худ, ки туро ба дунё овардааст, гӯш андоз; ва аз модари худ, барои пир шуданаш, нафрат накун”*. Худованд ба падару модар вазифаи тарбия кардани фарзандро дод, ва барои иҷрои ҳамон кор Ӯ ба онҳо рухсат дод, ки химчаро ҳангоми ҷазо додан истифода баранд. Вале агар химчахӯрии кӯдак бе сӯҳбат аст, тарбия хунуку бемеҳр мешавад. Чӯб ва сӯҳбат ба мо ёрӣ мерасонад, ки мо чӯпон барин фарзандонамонро дар роҳи рост ҳидоят намоем. Дар ин дарс мо акнун танҳо ба “сӯҳбат“ рӯ меоварем. Дар бораи химча дар дарси ҳафтум гуфта мешавад.

Аксарияти волидайн сӯҳбат бо фарзандашонро муҳим намеҳисобанд. Агар ба кӯдак чизеро бигӯянд, ин қариб ҳама вақт танҳо хабар, фармон ё огоҳӣ аст. “Кори хонагиятро кардӣ?“ – “Курткаатро пӯш. Берун хунук аст.“ – “Хӯрокатро хӯр“ – “Нарас, дастатро месӯзонӣ“ ...

Писарону духтарон бошанд танҳо орзуҳояшонро ба падару модар мегӯянд: “Ман велосипед мехоҳам.“ – “Ба ман телефони дастӣ харед“ ...

## ***Сӯҳбат, на сухангӯӣ***

Агар мо калимаи сӯҳбат шунавем, бештар хаёл мекунем, ки бояд кӯшиш кунем ба фарзандон бисёртар сухан гӯем. Вале ин тавр нест. Мо бояд ҳаракат кунем, ки бо писар ё духтарамон ҳамсӯҳбат шавем. Сӯҳбат кунед, ва на сухангӯӣ! Масалҳо 18:13 мегӯяд: *”Касе ки нoшунида ҷавоб гардонад, беақл аст, ва ин барои ӯ нанг аст“*. Чунин одам лаёқати сӯҳбаткунӣ надорад, чунки гапи дигар касро наметавонад гӯш кунад ва ӯро бифаҳмад. Бисёр волидайн ин бахшоишро ҳеҷ пайдо намекунанд. Онҳо пай намебаранд, ки бояд ба фарзандашон ёд диҳанд, ки вай фикрҳову ҳиссиёташро изҳор кунад.

Ҳангоми майдагияш волидайн шавқ надоранд, ки ба гапҳои кӯдак гӯш кунанд. Агар вай чизе гуфтан хоҳад, ҷавоби онҳо дар парешонҳолӣ танҳо: “Бале, бале“ аст. Дар натиҷа ӯ мефаҳмад, ки онҳо гапашро шунидан намехоҳанд, ва намехоҳанд фаҳманд, ки барои ӯ чӣ муҳим аст. Аммо дар наврасӣ баръакс: акнун волидайн мехостанд, ки фарзандашон дар бораи фикрҳову нақшаҳояшон нақл кунад, вале вай хомӯш мемонад, чунки ин тавр ёд гирифтааст.

## **Мақсади сӯҳбат кӯдакро фаҳмидан аст**

Каломи Худо мегӯяд, ки даҳони мо аз он лабрез мешавад, ки мо аллакай дар дил дорем. Бинобар ин бояд фарзандони мо ёд гиранд, ки он чи дар дилашон ҳаст, бигӯянд – ва ин ба воситаи ба забон овардани фикрҳояш.

Ҳангоми хато кардани писар ё духтар хеле муҳим аст, мо ошкор кунем, барои чӣ ин корро кардааст ё ин гапро гуфтааст. На танҳо шумо бояд дарк кунед, ки чӣ рӯй дод, балки бояд фаҳмед, ки дар дили фарзандонатон чист. Шумо ба фарзандатон савол додан гиред: "Чӣ фикр мекунӣ, танҳо дигарон хато карданд ё ту ҳам дар ин кор ягон айб дорӣ? Ҳангоми ин ё он кор чиро фикр кардӣ? Чӣ васваса шуд? Чӣ бояд мешуд, ки ин кор намешуд?" Ин намуди сӯҳбатҳо осон нестанд, ва вақту аҳамият металабанд, хусусан агар фарзанд камгап аст. Вале бовар кунед, ин сабр меарзад.

Ба як мисол рӯ оварем:

Модари Гулнора ба ӯ як домани сиёҳи навро харид. Афсӯс, ин модар аҳамият надод, ки ин намуди доман дигар ягон кас дар мактаб намепӯшад. Гулнора дар аввал ҳеҷ чиз намегӯяд, вале айни мактаб рафтан бо домани нав ногоҳ гиря мекунад. Вақт кам аст, чунки ҳам модар кор бисёр дорад ва фарзандони дигарро низ тайёр кардан даркор аст. Акнун чӣ бояд кард? Шумо метавонед ба вай дод зада гӯед, ки ӯ гириёнчак набошад, ва агар акнун зуд хомӯш нашавад, химча мехӯрад, чунки барои вай вақт надоред. Агар ин тавр кунед, аллакай бой додед.

Агар барои шумо муҳим аст, ки писар ё духтаратонро фаҳмида тавонед, бо вай сӯҳбат кунед. Шояд ин тавр мешавад:

"Оё ба хотири доманат гиря мекунӣ?"

"Бале".

"Дина ба ман ҳеҷ чиз нагуфта будӣ. Оё нахостӣ маро ранҷонӣ, рост?"

"Бале".

"Ба ту чӣ намефорад?"

"Ягон духтар ин хел доманҳоро намепӯшад".

"Аз барои чӣ не?"

"Онҳо аз мӯд баромаданд".

"Хайр чӣ?"

"Ҳама ба ман механданд".

"Фаҳмидам. Ин меранҷонад, рост?"

"Бале. Ман парво надорам, ки чи хел доманро ман мепӯшам, вале ман намехоҳам, ки онҳо ба ман ханданд".

Чиро ёд гирифтед? Фарзандатон бо ҳиссиётҳое меҷангад, ки шумо низ онҳоро мешиносед.

Мо ҷамъбаст карда метавонем:

Ҳолати дили фарзанд аз рафтори дурусташ бояд барои мо муҳимтар бошад. Бинобар ин бикӯшед, ки решаи кирдорро бифаҳмед.

## ***<u>Обҳои чуқурро кашидан</u>***

Ба Масалҳо 20:5 назар андозем: *"Андешаи дили одам обҳои чуқур аст, вале шахси хирадманд онҳоро мекашад"*. Ёд гиред, ки чӣ хел метавонед ин "*обро бикашед*". Хирадманд бошед. Ҳаракат кунед, то ба фарзандатон ёрдам диҳед, ки дилашро бо осонӣ дар пеши

шумо холӣ кунад. Агар шумо бихандед, ё саросема ё бесабр метобед, ӯ худро маҳкам мекунад.

Мисолро бинем:

Алишер хоҳарашро зад.
Модар аз ӯ мепурсад: “Алишер, чаро хоҳаратро задӣ?”
Алишер китфҳояшро ҷунбонда мегӯяд: “Намедонам“.
Модар: “Чӣ хел мегӯӣ, намедонам?”
Алишер (боз китфҳояшро ҷунбонида): “Намедонам“.

Ва сӯҳбат ин хел то лаҳзае давом мекунад, ки модар асабонӣ шуда, Алишерро мезанад. Масъала дар чист? Оё Алишер гап задан намехоҳад? Шояд, не. Ба вай саволе дода мешавад, ки вай ба он ҷавобро намедонад. Саволи “чаро“ бо бачагон (ва инчунин бо калонсолон) кор намекунад. Ин тавр савол диҳед:

1. Ҳангоми задан чиро ҳис кардӣ? Форид?
2. Хоҳарат чӣ кор карда буд, ки ӯро задӣ?
3. Ёрӣ деҳ, ки туро фаҳмида тавонам: Оё ту фикр кардӣ, ки бо задани хоҳарат ҳамаашро ҳал карда метавонӣ?
4. Ба ғайр аз задан чӣ кор карда метавонистӣ?
5. Чӣ фикр мекунӣ, оё Исои Масеҳ низ ин корро мекард?

Мақсади ин саволҳо рафтори фарзандро фаҳмидан аст. Ёрдам диҳед, то ӯ худаш пай барад, ки чӣ хел ба васваса афтид. Агар ӯ машқ накунад, ки фикрҳояшро ростдилона баён намояд, тамоми андешаронияш софу равшан намешавад. Сухан гуфтан тартиб додани фикрҳоро металабад. Диққати вайро ба се чиз ҷалб кунед:

1. Хислати васваса (масалан: гапи заҳролуди хоҳараш)
2. Амали ҷавобии нодуруст ба васваса (масалан: бояд бо оромӣ ҷавоб медод)
3. Амали ҷавобии нодурусти вай (масалан: задани хоҳараш)

Дар ин равиш шумо ҳам дар болои вай ҳам дар паҳлӯи вай меистед. Дар болояш чун ҷонишини Рӯҳи Худо, чунки Худо шуморо ҳамчун волид ба ин вазифа ҷудо кардааст. Дар паҳлӯяш, чунки шумо низ гуноҳкоред, ки ба ҳамон васвасаҳо рӯ оварда, бо инҳо меҷангед.

Волидайн майл доранд, ки ё ин ё он корро иҷро кунанд. Падарону модароне ҳастанд, ки худро барои ҷазо додани фарзанд ноқобил меҳисобанд (“Ман ки ҳамон гуноҳро дорам, чӣ хел ӯро ёд диҳам?“ гуфта) ва кӯдаконашонро ислоҳ намекунанд. Вале дигарон ба фарзанд нишон медиҳанд, ки берун аз ҳар хатари васвасаву сустӣ ҳастанд. Ин рафтор дурӯягӣ аст ва ба ягон кӯдак кӯмак намерасонад. Дарк намоед, ки шумо аз тарафи Худо барои калон кардани фарзандатон таъин шудаед, ва на танҳо ҳақ, балки низ ӯҳдадорӣ доред, ки ӯро барои кори нодурусташ ислоҳ кунед. Вале мо танҳо “ҷонишин“-ем, ки комил нест, аммо медонад, ки гуноҳ ба дили одамӣ чӣ хел часпидааст.

Акнун дар ин дарс мо танҳо як тарафи сӯҳбатро аз назар гузаронидем. Бештар аҳамияти мо ба *гӯш кардан* буд, ки зуд фаромӯш карда мешавад. Бо вуҷуди ин ба мо низ муҳим мебошад, ки мо бояд чиро ба фарзандон *гап занем.* Дар дарсҳои минбаъда дар бораи ин мавзӯъ меомӯзем.

## 4. Робита байни волидайн

*Дар зери роҳбарияти Худо Ривқо зани Исҳоқ шуда буд. Ӯ ба занаш вафодор буд, ва ҳеҷ ба хотираш намеомад, ки ба ҷойи зани нозояш зани дигар бигирад (Ҳастӣ 25:21). Баръакс, бист сол барои фарзанд дуо мекард. Худо онҳоро баракат дод, ва онҳо якбора соҳиби дугоникҳо шуданд..*

*Чӣ шуда буд, ки ин оилаи хушбахт ба хонаводаи бемеҳр табдил ёфт? Мо намедонем, кай Исҳоқ ва Ривқо қарор карданд, ки бо ҳамдигар дигар маслиҳат нанамоянд. Аммо тахмин карда метавонем, ки муносибаташон оҳиста-оҳиста дигаргун шуд. Ҳар яке ба як кӯдак часпид ва ҳамин тавр оиларо тақсим карданд.*

Каломи Худо мегӯяд, ки зан бояд ба шавҳараш фармонбардор бошад ва шавҳар занашро дӯст бидорад (Эфс. 5: 22 ва 28). Аз ҳама беҳтар фарзандони шумо медонанд, ки чӣ тавр шумо ин фармони Худоро риоя мекунед. Агар падаре бошад, ки занашро дар пеши ҳама паст мезанад, ҳайрон намешавем, ки писари наврас низ зидди модараш даст мебардорад. Агар модар ба ҳамсояҳо ҳама айбҳову сустиҳои шавҳарашро нақл кунад, фарзандон низ ӯро ҳурмат намекунанд. Худо дар саҳифаҳои аввали Китоби Муқаддас (Ҳастӣ 2:24) таълим медиҳад, ки зану шавҳар як тан мешаванд. Дар оилаи хуби масеҳӣ розеро дар пеши ҳамсар доштан ҳеҷ мумкин нест. Оё кӯдаконатон мебинанд, ки шумо бо ҳам маслиҳат мекунед? Гапи шумо дар пеши фарзандон бояд доим як ва сухани падар дар оила қонун бошад. Дар пеши фарзандон ҳамдигарро ислоҳ накунед. Агар шумо фикр кунед, ки волиди дигар хато карда истодааст, хомӯш монда, баъд дар танҳоӣ дар ин бора сӯҳбат кунед. Гуфтан лозим нест, ки волидайни масеҳӣ дар пеши фарзандон дар бораи ҳеҷ чиз баҳс намекунанд. Фарзандон бояд дар шумо низ ҳамсаратонро бинанд.

Баъзе вақт фарзандонамон мо волидайнро омехта мекунанд, ба падар "оча" ва ба модар "дада" мегӯянд. Албатта ин қасдан аз даҳонашон намебарояд ва зуд ислоҳ мекунанд, вале ба мо нишон медиҳад, ки мо барои онҳо як ҳастем. Ва ин ваҳдат онҳоро хотирҷамъ месозад.

Модароне ҳастанд, ки фарзандонро бе падарашон калон мекунанд. Ба ин модарон бисёр ҳикмат даркор аст, ки дуруст рафтор кунанд. Ҳеҷ вақт дигар волидро паст назанед, зеро ки фарзандони шумо ҷисму хуни он касанд.

Вале дар ин ҷо бояд қайд шавад, ки он чи барои ҷудо зиндагӣ кардан сабаб шуд, бояд кори байни волидайн бошад. Агар фарзандонатон дар ин бора донистан хоҳанд, шояд ҳангоми наврасияшон дар ин бора оромона ва беҳиссиёт сӯҳбат кунед – вале фаромӯш накунед: чӣ хел ба ҳамсар (-и пештара) муносибат кунед, ба оилаи ояндаи фарзандатон ҳамон хел таъсир мекунед.

**ДАРСИ 4**

# Яъқуб

***__Дино,__ духтари Леё, ки ба Яъқуб зода буд, барои дидани духтарони он замин берун рафт. Ва Шакем, писари Ҳамӯри ҳиввӣ, ки амири он замин буд, ӯро дид, ва ӯро гирифт, ва бо ӯ хобид, ва ба номӯси ӯ таҷовуз кард. Ва дилаш ба Дино, духтари Яъқуб баста шуд, ошиқи он духтар гашт, ва суханони дилпазир ба он духтар гуфт. Ва Шакем ба падари худ Ҳамӯр гуфт: ”Ин духтарро барои ман ба занӣ бигир. Ва Яъқуб шунид, ки ба номӯси духтараш Дино таҷовуз намудааст; вале азбаски писаронаш бо чорвои ӯ дар саҳро буданд, Яъқуб то омадани онҳо хомӯш нишаст. Ҳастӣ 34:1-5*

*Ва чун писарони Яъқуб аз саҳро омада, инро шуниданд, ин мардон малул шуданд ва хеле ба хашм омаданд, зеро ки бо духтари Яъқуб хобида, қабоҳате дар ҳаққи Исроил карда буд, ва ин кирдор нораво буд. Ҳастӣ 34:7*

*Ва дар рӯзи сеюм, ҳангоме ки онҳо дардманд буданд, ду писари Яъқуб, **__Шимъӯн__** ва **__Левӣ,__** бародарони Дино, ҳар яке шамшери худро гирифта, далерона ба шаҳр ҳамла овcovered, ва ҳамаи мардонро куштанд; Ва Ҳамӯр ва писараш Шакемро ба дами шамшер куштанд, ва Диноро аз хонаи Шакем гирифта, берун омаданд. Писарони Яъқуб назди кушташудагон омаданд, ва шаҳрро тороҷ карданд, зеро ки ба номӯси хоҳари онҳо таҷовуз карда буданд. Гӯсфандони онҳоро, ва говони онҳоро, ва харони онҳо, ва он чи дар шаҳр ва он чи дар саҳро буд, гирифтанд. Ва тамоми сарвати онҳоро, ва ҳамаи кӯдакони онҳоро ва занони онҳоро асир карданд, ва он чи дар хонаҳо буд, тороҷ карданд. Ва Яъқуб ба Шимъӯн ва Левӣ гуфт: ”Маро ба изтироб андохтед, ва маро дар назари сокинони сарзамин, яъне канъониён ва фариззиён, манфур гардондед. Ва одами ман камшумор аст, ва агар бар зидди ман ҷамъ шуда, маро зарба зананд, ман бо аҳли байтам маҳв гардам“. Гуфтанд: ”Магар равост, ки бо хоҳари мо мисли фоҳиша амал кунанд?” Ҳастӣ 34: 25-31*

*Ва Яъқуб дар замини мусофирати падари худ, дар замини Канъон маскан гирифт. Ин аст насаби Яъқуб. Юсуф, дар синни ҳафдаҳсолагӣ, бо бародарони худ чорво мечаронид, ва ин навҷавон бо писарони Билҳо ва бо писарони Зилфо, занони падараш, буд. Ва Юсуф рафтори бади онҳоро ба падарашон хабар медод.*

*Ва Исроил **__Юсуфро__** аз ҳама писарони худ зиёдтар дӯст медошт, чунки ӯ писари пиронсолагиаш буд; ва барои ӯ куртаи рангин кард.*

*Ва чун бародаронаш диданд, ки падарашон ӯро аз ҳамаи бародаронаш зиёдтар дӯст медорад, аз ӯ нафрат карданд, ва бо ӯ осуда сухан гуфта натавонистанд.*

*Вақте ки Юсуф назди бародарони худ расид, куртаи Юсуфро, он куртаи рангинро, ки дар бар дошт, кашиданд, ва ӯро гирифта, дар чоҳ афканданд; вале чоҳ холӣ буд: об надошт.*

*Ва куртаи Юсуфро гирифтанд, ва нарбузеро кушта, куртаро ба хун олуда карданд; ва куртаи рангинро фиристоданд,*

*ва ба падари худ расонида, гуфтанд: "Инро ёфтем; бишнос, ки оё куртаи писари туст ё не". Ҳастӣ 37:1-4;23-24;31-32*

## 1. Нақши падарӣ

*Фарзандони Яъқуб калон шуданд, ва он чизе ки дар майдагияшон кошта шуда буд, акнун ӯ ҳосил кард.*

*Духтараш Дино хост, ки баромада духтарони заминро бубинад. Падар агар хирадманд мебуд, вайро намемонд, ки бо духтарони бутпарастон шинад. Вале Яъқуб ё парво надошт ё намедонист, ки вай баромада рафта буд. Ба ҳар ҳол дида метавонем, ки танҳо ҳангоми таҷовузи духтараш хабардор мешавад. Аммо амали ҷавобии падар ба ин амали расво суст буд, ё беҳтар гӯем, ӯ тамоман аксуламал накарда буд! Боз бепарвоӣ? Аммо писаронаш ин тавр не. Онҳо ба ҷои ӯ худро довар карда, ҳамаро якбора куштанд.*

*Дар он замон дар хаймаи Яъқуб як бачаи хурдакак калон мешуд: Юсуф. Робитаи Яъқуб нисбати ин писар тамоман дигар буд. Ӯро сахт дӯст медошт, ва шояд хатоҳои тарбиявиеро, ки дар кӯдакии дигар фарзандон карда буд, ислоҳ кард.*

Ҳангоми майдагии фарзанд падару модар ягона "Худо" ҳастанд. Волидайн он "тирезае" ҳастанд, ки аз он Худоро мебинад. Ва вақте ин кӯдак калон шуда, дар бораи Худо мефаҳмад, вай ҳама тассавуротеро, ки дар бораи падари ҷисмонӣ дорад, ба Падари осмонӣ мегузоронад. Агар падари ҷисмонӣ хуб нест, хеле вақт даркор аст, ки масеҳӣ хислатҳои Худоро бифаҳмад. Лозим нест, ки волидайн комил бошанд, вале бояд ақаллан қисман феъли Худоро акс диҳанд. Ҳама хислатҳое ки Худо ба дараҷаи беҳад дорад, падару модар бояд ба дараҷаи имкон дошта бошанд. Шарт нест, ки онҳо тавоноянд, вале барои кӯдаконаш чашмаи нерӯ бошанд. Ҳамадон буданашон низ даркор нест, аммо онҳо бояд танҳо хирадмандона фарзандонашонро роҳбарӣ кунанд. Волидайн ҳеҷ гоҳ бегуноҳ нестанд, лекин барои писарону духтарон бояд маълум шавад, ки онҳо мехоҳанд барои Худо зиндагӣ кунанд. Агар фарзанд вобастагии хоксорона ва меҳри падару модарро нисбати Худованд бинад, вай низ Онро дӯст медорад, ки волидайнаш аллакай ба Ӯ меҳр бастаанд.

Фарзанд нисбати онҳо чӣ тавр рафтор кунад, дертар нисбати Худо мекунад. "Не"-и шумо "не"-и ҳақиқӣ набошад, фарзанд фармудаҳои Худовандро низ ҷиддӣ қабул намекунад. Касе агар бо меҳр тарбия ёфта, падари заминиро ҳурмат кунад, ба вай мушкил нест Худоро эҳтиром кунад.

### ***Тарбия на танҳо ҷазо додан аст***

*"Ва шумо, эй падарон, фарзандони худро ба хашм наоваред, балки онҳоро дар таълимот ва насиҳати Худованд тарбия кунед." Эфс. 6:4*

Сухан дар бораи падар ҳамчун ғамхору тарбиягари фарзандаш меравад. Дар достони Яъқуб мо кам дар бораи

занҳояш мефаҳмем. Падари худотарс дар тарбияи фаъолона иштирок мекунад.

Модарон бисёр вақт дар гузоштани қоидаҳои оилавӣ сустанд. Падарон бошад майл ба он доранд, ки сахтгирона итоат талабанд.

Тарбия на танҳо ҳангоми ҷазо додан амалӣ мегардад. Вақтро хуб бо фарзанд гузаронидан низ баробар муҳим аст.

Баъзе маслиҳатҳоро дар зер менависем:

- Бо меҳру табассум ба фарзандатон нигоҳ кунед.
- Аз ҳамнишинӣ бо фарзандатон ҳаловат баред. Ҳангоме ки ба ягон ҷо биравед, сабаб набошад ҳам, ӯро барои ҳамроҳ шудан даъват кунед.
- Барои майдаҳо: Якҷоя суратҳоро тамошо кунед, барои вай аз китоби кӯдакона нақл кунед.
- Бо фарзандатон бозӣ кунед. Бачаҳо гӯштингирӣ бо падарро хеле дӯст медоранд.
- Монед, то кӯдак ба шумо нишон диҳад, ки кадом кори навро ёд гирифт, хоҳ машқи ҷисмонӣ бошад, хоҳ навиштану хондан ё дигар кор.
- Якҷоя аз коғаз ё чӯб ягон кори дастӣ созед. Шумо мумкин хонаеро ранг карда истодаед – монед, фарзандатон низ кам-кам ранг кунад.
- Ҳамчун падар ба фарзандатон нишон диҳед, ки шумо ғамхори умумии оила ҳастед.
- Эй модарон, монед, ки на танҳо духтарон, балки низ писарон дар корҳои рӯзгор иштирок кунанд. Шумо аллакай аз дусолагияшон метавонед бо инҳо пухтупаз кунед. Ба духтарон порагиҳоро диҳед, то ки аз онҳо куртача барои лӯхтак бидӯзанд.

Мақсади ҳамаи ин кор ин фикр мебошад, ки шумо бояд ба кӯдак нишон диҳед, ки ӯ барои шумо муҳим аст, ва шумо мехоҳед бо ӯ вақт гузаронед.

## 2. Бародарон байни худашон

*Чунин менамояд, ки писарони Яъқуб хеле дағал буданд. Ҳатто ба дараҷае расиданд, ки ба куштани бародари худ розӣ шуданд! Яъқуб кӯшиш намекард, ки писарон бо ҳамдигар дар оштӣ зиндагӣ кунанд. Бартарӣ додан ба Юсуф ҳама корро боз бадтар гардонд.*

### Фарзандони дӯстдошта

Ҳар гоҳе ки дар Китоби Муқаддас сухан дар бораи фарзандони дӯстдошта меравад, лаънаташро низ мебинем. Ҷудо кардани як фарзанд аз дигарон на танҳо амали ҷисмонист, вай ба муносибатҳои тамоми аъзоёни оила низ зарар мерасонад. Фарзандони дигар кӯдаки дӯстдоштаро хор мебинанд. Худи фарзанди интихобшуда бошад худро калон мегирад ва худпараст мешавад.

Худованд дар Каломаш ба мо мефармояд, ки рӯйбинӣ накунем, чунки Ӯ низ ин тавр амал намекунад (Мас. 28:21). Байни фарзандонатон фарқ нагузоред. Панҷ ангушт баробар нест, ва ин хуб ҳам аст. Агар касе ҳатто бист фарзанд медошт, онҳо ба ҳамдигар монанд, вале на якхел мебуданд. Дар як кӯдак хислаташ, дар кӯдаки дигари кулчарӯй буданаш ва дар севвум меҳнаташ, ки дар хона мекунад, ба мо маъқул аст, вале ягонторо аз дигарон ҷудо накунед. Ҳама ҷисму хуни шумо ва қиматбаҳоянд, ва ҳама дорои ягон чизанд, ки ҳеҷ каси дигар дар ин дунё надорад.

## ***<u>Тарбияе ки баъди насли мо мемонад</u>***

Аввалан бояд фарзандон ёд гиранд, ки падару модарро ҳурмат кунанд. Вале агар онҳо танҳо бо волидайн эҳтиромона муомила кунанд, аммо ба бародарону хоҳарони ҷисмии худ не, онҳо тарбияи хуб наёфтаанд. Бидонед, ки касе ки бо бародарону хоҳарони худ нағз муомила карданро ёд нагирифт, шавҳар ё зани хуб намешавад, чунки ҳамин тавр бо ҳамсараш рафтор мекунад. Ё дар ҷамоат низ: Худоро мехоҳанд ҳурмат кунанд, вале бародари рӯҳониро дӯст доштан ба онҳо мушкил мешавад (Рум. 12:10).

Ба онҳо ёд диҳед, ки дар байни худ ҳурмат пайдо кунанд! Баракати калон ҳамин аст, агар бародарону хоҳарони ҷисмӣ ҳамдигарро дӯст доранд. Фаромӯш накунед, ки мо волидайн пеш аз фарзандон аз ин дунё чашм мепӯшем. Ҳастанд оилаҳое, ки баъди вафоти падару модар рафту омадашонро бас мекунанд. Вале ҳам ҳастанд ононе, ки ҳамдигарро то пиронсолагӣ бо хурсандӣ хабар мегиранд.

Ҳурмат кардан дар сухан сар мешавад. Дар давоми курс мо ба зарари дашном додани фарзандон рӯй меоварем. Дар ин ҷо бошад танҳо қайд карда мешавад, ки шумо бояд роҳ надиҳед, то фарзандон ба ҳам номҳои ҳақоратомез диҳанд. Онҳоро биомӯзед, ки ҳақорат кардани касе, хусусан бародар ё хоҳар, аз рӯи Китоби Муқаддас мумкин нест.

Одат кунонед, ки дар оилаи шумо калимаҳо мисли “мумкин“, “марҳамат“ ва ”раҳмат“ гуфтан нафаскашӣ барин оддӣ истифода шаванд.

Барои ҳурмат синну сол кам аҳамият дорад. Албатта кӯдаки хурд хоҳар ё бародари калониро ҳурмат карда, бояд гапашро бигирад, вале калонӣ низ нисбати хурдӣ қарздори меҳр аст (Ибр. 13:1; Рум. 13:8).

Масалҳо 18:17 ба мо чун волидайн насиҳат медиҳад, ки ҳангоми нофаҳмӣ байни бачагон пеш аз ягон қарор ҳар ду тарафро гӯш кунем, ва баъд ҳал кунем, ки чӣ бояд кард.

## **<u>3. Худдорӣ</u>**

*Ҳангоми қасос гирифтан барои номуси хоҳарашон хашми Шимъӯн ва Левӣ авҷ гирифт. Чандин сол баъд боз онҳо бо дигар*

*бародарон худдорӣ карда натавониста, Юсуфро куштан хостанд.*

Ба як мисол рӯй меоварем: Аҳли як ҷамоати масеҳӣ ба сайри табиат рафта буданд. Ногаҳ як духтарчаи дувоздаҳсоларо, ки дар ҳой бозӣ мекард, занбӯр газид. Вай чунон дод задан гирифт, ки ҳар шунаванда хаёл мекард, ки шери калон дар пешаш истода бошад. Ҳама калонсолон ҷаҳида хестанд ва сӯи ин духтар давиданд. Онҳо гумон карданд ки вай аз ҳой афтид (баъдан маълум шуд, ки ӯро занбӯр газида буд). Падар вайро ба оғӯш гирифт. Ҳангоми тафтиши пойҳояш, оё ки шикаста бошанд, духтар худро ин сӯ он сӯ мепартофт, пойҳояшро мекашиду рост мекард ва доду вой мекард. Падар босаброна аз духтараш илтимос намуд, гӯяд, ки куҷояш дард мекунад, вале фарзандаш фақат дод мезад. Баъди як мӯддати кӯтоҳ тамошокунандагони ботаҷриба ба ҳамдигар гуфтанд: “Вай маъюб нест, вагарна вай ин хел дод зада наметавонист“.

## ***Фарзанди бечора***

Барои фоидаи фарзандатон ёд диҳед, ки худро дошта тавонад. Худдорӣ  самари Рӯҳ аст (Ғал. 5:23, дар тарҷумаи тоҷикӣ: “парҳезгорӣ“). Фарзандони мо бояд фаҳманд, ки воҳима накунанду беҳуда дод назананд.

Агар фарзанди сусту бетоқат доштан нахоҳед, пас вайро ин тавр калон накунед. Модароне ҳастанд, ки баъди афтидани кӯдак пеш аз дод гуфтанаш аллакай ҷаҳида меоянд ва ӯро навозиш мекунанд. Ин хел накунед. Агар ӯ афтад, оромона дилбардорӣ кунед, ки хезад ва бубинад, ки ҳеҷ чиз нашудааст. Фарзандони мо аз майдагӣ меомӯзанд, ки дод задан раво нест ва бояд худашон боз хезанд. Ба ин воқеаҳо кам аҳамият диҳед ва агар каме хун резад, вайро бе воҳима дору кунед. Мо ба фарзандон аз синни ҳафтсолагӣ мефаҳмонем, ки ҳангоми захмдор шудан чӣ кор кардан даркор аст. Агар тифли дусолаи мо биафтад ва ҷароҳат ёбад, бародараш вайро “табобат мекунад“.

Ин рафтор на аз бепарвоӣ, балки барои фоидаи кӯдак аст. Гоҳо лозим аст, ки шумо чашм пӯшида, худро маҷбур кунед, ки бо овози ором гап занед.

Албатта агар ягон воқеаи ҷиддӣ рӯй диҳад, ҳар чи аз ҷиҳати тиббӣ даркор аст, ба фарзанд оромона бидиҳед.

Рафтори шумо ба инкишофи писарону духтаронатон хеле таъсир менамояд. Шумо ҳеҷ намехоҳед, ки наврасеро (ва баъдтар калонсолеро)  калон кунед, ки ба худ зарари ҷисмонӣ мерасонад, то ба худ аҳамиятро ҷалб кунад.

## ***Худдорӣ наҷотбахш буда метавонад***

Гоҳо худдорӣ ҳатто наҷотбахш буда метавонад, ақаллан барои ин зиндагии заминӣ. Агар занбӯр дар гирди сари кӯдакатон парвоз карда истодааст ва шумо ба вай мефармоед, ки тамоман наҷунбида нишинад, вай бояд гапдаро бошад. Агар не, занбӯр

вайро мегазад. Ҳолатҳое ҳастанд, ки аз ин рӯйдод боз хатарноктаранд.

## ***Гиряи тифл***

Тифл бесабаб гиря намекунад, вале шумо бояд бисанҷед, ки оё сабабаш худпарастист ё не. Агар кӯдак гурусна бошад, вайро сер гардонед. Агар ӯ монда шуда бошад, вайро хобонед. Агар ӯ дард ёфта бошад, вайро ором кунед. Агар парпечаш тар бошад, онро иваз кунед. Агар ӯ битарсад, вайро хотирҷамъ кунед. Вале агар гиряаш бе сабаби ҳақиқӣ бошад, ба вай аҳамият надиҳед.

Баъзе бачагон ҳангоми хобонданашон бо доду вой эътироз мекунанд. Модар худро маҷбур ҳис мекунад, ки тифлро бардошта, шабона бо ӯ дар хона давр занад. Саркашӣ дар дили одам ҳаст. Кӯдак мехоҳад ба худ роҳбар бошад, ва агар вай ҳозир хоб рафтан нахоҳад, вай инро бо дод эълон менамояд. Аз гиряи фарзанд натарсед.

Маслиҳати аниқ барои хобондани тифл ҳамин аст:

Фарзанд ба одатҳо эҳтиёҷ дорад. Ин одатҳо вайро хотирҷамъ месозанд. Хуб аст, ки ӯро ҳар рӯз дар ҳамон як вақт хобонед.

1. Вайро пеш аз хобондан навозиш карда, бо овози нарм суруд хонед ва дуо гӯед.
2. Вайро ором карда хобонед.

Баъди ин “маросим“ дигар аз гаҳвораaш набаромед! Шояд фарзандатон аллакай одат дорад, ки бо додаш дилатонро нороҳат кунад, то шумо ӯро боз бароред. Ин одати бадро вайрон кардан мушкил аст: Шумо барои худ нақша кашед, ки ҳатман фарзандро имрӯз дар ҷогаҳ монед. Вале эҳтиёт шавед, вайро беназорат намонед! Мумкин баъди ҳар ду дақиқа пешаш рафта, ба вай оромона мефаҳмонед, ки вай бояд хоб равад. Агар тамоман дар ташвиш шавед ва ба додаш тоқат кунед, каме дуртар дар пеши ҷогаҳаш нишаста метавонед. Ҳеҷ гоҳ ба вай дод нагӯед! Якум, вай намефаҳмад, ки барои чӣ шумо асабӣ ҳастед. Ва дуюм, вайро боз хашмгинтар месозед. Инро дар коғази сафед бо хати сиёҳ навиштан осон аст. Танҳо касе, ки доди кӯдакро таҷриба кардааст, медонад, ки ин овоз устухонҳои моро ба ларзиш оварда метавонад. Вале бидонед, истодагарии шумо дар ин ҳолат барои инкишофи шахсияти кӯдакатон хеле фоида дорад. Агар ба ӯ гузашт кунед, на танҳо шумо, балки ӯ низ бой медиҳад.

Барои баъзе фарзандон шояд то ёд гирифтанашон ҳатто чор шаб даркор мешавад. Аксарият аллакай дар сеюм рӯз оромона хоб мераванд.

Намонед, ки кӯдак дар хона ҳукмрон бошад. Фарзанде ки бо нолишаш муҳиташро дар ихтиёри худ гузаронида метавонад, тарбияи хуб намеёбад.

# ДАРСИ 5

# Падару модари Мусо

*Ва касе рафта аз хонадони Левӣ духтари левизодаро ба занӣ гирифт. Ва он зан ҳомила шуда, писаре зоид; ва чун ӯро дид, ки зеботалъат аст, ӯро се моҳ пинҳон дошт. Вале натавонист дигар ӯро пинҳон дорад, сабаде аз қамиш барои ӯ гирифт, ва онро бо қир ва зифт андовид, ва бачаро дар он монд, ва онро дар қамишзори лаби наҳр гузошт. Ва хоҳари ӯ аз дур истод, то бидонад, ки ҳоли ӯ чӣ мешавад. Хуруҷ 2:1-4*

*Ва ту бародарат Ҳорун ва писаронашро бо вай, аз миёни банӣ-Исроил, ба худ муқарраб бикун, то ки вай ба Ман каҳонат намояд. Хуруҷ 28:1*

*Ва Марями набия, хоҳари Ҳорун, дафро ба дасти худ гирифт... Хуруҷ 15:20*

*Бо имон падару модари Мусо ӯро, чун таваллуд шуд, се моҳ пинҳон доштанд, зеро диданд, ки кӯдаки зебост, ва аз амри подшоҳ натарсиданд. Ибр. 11:23*

## 1. Бовар ба Худованд

*Ин волидайн се фарзанд доштанд: духтарашон пайғамбарзан, писари калонӣ саркоҳин ва писари дуюм роҳбари машҳуртарини халқи Исроил шуд, яъне дар бовар ҳама намунаҳои бузург гаштанд.*

*Мо мехонем, ки волидайни Мусо бо имон ӯро аз пеши фиръавн пинҳон карданд. Ҳорун ва Марям, ду фарзанди онҳо, аллакай дар майдагияшон медиданд, ки падару модар на танҳо дар сухан, балки дар рафтор низ ба Худо бовар мекарданд.*

### ***Бовари ман – паноҳгоҳи фарзандонам***

Дар Таврот Худованд ба мо як ваъдаи бузург додааст: "*Дар худотарсӣ қалъаи мустаҳкаме ҳаст, ва вай барои фарзандонаш паноҳгоҳ мешавад" (Масалҳо 14:26)*. Пас бовари ман на танҳо барои зиндагии шахсии худам фоида дорад, балки низ барои фарзандонам.

Оё фарзандонатон мебинанд, ки шумо аз рӯи Китоби Муқаддас зиндагӣ мекунед? Оё онҳо медонанд, ки Худоро аз ҳама боло меҳисобед? Оё онҳо шуморо ҳангоми Китоб хондан мебинанд? Оё дуо кардани шуморо мебинанд? Ҳайрон намонед, ки духтарон ва ё писарони шумо ба хондани Китоби Муқаддас шавқ надоранд, агар худатон кам ё тамоман намехонед.

### ***Ҷавобгарӣ***

*Мусо майда ва аз тамоми хатар бехабар буд. Падару модар дар ҷаҳони бераҳм барои вай пурра ҷавобгар буданд ва онҳо ба Худо нигоҳ карда, амал намуданд.*

Муҳити мо низ хуб нест. Илова ба ин дида будем, ки худи дили фарзанд бад аст. Вақте ки фарзанд калон мешавад, вай бояд

барои рафтораш худаш ҷавоб диҳад. То он замон мо волидайн ин ӯҳдадориро иҷро мекунем.

Дар худи зиндагӣ бинед: Агар бача шишаи тирезаро бо тӯб зада, шиканад, падарашро ҷеғ мезананд. Ҳамин тавр мо бояд фарзандро аз хатари берунӣ ва низ аз худаш ҳимоя кунем.

Мо вазифаи полисро ба дӯш нагирифтаем. Барои фарзандон мо бештар чӯпон ҳастем. Пеш аз он ки онҳо хубиро ихтиёр намоянд, онҳоро бояд тарбия намоем, ки хубӣ кунанд. Замоне буд, ки модар барои тифлаш нафас мекашид ва барои кӯдак хӯрокро ҳал мекард. Ин дар вақти ҳомиладорӣ буд. Бо аҳлоқи кӯдак низ чунин аст: То ақл ва хислати кӯдак пурра инкишоф ёфтааст, волидайн ба ҷои виҷдонаш овоз мебошанд. Ҳар рӯз фарзанд аз ҷиҳати ахлоқ мустақилтар мешавад. Рӯзе мерасад, ки дили вай бе покии шумо метапад ва дар нури виҷдони худ рост меистад (1Қӯр. 7:14). То ба балоғат расиданаш ягона ченаке ки кӯдак мешиносад, ченаки падару модар мебошад. Албатта ҳатто беҳтарин тарбия кӯдакро аз гуноҳ бознамедорад, вале мо метавонем онҳоро биомӯзем, ки гуноҳ бад аст ва тавба кардан даркор аст. Волидайн фарзандро сафед карда наметавонанд, вале мо метавонем ёд диҳем, ки онҳо ӯҳдадории росткориро қабул кунанд. Дар дили кӯдак падару модар шариатро навишта наметавонанд, вале мо метавонем Инҷилро ба виҷдонашон мӯҳр занем. Дар дасти шумо як ҷони ҷовидон ҳаст. Шумо наметавонед ба худ рухсат диҳед, ки танбал ё бепарво бошед.

## 2. Одат кунондан

*Мусо танҳо солҳои аввалин дар зери тарбияи волидайнаш буд. Аллакай дар синни хурдсолӣ, шояд дар чор ё панҷсолагияш, вай ба дарбор оварда шуд. Вале ин вақти маҳдудро падару модараш ғанимат дониста, ба вай роҳи ростиро он тавр ёд медоданд, ки дар калонсолӣ "уқубат кашиданро афзал (=* беҳтар*) донист аз он ки аз гуноҳ ҳаловати муваққатӣ дошта бошад" (Ибр. 11:24).*

Китоби Муқаддас ба мо нишон медиҳад, ки чӣ хел дар тарбия комёб шавем: "Бачаро бо роҳе ки ба ӯ мувофиқ аст, тарбият намо; пир шавад ҳам, аз он дур намешавад" (Мас. 22:6). "Тарбият кардан" маънои "одат кунондан"-ро дорад, на "ҷазо додан" ё "бо химча задан". Аз ҳама бисёр дар калон кардани фарзанд одат кунондан фаромӯш мешавад. Волидайн рафтори нодурусти кӯдакро интизор мешаванд ва баъд рафтор мекунанд. Ҷазо додан як қисми тарбия аст, вале ин танҳо рафтори хубро ба вуҷуд намеоварад. Одат кунондан онро дар бар мегирад, ки пеш аз ягон "фалокат" ақли кӯдак машқ кунонда мешавад. Варзишгар барои мусобиқа тайёрӣ мебинад. Ҳайвоноти хонагӣ ва низ ваҳшӣ ёд дода мешаванд, ки ин тавр ё он тавр рафтор кунанд.

Ҳастанд бачагоне ки аз ҳад гузаштанд, вале ба онҳо боз зиёдтар лозим аст, ки ба хубӣ одат кунанд.

Дар ин ҷо гап дар бораи он намеравад, ки мо фарзандро ба бовар кардан одат кунонда метавонем. Ин кори Рӯҳи Худост, вале мо метавонем ёрдам расонем, ки барои ӯ итоат кардан ба Худо осонтар шавад.

## ***Тасвири одат кунондан***

Ҳанӯз то роҳравак шудани тифл ба вай “дарси одат“-ро гузаронед: Як бозичаи шавқоварро мобайни хона чунон монед, ки кӯдак инро ба осонӣ расида тавонад. Вақте ки вай ба ин бозича даст дароз кардан мехоҳад, шумо бо садои ором мегӯед: “Не, нарас“. Вай “не“-и шуморо аллакай медонад, барои ҳамин дар ҳаракаташ истода, ба шумо нигоҳ мекунад, аммо ба ҳар ҳол бозичаро ба даст мегирад. Фаромӯш накунед, ки кӯдакро одат кунонда истодаед, шумо ҷазо намедиҳед. Бо химчаи майдача вайро як бор оҳиста ба ақибаш мезанед. Вай даст кашида, ба фикр меафтад: аз як тараф ҳаваси худаш, аз дигар тараф фармони шумо ва дардмандияш ӯро дудила месозанд. Шояд чандин бор даркор мешавад, вале агар шумо истодагарӣ намоед, вай ёд мегирад, ки пурра итоат намояд – ҳатто ҳангоми набудани шумо.

Ҳамин тавр бо бачагони калон низ метавонед бикунед: қандро аз онҳо пинҳон накунед. Онҳоро бисанҷед. Бигзор онҳо донанд, ширинӣ дар куҷост ва ёд гиранд, ки нагиранд.

Фикр накунед, ки ин машқ сангдилона мебошад. Ба хотир оваред, ки Худи Худо дарахти дониши неку бадро дар <u>маркази</u> боғ шинонда буд. Шумо инро ҳамчун бозӣ барои худ намекунед. Агар ин машқро ба таври ҷиддӣ гузаронед, кӯдак усутвории иродаро ёд мегирад, зеро вай метавонист ба чизе бирасад, вале он корро намекунад.

## ***Итоати саривақтӣ***

Фарзандоне ҳастанд, ки дар хонаи бегона ба ҳама чиз шавқ пайдо карда, мехоҳанд ба ҳама чизе, ки ба дасташон меафтад, даст зананд. Агар шумо интизор нестед, ки фарзанди шумо дарҳол итоат кунад, вай гапатонро намегирад. Вале итоати саривақтиро аз фарзандонатон биталабед!

Бовар кунед, ки агар ба ин кор вафодор бошед, дар пеши одамон як назари шумо бас мешавад, ки кӯдак ба шумо гӯш диҳад.

Албатта дар меҳмонӣ ва ё дар пеши меҳмонон фарзандро тарбия накунед!

# 3. Донишомӯзӣ

*Модари Мусо метавонист бигӯяд, ки бачааш ҳоло бисёр чизҳоро дар дарбор ёд мегирад, вале вай медонист, ки вақташ бо фарзандаш танг буд. Пас аз муддати кӯтоҳ вай бояд писари хурдакакашро ба дарбори фиръавн фиристад. Вай медонист, ки дар он ҷо аз чор тараф ба кӯдакаш таъсир мекунанд. Модари Мусо доно буда, бо вай вақти зиёд гузаронид.*

Падару модаре ки гумон мекунанд, ки солҳои якум фарзанд беақл аст ва кам мефаҳмад, хатои калон менамоянд. Дар синни

хурдсолӣ, масалан, фарзанд гӯё ба таври автоматӣ метавонад забон ёд гирад. Аммо кӯдаконе ҳастанд, ки дар ҷангалзор калон шуда, ва ҳеҷ вақт овози одамиро нашунидаанд. Олимон фаҳмиданд, ки агар ин одамон дар калонсолӣ ба тамаддун дохил шаванд, маълум мешавад, ки қобилияти омӯхтани забони одамиро гум кардаанд.

Вақтро бо кӯдакатон ғанимат донед! Кӯдакбонӣ на ҳамту пок кардан ва аз хатар нигоҳ доштани фарзанд аст. Фаъол шавед! Бисёр модарон бо фарзандашон гап намезананд, гӯё ки вай кар аст. Вале вай аз майдагӣ мешунавад ва ин тавр ёд мегирад. Аз якунимсолагӣ то шашсолагӣ тифл ҳар рӯз чордаҳ калимаи навро ёд мегирад. Фикр накунед, ки онҳо аз хурдсолӣ бояд навиштани ҳарфҳоро машқ кунанд! Агар ин тавр кунед, фарзанд пеш аз мактабравӣ аллакай аз хондан безор мешавад. Фарзанд аз ҳама хуб дар бозӣ ёд мегирад. Бигзор кӯдакон аз омӯзиш ҳаловат баранд. Бо кӯдаконатон аз чӯбчаҳо манораеро созед. Аз коғаз одамчаҳо бурида, ба онҳо як ҳикоя нақл кунед. Кӯдаконро ба пуштатон бор карда, чорпоя роҳ гардед ва якҷоя тасаввур кунед, ки шумо филе дар ҷангали Ҳиндустон ҳастед. Бо фарзандатон бихандед.

## ***Бозичаҳо***

Бисёр волидайн худро сафед карда мегӯянд, ки афсӯс, пул барои бозичаҳо намерасад, ва бинобар ин фарзанд дар инкишоф ақиб мемонад. Дигарон барои фарзандашон ҳама чизеро, ки худашон надоштанд, акнун ба вай пешкаш кардан мехоҳанд ва кӯдакро бозичаборон менамоянд, то ки вай доно шавад. Ҳар ду нодуруст аст. Аксари бозичаҳое ки дар фурӯш ҳастанд, барои пешрафти кӯдак фоида надоранд.

Агар пулатон тамоман нарасад, бо дастатон чизеро созед. Чизи сохтаатон дар назари кӯдак қадри калон дорад.

Баъзе модарон барои бозича пул сарф намекунанд, вале ба онҳо либоси хушрӯ мехаранд. Фарзандон он қадар парво надоранд, ки чӣ мепӯшанд, аммо мехоҳанд вақташон хуш гузарад.

Ҳангоми харидан аз худ пурсед, ки фарзанд бо ин бозича чиро ёд гирифта метавонад ва чӣ хел бозӣ карда метавонад. Масалан мошинча ва лӯхтак то ҳол яке аз чизҳои беҳтарин ҳастанд, чунки онҳо ба тасаввуроти кӯдак мувофиқат мекунанд ва онҳо метавонанд соатҳо ба худ ҳикояҳо бофта, нақл намоянд. Инчунин бо чизҳое монанди чӯбчаҳо ва конструктор фаъолияти маҳини дасти кӯдак инкишоф меёбад. Мозаикаҳо ва бозиҳои ёддошт (масалан меъморӣ) зеҳни кӯдакро тез мекунанд. Бо қаламҳо, қоғаз, қайчӣ ва часпак ҳазор кор кардан мумкин аст.

Лекин аз бозичаҳои ҷангӣ даст кашед. Аз худ пурсед, бачаҳо бо пистолетбозӣ чиро ёд мегиранд? Ҳангоми харидани лӯхтак ба шакли он хуб назар андозед. Лӯхтак бояд фарбеҳтар ва ба кӯдаки зинда монандтар бошад. Мо ҳеҷ вақт намемондем, ки духтарони мо бо лӯхтакҳои лоғар, ки монанди модели мӯд метобанд, бозӣ

кунанд. Мо мехостем, ки духтарони мо бо онҳо хонабозӣ кунанд, на ин ки худро дар ҷаҳони мӯд орзу намоянд.

***Телевизор***

Як масеҳӣ нақл кард, ки вай телевизорро фармоиш кард. Мошини боркаши мағозаи телевизор рӯзе дар пеши хонааш истода, марде телевизори он бародарро мефурорад. Бародари мо аз тиреза нигоҳ карда, бо даҳшат ҳарфҳои дар тани мошини боркаш навиштаро мехонад: "Мо ҷаҳонро ба хонаатон меоварем". Ин дилашро ларзонд. Вай зуд поён давид ва аз коргари мағоза узр пурсида, телевизорро пас гардонд.

Рост аст, ки ба воситаи телевизор бисёр чиз аз берун ба хонаи мо дохил мешавад. Албатта, баъзе барномаҳо айб надоранд, вале фикр накунед, ки фарзандони шумо ба воситаи телевизор доно мешаванд! Афсӯс, аксари навигариҳое ки кӯдакон ин тавр ёд мегиранд, на танҳо хуб нестанд, балки зарар доранд. Бачагоне ҳастанд, ки то панҷсолагӣ одамкушиҳои бешумор мебинанд. Барои онҳо куштан ба кори оддӣ мубаддал мешавад, ва ин бетаъсир намемонад. Илова ба ҷанг расвоиҳои бисёр дар телевизор бешармона нишон дода мешаванд. Албатта падару модарон метавонанд назорат кунанд, ки фарзанд чиро бояд набинад ва чӣ мумкин аст. Лекин аксари волидайн дар ин амал суст ҳастанд. Дар ғарб телевизорро "Бибии барқӣ" мегӯянд. Чӣ хел нағз: модар аз фарзандон дам мегирад ва хона тоза меистад – аммо ба нархи гарон!

Илова ба намоишҳои нодаркор, ки дар телевизор нишон дода мешаванд, тамошо кардан вақти ШУМОРО мехӯрад: кӯдакии фарзандонамон дар як лаҳза мегузарад ва пагоҳ аллакай нест. Модарони хирадманд вақтро ғанимат медонанд: бо онҳо бинишинед – кӯдакони мо ояндаи моянд, ва Худо хоҳад, ояндаи ҷамоатҳои Масеҳ!

***Вақт***

Баъзеҳо эътироз мекунанд, ки онҳо мехостанд, ягон кореро кунанд, вале вақт надоранд. Вақтро биҷӯед! Барои коре ки ба мо муҳим аст, мо ҳамеша вақт ҷудо карда метавонем. Тоза кардани хона, масалан, вақти бисёрро мегирад. Албатта, хонаҳои худро тоза нигоҳ дорем, вале бинед, пагоҳ фарзандатон аз хона мебарояд ва шумо барои тоза кардани хона соатҳои беохир доред. Шумо бояд ба қароре биёед, ки кадом корҳо муҳимтар ҳастанд!

## ДАРСИ 6

# Қӯраҳ ва Еҳушаъ

## Еҳӯша

*Ва Амолеқ омада, дар Рафидим бо Исроил ҷанг кард. Ва Мусо ба Еҳушаъ гуфт: "Мардонро барои мо интихоб намо ва баромада, бо Амолеқ ҳарбу зарб кун; фардо ман бар қуллаи тал хоҳам истод, ва асои Худо дар дастам хоҳад буд". Ва Еҳушаъ ончунон, ки Мусо ба ӯ амр фармуда буд, амал намуд, то ки бо Амолеқ ҳарбу зарб кунад; ва Мусо, Ҳорун ва Ҳур бар куллаи тал баромаданд. Ва чунин воқеъ шуд, ки чун Мусо дасташро мебардошт, Исроил дастболо мешуд, ва ҳамин ки дасташро мефуровард, Амолеқ дастболо мешуд. Вале дастҳои Мусо бемаҷол гардид; ва санге гирифта, ба таги ӯ гузоаштанд, ва ӯ бар он нишаст, ва Ҳорун ва Ҳур, яке аз ин тараф ва дигаре аз он тараф, дастҳои ӯро бардошта нигоҳ медоштанд; ва дастҳои ӯ то ғуруби офтоб устувор монд. Ва Еҳушаъ Амолеқ ва қавми варо бо дами шамшер зарба зад. Хуруҷ 17:8-14*

*Ва Еҳушаъ садои қавмро, ки ғавғо мекарданд, шунида, ба Мусо гуфт: "Дар ӯрдугоҳ садои ҷанг аст". Хуруҷ 32:17*

*Ва Худованд ба Мусо рӯ ба рӯ сухан меронд, чунон ки касе бо ёри худ сухан меронад; ва ӯ ба ӯрдугоҳ бармегашт, ва хизматгори ӯ, Еҳушаъ ибни Нуни ҷавон, аз хайма дур намешуд. Хуруҷ 33:11*

*(Пешниҳод мешавад, ки тамоми боби 32-ро хонед.)*

*Шумо ба ин замине ки дар бораи он Ман дасти Худро баланд карда қасам хӯрдаам, ки шуморо дар он сокин созам, дохил нахоҳед шуд, ба ҷуз Колеб ибни Ефунне ва Еҳушаъ. Ададҳо 14:30*

*(Пешниҳод мешавад, ки тамоми боби 14-ро хонед.)*

*Ва Еҳушаъ ибни Нун аз рӯҳи ҳикмат пур шуд, чунки Мусо дастҳои худ бар ӯ гузошта буд; ва банӣ-Исроил ба ӯ итоат намуданд, ва бар тибқи он чи Худованд ба Мусо амр фармуда буд, амал карданд. Такрори Шариат 34:9*

*(Худованд ба Еҳушаъ гуфт:) "Фақат қавӣ ва далер бош, то ки бо риояти дурусти тамоми шариате ки Мусо, бандаи Ман, ба ту амр фармудааст, амал намоӣ; аз он тарафи рост ё чап дур нашав, то ба ҳар ҷое ки меравӣ, муваффақият ба даст овари. Бигзор ин китоби шариат аз даҳони ту дур нашавад, ва онро ту рӯзу шаб биомӯз, то бо риояти ҳар он чи дар он навишта шудааст, амал намоӣ, зеро ки он гоҳ дар роҳҳои худ комёб гардида, муваффақият ба даст хоҳӣ овард. Еҳушаъ 1:7,8*

*Пас имрӯз барои худ интихоб кунед, ки киро ибодат хоҳед намуд: оё худоёнеро, ки падарони шумо дар он тарафи наҳр ибодат мекарданд, ё худоёни амӯриёнеро, ки дар заминашон сукунат доред; валекин ман ва хонадони ман Худовандро ибодат хоҳем кард. Еҳушаъ 24:15б*

## <u>**Қӯраҳ**</u>

*Тамоми боби 16уми Китоби Ададҳоро хонед.*
*Ададҳо 26:9-11*
*Забур 83*

# 1. Файзи Худо то ҳазорум насл

*Итоат ва вафодорӣ хоси Еҳушаъ буд. Ӯ дар ҷавонӣ ба Худо ва Мусо гӯш мекард, дар тӯли зиндагияш ба Худо мечаспид. Баъди вафоти Мусо Еҳушаъ роҳбари халқи Исроил шуд ва дар охири умраш дилпурона дар бораи оилааш гуфта метавонист, ки онҳо ба ҷавоби халқ нигоҳ накарда, Худоро ибодат хоҳанд кард.*

*Амали Қӯраҳ ва дигар шӯришгарон балои калонро бар оилаҳояшон овард. Дар Ададҳо 16:27-32 мо мехонем, ки ин мардон бо оилаҳошон нобуд шудаанд.*

*Танҳо дар Ададҳо 26:11 дида мешавад, ки писарони Кӯраҳ зинда монданд.*

Дар шариат Худо дар бораи Худаш мегӯяд, ки *“Ман Худои ғаюре ҳастам, ки барои гуноҳи падарон аз писарон, то насли сеюм ва чорум, аз онҳое ки аз Ман нафрат дошта бошанд, интиқом мегирам“*. Гуноҳҳои падарон ё модарон зиндагии фарзандонро метавонанд сӯзонанд. Ин қоидаи рӯҳонӣ аст, вале ин қоида дар як тараф меистад. Дар тарафи дигар мисоли писарони Қӯраҳ ба мо ёд медиҳад, ки падар ё модари бехудо доштан маънои онро надорад, ки Исои Масеҳ моро қабул намекунад. Тавба ва бовар ягона роҳ аст, ки лаънати ин қоидаро мешиканад.

Ба давоми ояти 6 рӯй оваред: *”Ва то ҳазорон насл ба онҳое ки Маро дӯст медоранд ва аҳкоми Маро ба ҷо меоваранд, марҳамат мекунам“.*

Рафтори мо ба насли худамон, ба фарзандонамону фарзандони онҳо, ё лаънат ё баракат меоварад. Вале Худои мо хеле меҳрубон аст: Вафодории мо то ҳазорум насл дар хотири Худо мемонад, вале таъсири бадкор танҳо то сеюм насл мебошад.

Ҳамчун волидайни масеҳӣ дар ин ҷо як ваъдаи Худоро дида метавонем: Ояти 6 намегӯяд, ки фарзандони мо албатта масеҳӣ мешаванд, вале ваъда ҳамин аст, ки фарзандони мо зери баракати Худо ҳастанд. Бинобар ин: **дуо кунед, мисли он ки наҷоти фарзандони шумо танҳо кори Худо мебуд, вале онҳоро дар худотарсӣ калон кунед, мисли он ки ҳамааш ба шумо вобаста мебуд!**

# 2. Ё итоаткорӣ, ё саркашӣ

*Гуфта шуд, ки амалҳои хоси Еҳушаъ итоат ба Мусо ва билохира ба Худо буд. Қӯраҳ бар акси ин кор саркаш буд. Фарзанд шояд мисли Кӯраҳ шӯриш намебардорад, вале ба ҳар ҳол танҳо ду хел ҷавоб ҳаст: ё итоат ё саркашӣ мекунад.*

Кӯдаконе ҳастанд, ки ҳангоми сарзаниши касе ки волидаш набошад, чунин ҷавоб медиҳанд: “Шумо модари ман нестед. Шумо ҳақ надоред, ки ба ман ёд диҳед“. Бояд дар ин ҷо қайд кард, ки кам умед ҳаст, ки ин хел фарзанд ба модараш гӯш мекард. Чунин ҷавобҳо нишон медиҳанд, ки кӯдак ба ҳеҷ сарвар итоат намекунад.

Чӣ тавре ки мисоли Кӯраҳ маълум мекунад, дар Китоби Муқаддас саркашӣ сахт ҳукм карда мешавад. Дар 1Подшоҳон

15:23 беитоатӣ ба ҷодугарӣ ва бутпарастӣ баробар намуда мешавад. Ҳангоми саркашӣ бо кӯдак чӣ мешавад? Ӯ девори ҳавобаландӣ ва худдӯстдориро барпо мекунад ва дар охир худро барои ҳамин хор мебинад. Розӣ набошед, ки фарзандатон бо ин рафтор худро нобуд созад.

Иҷозат надиҳед, ки писар ё духтари шумо ба ягон кас саркашӣ кунад. Тухми саркашӣ доим вуҷуд дорад ва - агар фишор камтар шавад – меваи бад меоварад.

## ***“Писараки гандаяк“***

Ба як мисол нигоҳ кунед: Падару модар ба бозор рафтаанд. Ду фарзанди онҳо танҳо дар хона менишинанд. Духтар даҳсола аст ва додарчааш сесола. Ин духтар мебинад, ки чӣ хел бародараш дафтари ӯро гирифта, расм кашидан мегирад. Аз хавфи сарзаниши муаллима духтар бачаро ҷанг карда, дафтари худро наҷот додан мехоҳад. Додарча бошад зуд розӣ намешавад. Дафтар ин тараф - он тараф кашида шуда, медарад. Онҳо ҳамдигарро мезананд. Ногоҳ апа дод мезанад ва мебинад, ки додар дасти ӯро чунон газидааст, ки хун мерезад.

Баъди чанд вақт волидайн аз бозор бармегарданд. Ҳанӯз пои модар ба остона нарасида, як кӯдак доду вой мебардорад, гӯё аждаҳо ӯро дунболагирӣ менамоянд. Ба саволи “чӣ шуд, ҷонам?“ доди вай ба нолиш иваз мешавад. “Апаам маро зад!“ - ҷавоб медиҳад ӯ. Пеш аз он ки духтар худро сафед карда тавонад, модар духтарашро сарзаниш медиҳад: “Ин хуб нест. Ту медонӣ, ки додарат ҳанӯз хурд аст. Дигар ин коратро нашунавам, фаҳмидӣ?“ Ба писараш нигоҳ карда, овозашро ширин мекунад: “Писаракам. Гиря накун. Модарҷонат ин ҷост ва намемонад, ки апаат туро боз занад“.

## ***Ӯҳдадории бародарону хоҳарон дар тарбия***

Дар ин мисол чӣ нодуруст шуд? Модар ба писараш ёд медиҳад, ки ба апааш гӯш надиҳад. Вале фарзандони хурд бояд ёд гиранд, ки акаҳо ва апаҳо барои тарбия кардан ҳақ доранд ва гапи онҳоро гирифтан даркор аст. Ин ба волидайн ёрдам мерасонад, ба инкишофи фарзандони калон фоида дорад ва шӯриши майдаҳоро маҳдуд мекунад.

Дар мисоли боло волидайн бояд аз духтари калонӣ мепурсиданд, ки чӣ шуд ва баъд писари хурдиро якум барои амалаш (расмкашӣ дар дафтари дарсӣ) ва дуюм барои итоат накардан ба апааш ҷазо медоданд.

Албатта бояд гуфт, ки агар кӯдакони калон аз ӯҳдадорияшон суиистофода баранд, бояд сахт ҷазо ёбанд.

## **Муносибат байни модари дилсӯз ва падари сахтгир**

Оилаҳое ҳастанд, ки модар тамоми рӯз танҳо бо фарзандонаш дар хона менишинад. Саҳарӣ ӯ зорӣ мекунад, ки онҳо гӯш кунанд,

баъди нисфирӯзӣ шикоя мекунад, ки гапро намегиранд ва то бегоҳ асабҳояш вайронанд. Падар аз кор монда шуда, ба хона бармегардад. Зуд мебинад, ки бачагон якравӣ мекунанд, ва як ба як онҳоро мезанад. Кӯдакон аз амали падарашон норозӣ гиря карда, мегӯянд, ки ин аз рӯи ҳақ нест. Дили модар об мешавад ва вай ҳис мекунад, ки бояд "чӯчаҳояшро" аз ин мард халос кунад. Модар зидди падар мехезад.

Аз ин кор эҳтиёт шавед, модарон! Фарзандон суиистифода кардани ҳиссиёти модарро тез ёд мегиранд. Ин рафтор мисли морест, ки думашро ба даҳон мегирад: фарзандон модарро зидди падар мехезонанд, модар аз ҳукми шавҳараш норозӣ, рӯзона сусттар мешавад ва падар инро дида сахттар мезанад – тамоми оила аз ҳам ҷудо мешавад. Вале фарзандон шикаст мехӯранд!

<u>ҲЕҶ ГОҲ ҳамсар ҳукми ҳамсари дигарро дар пеши фарзандонашон зери шубҳа нагузорад!</u>

## <u>3. Ё Худо, ё бут</u>

*Еҳушаъ барои худ қарор кард, ки Худо Ягона аст, ки шоистаи парастиш мебошад. Дар охири умраш вай намегӯяд, ки хонаводааш шариатро хуб риоя хоҳанд кард ё ки фарзандонаш доим гапи падарро хоҳанд гирифт. Не, маънои охирини гуфти Еҳушаъ ҳамин аст, ки ӯ ва низ оилааш Худоро дӯст медоранд. Агар ин меҳр нисбати Худованд дар дил бошад, тамоми зиндагӣ ба ин ҷӯр карда мешавад.*

Инчунин мо бояд интихоб кунем, ки ё Худо ё бутеро парастиш кунем. Ягон роҳи мобайн вуҷуд надорад. Савол ин нест, ки <u>оё</u> фарзандони мо ба ягон кас ё чиз таваккал мекунанд, балки <u>ба кӣ</u> саҷда мекунанд.

### <u>*Чӯпонони дилҳо*</u>

*Халқи Исроил дар нигаҳбонии гӯсфандон таҷрибаи зиёд дошт. Ва чунон ки чӯпон рамаашро мепарваронад, ончунон Еҳушаъ фарзандонашро калон кард. Дили ӯ пур буд, ки писаронаш роҳи ростиро интихоб мекунанд.*

*Кӯраҳ кайҳо боз бо писаронаш сӯҳбат намекард. Онҳо ба Худованд таваккал мекарданд, вале падар инро надониста, танҳо сӯи роҳи бад равона шуд.*

Падари нодон ғам намехӯрад, ки дар дили фарзандаш чӣ ҳаст. Барои ӯ танҳо он чиз муҳим аст, ки кӯдакон гапро гиранду бас. Мо бояд кӯшиш кунем, ки дили писарону духтаронамонро ба даст оварем. Одам ин корро чӣ тавр карда метавонад? Агар фарзанди шумо фаҳмад, ки шумо барои вай вақт ҷудо мекунед, бо вай сӯҳбат менамоед ва шавқманди зиндагияш ҳастед, ӯ худро маҳкам намесозад.

Еҳушаъ барои фарзандонаш сӯи Худованд роҳнамо шуд. Ва <u>бо ёрдами ӯ</u> онҳо бовар карданд, вале писарони Кӯраҳ <u>бо вуҷуди нобовари ӯ</u> наҷот ёфтанд. Фарзанди шумо пагоҳ дар бораи шумо чӣ хоҳад гуфт?

## 4. Методҳои тарбия

*Дар бораи тарбияи фарзандони Еҳушаъ мо кам медонем, вале агар Еҳушаъ он чизеро, ки Худо ба ӯ гуфта буд, иҷро кардааст, – ва ба фикри мо ин тавр ҳаст -, мо рози тарбияашро мефаҳмем: "Бигзор ин китоби шариат аз даҳони ту дур нашавад, ва онро ту рӯзу шаб биомӯз, то бо риояти ҳар он чи дар он навишта шудааст, амал намоӣ, зеро ки он гоҳ дар роҳҳои худ комёб гардида, муваффақият ба даст хоҳӣ овард".*

Худо нисбати методҳо бепарво нест. Дар Китоби Муқаддас мо дастурро барои тарбия меёбем – ва танҳо бо ин роҳнамо мо комёб мешавем. Мақсадҳои инҷилӣ танҳо бо роҳҳои инҷилӣ ба даст меоварем. Аммо Худо на танҳо ба он шавқ дорад, ки мо чӣ кор мекунем, балки ба он ки мо инро чӣ хел ба ҷо меоварем. Бинобар ин биёед методҳоямонро бисанҷем.

Методҳои нодуруст:

### ***Ҳиссиёт ҳамчун парастор***

Як модар бо духтари шашсолааш дар бозор харид мекунад. Аз либоси кӯдак маълум мешавад, ки вай дар оилаи бой калон шуда истодааст. Духтар хушнамуд бошад ҳам, бетоқат ва беадаб аст. Модар аз харидкунӣ монда мешавад. Нолиши духтар ба асабаш мерасад. Кӯдак модарро водор карданӣ мешавад, ки чизҳои мехостаашро харида диҳад. Модараш бо овози паст ва ором ба ӯ мефаҳмонад, ки ба ӯ акнун ҳеҷ чиз харида наметавонад. Духтарча зораашро давом медиҳад.

Ногаҳон тоқати зан ток мешавад. Вай ба духтараш дод мегӯяд: "Асабамро вайрон кардӣ. Дафъ шав! Рав аз ин ҷо. Ман туро дигар дидан намехоҳам. Ман туро бад мебинам!" Бо ин сухан харидашро ба даст гирифта, модар тоб мехӯрад ва духтарро танҳо мемонад. Шояд дар хона ин фарзанд аз ин имтиҳон мегузашт, вале на дар ҷои бегона ва пуродам, тарс ӯро фаро мегирад.

Модар ва духтар дар ин ҳикоя боз бо ҳам оштӣ мекунанд ва якҷоя ба хона бармегарданд.

Шавқовар мешавад, ки мо методи он занро таҳлил намоем:
Вай чӣ кор кард? Зан медонист, ки духтар метарсид. Ҳар одам ва махсусан кӯдак мӯҳтоҷи хотирҷамъ будан аст. Ин модар хост, ки кӯдак ҳис кунад, ки, агар ӯ гӯш накунад, паноҳи модарро гум менамояд.

Шояд баъзе хонандагон фикр мекунанд, ки ана ин метод фоида дошт-ку? Духтар беодоб буд, ва баъди чандин дақиқаҳо вай гапдаро шуд. Рост аст, ки рафтори ин зан ба духтар таъсир кард, вале он зараре ки модар ба воситаи ҳамон амал ба вуҷуд овард, аз беодобии духтараш дида бадтар буд. Акнун ин духтар магар дилпур буда метавонист, ки модар вайро намепартояд? Ин метод бераҳмона ва бефоида аст, агар шумо дили кӯдакро ба даст овардан хоҳед.

### ***Ҷазо: дар хонаи худ нишастан***

Кӯдакро аз чизе маҳрум кардан барои бисёр волидайн аз химча задан нағзтар менамояд. Масалан, фарзанд бояд чандин соат ё рӯзҳо дар хонаи худ шинад. Писаре буд, ки волидайн вайро чандин ҳафта дар хона маҳкам мекарданд. Вайро танҳо барои ба мактаб рафтан ва хӯрок хӯрдан мемонданд, ки бароянд. Вале волидайнаш чиро ба даст оварданд? Боздоштан дар хона танҳо ҷазо додан аст, вале тарбия бояд доим ислоҳи фарзандро дар назар дошта бошад. Боздоштан дар хона танҳо муваққатист, чун барои маҳбус, ки дар зиндон менишинад. Агар касе ба ӯ ёрдам надиҳад, ки дар бораи гуноҳҳояш фикр кунад, вай баъди чандин сол аз ҳабсхона баромада, хатоҳояшро такрор мекунад. Бача низ бо танҳо дар хона маҳкам будан сарфаҳм намеравад, ки на фақат рафтори вай, балки дили сиёҳи ӯ бояд ислоҳ шавад.

Боздоштан ё манъ кардани чизе осон аст, чунки ин бо як ҳукм масъаларо ҳал менамояд. Сӯҳбати ҷукур даркор нест. Андешаронии кӯдакро таҳлил кардан лозим намешавад. Инчунин насиҳати босаброна ва шарҳ додани қоидаҳои Инҷил даркор нест. Кӯдакро дар хона маҳкам кардан мушкил нест; модар ба осонӣ итоати фарзандро назорат карда метавонад, ва илова ба ин, нишон медиҳад, ки дар хона кӣ зӯр аст.

Дар Китоби Муқаддас мо ин методро намеёбем. **Худо аз мо бисёртар металабад. Ӯ бо итоати рӯйякии кӯдакони мо розӣ нест. Ӯ тамоми дили одамро мехоҳад.**

## ***Методҳои омехта***

Аксари волидайн ақидаҳои гуногуни муҳити худро ҷамъ намуда, методи худро мебароваранд, гарчанде ки онҳо бисёр вақт зидди ҳам мебошанд. Шояд бибӣ маслиҳат медиҳад, ки бачаро бисёртар задан даркор аст. Баъд волидайн чандин ҳафта химчаро бисёртар истифода мебаранд. Сипас мешунаванд, ки ин беинсофист, барои ҳамин акнун фарзандро аз чизе маҳрум мекунанд. Боз моҳҳо мегузаранд ва онҳо ба ин восита барои аз байн бурдани хотирҷамъӣ кӯдакро тарбия мекунанд.

Натиҷа чист? Фарзандон сарфаҳм намераванд, ки падару модар чиро мехоҳанд, ва дар охир беҳтар мебуд, ки онҳо ҳеҷ яке аз ин методҳоро ба кор намебурданд.

## ***Дилро ба хубӣ моил кардан***

Тарбияе ки танҳо рафтори фарзандро дар назар дорад, албатта дар охир ба дил таъсир мекунад. Лекин дил ба таври нохуб таъсир меёбад. Агар шумо танҳо кирдори кӯдакро дигар карда тавонед, вале дилро не, дил аз воситае ки шумо ба кор мебаред, шакл меёбад. Масалан агар шумо барои ҳама корҳои хуб мукофот диҳед, дили фарзанди шумо ҳам дар калонсолӣ танҳо барои мукофот амал мекунад. Агар шумо вайро танҳо ҳангоми некӯкорӣ дӯст доред ва ҳангоми бадкорияш аз вай нафрат кунед, дили вай доим дар ҷустуҷӯи таъриф аст.

Мутахассисони ҷаҳонӣ пешниҳод менамоянд, ки танҳо он воситаро ёбед, ки ба дили фарзанди шумо мувофиқ аст. Дигар хел

гуфтан мумкин аст: бути фарзандатонро дар дилаш ёбед, ва онро истифода баред.

Ба хотир оварем: ДИЛ САРЧАШМАИ ЗИНДАГӢ аст. **Агар шумо на ба таври инҷилӣ, балки ба таври ҷаҳонӣ ба он таъсир кунед, зиндагии фарзандатон дар расвоии дилаш бунёд мешавад, ки на Худоро балки бутҳои худро мепарастад.**

## ***Салиби Масеҳ дар зиндагии кӯдак***

Масъалаи дигар низ ҳаст: Агар шумо танҳо рафтори фарзандатонро ислоҳ карданӣ бошед, хушхабари Исои Масеҳро нақл карда наметавонед! Инҷил на аз он иборат аст, ки одам бояд кирдорашро иваз кунад, балки эълон менамояд, ки одам бояд аз нав таваллуд шавад. Сухани Худо танҳо ба гуноҳкорони шикастадил, ки мӯҳтоҷи дили наванд, муроҷиат мекунад. Ӯ Писари Худро дод, то ки мо тавонем одамони нав шавем.

Тасаввур мекунем, ки фарзандатон вазифаи хонагиро иҷро кардан намехоҳад. Акнун чӣ кор мекунед?

Ба методҳои нодуруст нигаред:

***Методи порахӯрӣ:*** ”Агар вазифаатро иҷро кунӣ, ба ту як сомон медиҳам“.

***Методи ҳиссиёт:*** “Илтимос, вазифаи хонагиро иҷро кун. Ман асабӣ мешавам, агар маро гӯш накунӣ. Ман зиқ мешавам“. Ё: “барои хонданат ин қадар пул сарф кардем! Падарат чӣ қадар бисёр соатҳо барои донишгоҳат кор кард!“

***Методи маҳрум кардан аз чизе:*** “Агар ту вазифаи хонагиро накунӣ, тамоми ҳафта телевизор тамошо намекунӣ. Ва агар пагоҳ боз вазифаи хонагиятро накунӣ, ду ҳафта телевизор тамошо намекунӣ...“

***Методҳои омехта:*** “Вақте ки ман пеш вазифаи хонагиро намекардам, падар маро мезад. Агар ту акнун вазифаи хонагиро накунӣ, ман туро ду соат дар хона маҳкам мекунам. Рӯзе мешавад, ки ту мефаҳмӣ, барои чӣ гапдарoӣ хуб мебуд. Ин мушкилии ту, на мушкилиии ман“.

Бо ҳар яке аз ин методҳо волидайн умед доранд, ки фарзанд вазифаашро иҷро кунад. Савол мемонад: чӣ хел ман метавонам бо ин методҳо ба он ҳақиқат гузарам, ки Худо Писари Худро фиристод, то ки гуноҳкорон озод шаванд? Методҳои ҷаҳонӣ намемонанд, ки мо ба фарзандонамон дар бораи ҳамин гувоҳӣ диҳем.

Падарону модарон кам аҳамият медиҳанд, ки кӯдак бояд феълан сайқал ёбад. Барои онҳо танҳо он чиз муҳим аст, ки фарзанд гӯш диҳад. Фарзандон чун одамони ҷавобгар тарбия намеёбанд, ки аз Худо тарсида, қарор кунанд, ки чӣ хубу чӣ бад аст.

Писарону духтарон тез сарфаҳм мераванд, ки волидайнро чӣ хел фиреб диҳанд. Онҳо шояд зоҳиран гапро мегиранд, вале муносибатеро, ки мо орзу мекунем бо онҳо дошта бошем, гум менамоем.

***Пас методи инҷилӣ чист?***

Хулоса, дар Китоби Муқаддас мо ду восита дорем, ки ба мо дар тарбия ёрдам медиҳанд: Якум: сӯҳбат (насиҳат, дилбардорӣ, таълим...) ва дуюм: химча. Дар равиши ин китоб ҳар дуи онҳо фаҳмонда мешаванд.

**ДАРСИ 7**

# Шимшӯн

*Ва банӣ Исроил аз нав он чи дар назари Худованд бад буд, ба амал оварданд; ва Худованд онҳоро чил сол ба дасти фалиштиён супурд. Ва шахсе аз Соръо, аз қабилаи Дон буд, ки Монӯаҳ ном дошт, ва занаш безуриёт буда, намезоид. Ва фариштаи Худованд ба он зан зоҳир шуда, гуфт: "Инак, ту безуриёт ҳастӣ ва намезоӣ; вале ҳомила шуда, писаре хоҳӣ зоид. Ва алҳол барҳазар бош, ва май ва арақ нанӯш, ва ҳеҷ чизи палид нахӯр. Зеро инак, ту ҳомила шуда, писаре хоҳӣ зоид, ва поку ба сараш нахоҳад расид, зеро ки ин кӯдак аз батни модар барои Худо мумтоз хоҳад буд; ва ӯ ба наҷот додани Исроил аз дасти фалиштиён шурӯъ хоҳад намуд". Доварон 13:1-5*

*Ва Монӯаҳ пеши Худованд зорию илтиҷо карда, гуфт: "Лутфан, эй Худованд! Бигзор он марди Худо, ки фиристодӣ, бори дигар назди мо омада, моро таълим диҳад, ки бо кӯдаке ки бояд таваллуд ёбад, чӣ гуна рафтор намоем". Доварон 13:8*

*"Ва Монӯаҳ гуфт: "Пас, вақте ки суханонат ба амал ояд, тарбияти он кӯдак чӣ гуна хоҳад буд, ва бо ӯ чӣ бояд кард?" Ва фариштаи Худованд ба Монӯаҳ гуфт: "Бигзор аз ҳар чи ба зан гуфтаам, ҳазар намояд. Бигзор ҳар чиро, ки аз токи ангур ҳосил мешавад, нахӯрад, ва май ва арақ нанӯшад, ва ҳеҷ чизи палид нахӯрад; ҳар чиро, ки ба вай амр фармудаам, риоя намояд". Доварон 13:12-14*

*Ва он зан писаре зоид, ва ӯро Шимшӯн ном ниҳод; ва кӯдак калон мешуд, ба таҳрик додани ӯ дар ӯрдугоҳи Дон, дар миёни Соръо ва Эштоӯл шурӯъ намуд. Доварон 13:24-25*

*Ва омада, ба падару модари худ хабар дод ва гуфт: "Дар Тимно занеро аз духтарони фалиштиён дидам; ва акнун варо барои ман ба занӣ бигиред". Ва падару модараш ба ӯ гуфтанд: "Магар дар миёни духтарони бародаронат ва дар тамоми қавми мо зане нест ки ту мехоҳӣ рафта, аз фалиштиёни номахтун зан бигирӣ?" Вале Шимшӯн ба падари худ гуфт: "Варо барои ман бигир, зеро ки вай дар чашми ман писанд омад". Доварон 14:2-3*

*Ва Шимшӯн бо падару модари худ ба Тимно фурӯд омад; ва ҳангоме ки ба токзори Тимно расиданд, инак, шери ҷавоне ба пешвози ӯ наъра зад. Доварон 13:5*

*Ва Шимшӯн ба Ғазза рафт; ва дар он ҷо зани зинокореро дида, назди вай даромад. Доварон 15:1*

*Ва баъд аз он чунин воқеъ шуд, ки ӯ занеро дар водии наҳри Шӯреқ дӯст дошт, ва номи вай Далило буд. Доварон 16:4*

*Ва Шимшӯн гуфт: "Бигзор ҷони ман бо фалиштиён бимирад!"Ва бо тамоми қувваташ фишор дод, ва хона бар сарварон ва бар тамоми қавме ки дар он буданд, фурӯ рафт; ва мурдагоне ки ӯ дар тамоми умри худ кушт, аз мурдагоне ки дар ҳаёти худ кушта буд, бештар буданд. Доварон 16:30 (Пешниҳод мешавад, ки Доварон бобҳои 13 – 16-ро пурра хонед.)*

## 1. Насиҳат ӯҳдадории волидайн аст

*Падари Шимшӯн пеш аз таваллуди ӯ бо шавқи зиёд хост Худо ба онҳо "таълим диҳад, ки бо кӯдаке ки бояд таваллуд ёбад, чӣ гуна рафтор намоянд". Худо Шимшӯнро ҳамчун наҷотдиҳандаи халқ аз зода шуданаш ҷудо карда буд, вале ин писар бо маргаш аз зиндагияш дида барои халқи Исроил зиёдтар фоида дошт. Набошад волидайни Шимшӯн сухани Худоро, ки чӣ хел вайро таълим диҳанд, қабул накарданд.*

*Фаришта ба онҳо чӣ гуфт, ки бояд бо писар бикунанд?Аз меваи ангур ва ҳар чизи нопок нахӯрад. Меваи ангур дар Китоби Муқаддас рамз барои дилхушии ин ҷаҳон аст ва чизи нопокро нахӯрдан ба он ишора мекунад, ки худро дар ин дунё аз гуноҳ олуда накунад.*

*Аммо Шимшӯнро чун мард дар роҳ ба Тимно меёбем, ки аз токзор мегузарад. Ва дар он ҷо мехоҳад арӯси фалиштиро, ки чун бутпараст нопок ҳисоб мешавад, ба занӣ бигирад. Афсӯс, паҳлавони халқ дар худдорӣ суст буд ва асбоби даркории Худо шуда натавонист. Чунин менамояд, ки дар майдагӣ интизомро ёд нагирифта буд.*

*Ибриён 12:11* мегӯяд ки, дар тарбия баъзе лаҳзаҳо андӯҳ менамоянд, вале дар охир *"ононе ки ба воситаи он таълим ёфтаанд, самари осоиштаи адолатро меоваранд". Масалҳо 29:17* ва *13:24* низ ба тарбия кардани фарзанд даъват мекунад. Ин ӯҳдадорӣ на ба боғча, на ба мактаб, на ба бибӣ ва на ба куҷои дигар супурда мешавад. Китоби Муқаддас равшан меомӯзад, ки мо **волидайн** бояд фарзандонро тарбия кунем.

Мо калонсолон қобилияти кӯдаконро дарк менамоем ва интизори онем, ки фарзанд мувофиқи синну солаш на танҳо қабулкунанда, балки низ диҳанда шавад. Агар рафтори бача ба он рост наояд, мо асабонӣ мешавем. Гузариш аз "манманӣ" ба қабул кардани ҷавобгарӣ ва тоқат кардан зуд амалӣ намегардад.

Агар тифли панҷмоҳа хӯрокеро аз дастамон гирифта, ба даҳони худ андозад, мо хурсанд мешавем, вале агар ӯ сесола бошад, не. Мо шодем, агар дар сӯҳбати мо писараки дусола як ҳикоячаро нақл кунад, вале аз бачаи нӯҳсола албатта интизорем, ки гапи калонсолонро набурад.

Шумо мумкин мисли Монӯаҳ бо ҳавас интизор будед, ки ягон рӯз тифли худро дар бағалатон дошта бошед ва орзу мекардед, ки ӯро барои Худо калон кунед. Вале дар равиши солҳо шумо аз тарбия намуданаш монда шуда, ба дигар соҳаҳои зиндагӣ бештар аҳамият медиҳед. Рӯзҳои аввали фарзандатонро

боз ба хотир оваред! Хеле мумкин аст, ки як вақт шумо ба ин кӯдак чун мӯъҷизаи калонтарин нигоҳ карда бошед. Дар тарбия суст нашавед! Агар шумо фарзандатонро рӯз ба рӯз бо меҳр тарбия накунед, ҷаҳон ин вазифаро ба таври нохуб иҷро менамояд ва самараш низ чунин мешавад.

***Кӯзагар***

Кӯзагар гилро қолаб медиҳад. Баъзе вақт зарфро боз вайрон мекунад ва аз нав бо вай кор мекунад. Худо кӯзагар ва фарзандони мо гиланд. Мо чун волидайн он чархем, ки кӯзагар тоб медиҳад. Агар чарх хуб тоб хӯрад, усто ба осонӣ кор карда метавонад. Розӣ шавед, ки Парвардигори мо ба воситаи шумо писарону духтаронамонро шакл диҳад.

Иброҳим инро нағз фаҳмид. Дар *Ҳастӣ 18:19а* Худо дар бораи Иброҳим мегӯяд: *“Зеро ки ӯро барои он шинохтаам, ки фарзандони худро, ва аҳли байти худро баъд аз худ* ***амр хоҳад фармуд,*** *ки роҳи Худовандро риоя карда, адлу инсофро ба амал оваранд“.*

Иброҳим вазифаашро аз Худо қабул намуд. *Титус 2:3* ба мо мегӯяд, ки мо бояд муаллимони некӣ бошем. Аз худ пурсед: Фарзандам маро чун муаллим(а)и ростӣ ва некӣ мешиносад ё не?

## 2. Химча

*Дар бораи калоншавии Шимшӯн дар Таврот чизе гуфта нашудааст. Мо медонем, ки вай дар калонсолӣ қуввати ҷисмонии бемонанд дошт (Доварон 14:6,19; 15:14; 16:30). Ин бача шояд дар майдагӣ аз ҳамсолон фарқ мекард. Ва тасаввур кардан мумкин аст, ки химча ба ин бачаи нерӯманд кам таъсир мекард. Вале фарзандони мо ба қуввати Шимшӯн намерасанд. Китоби Муқаддас химча задан ба бача пешбинӣ намудааст.*

Модароне ҳастанд, ки ба химча задан норозиянд. Онҳо мегӯянд: “Ман фарзандамро чунон сахт дӯст медорам, ки вайро ҳеҷ намехоҳам бизанам“. Касе ки ин тавр эътироз кунад, чандин чизро сарфаҳм намеравад:

1) сарварии Каломи Худо
2) чӣ будани меҳр
3) хислатҳои Худо
4) эҳтиёҷоти кӯдак

<u>1) Сарварии Каломи Худо</u>

*Масалҳои 19:18, 22:15, 23:13- 14* ва *29:17*-ро хонед, то бинед, ки Каломи Худо равшан ёд медиҳад, ки химчаро бояд ба кор барем.

<u>2) Чӣ будани меҳр</u>

Меҳри ҳақиқӣ меандешад, ки чӣ барои фарзанд хуб ва даркор аст. *“Муҳаббат нафъи худро толиб нест“ (1Қӯр. 13:5).*

<u>3) Хислатҳои Худо</u>

*Ибриён 12:5* ёд медиҳад, ки Худо моро ҷазо медиҳад, чунки моро дӯст медорад.

4) Эҳтиёҷоти кӯдак
Шумо фарзандро аз васвасае, ки дар худи ҷисми одам аст, боздошта наметавонед, вале шумо метавонед ӯро тайёр кунед, ки ӯ худдориро ёд гирад, то ӯ ба зиндагии худдӯстдорона тан надиҳад.

## ***Химча – воситаи Худо барои тарбия***

Худо ба дасти волидайн (ва на ба дасти муаллимон ва дигар касон!) химчаро чун восита барои покӣ додааст. Модар ва падари хирадманд ин воситаро бо эҳтиёт ба кор мебаранд. Боз хотиррасон кунем, ки дар Китоби Муқаддас ду асбоб барои тарбияи фарзанд пешкаш шудаанд: сӯҳбат ва химча. Ҳар кори дигар зидди Калом аст.

Як хел волидайн фарзандонро дар хонаҳои торик маҳкам мекунанд. Бача дар хонаи маҳкам менишинад. Фикрҳои вай чунин мебошанд: "Ман ганда, мисли шайтонам. Аз дасти ман ҳеҷ кори хуб намеояд". Вай одат кардан мегирад, ки ҷои вай дар "зиндон" аст. Илова ба ин, ҷойҳои торик торикиро дар дил ба вуҷуд меоваранд. Танҳо химча роҳи ҳал мешавад, чунки фарзанди бетарбия (дар ин ҷо бо маънои "бе химча хӯрдан") бероҳат ва асабонӣ аст ва тартиби хонаатонро вайрон мекунад. Як бори дигар *Масалҳо 29:17*-ро аз назар гузаронед.

Фарзандро напучед. Кӯдакон ҳис мекунанд, ки ба онҳо химча намерасад. Пучидан онҳоро танҳо хашмгин месозад. Инчунин дасти модар ё падар бояд танҳо навозиш кунад. Задан кори химча аст. Бачагон ин фарқро хеле хуб мефаҳманд.

## ***Химча бо дуо***

Агар лозим ояд, ки химчаро истифода баред, чуқур нафас кашед ва дуо гӯед: "Худованд, ёрӣ деҳ, ки ин барои фарзандам дарси қиматбаҳо шавад. Фарзандамро аз саркашӣ ва худписандияш пок кун. Ба ман қувват деҳ, ки ором бошам ва чун намояндаи ту амал кунам". Кӯдакро бо асабоният накашед. Овозатонро баланд накунед. Фарзанд бояд химчаро дар ҳолати ором ва шуморо бомулоҳиза ва худдор шиносад.

## ***Химча дар оромӣ***

Бачагон дар ин лаҳза мефаҳманд, ки ҷазо дар пеш аст ва зуд бахшиш мепурсанд. Акнун дер шуд. Кӯдак ҷиддӣ нафаҳмид, ки бояд аз кори кардааш пушаймон шавад. Ӯ фақат аз ҷазо метарсад. Бинобар ин бахшиши деринаро қабул накунед.

Оромона фарзандро ба хонаатон даъват кунед. Ҳеҷ вақт дар пеши дигар аъзоёни оила назанед. Як утоқеро аниқ кунед, ки дар он ҷо химча истодааст. Фарзандоне ки ба ин намуди тарибия одат доранд, гӯш карда, ба ҳамон утоқ медароянд. Вале агар то имрӯз методҳои дигарро ба кор бурда бошед, шояд бачаатон мегурезад.

Набошад, он чи даркор аст, бикунед: ӯро маҷбур кунед, ки ба хона дарояд ва химча бихӯрад. То мағлуб нашавад, вайро сар надиҳед. Ҳеҷ шартро қабул накунед. Сухани шумо қонун дар оила аст. Ба ӯ исбот кунед, ки шумо бисёртар тоқат ва қувват доред ва аз доду вой наметарсед. Ҳангоми ин амал дуо кунед ва асабонӣ нашавед. Охир, танҳо ин тавр шумо ба фарзандатон кӯмак мерасонед, ки ӯ интизомро ёд гирад. Агар шумо сустӣ кунед, ин ба зарари фарзандатон аст!

Ба кӯдакатон гӯед, ки шумо маҷбуред ӯро занед. Шумо мехоҳед вай фаҳмад, ки рафтораш нодуруст буд ва вай бояд кори кардаашро дигар накунад. Дод назанед. Фарзанди шумо кар нест ва шуморо хуб мешунавад. Дод задан ҳам фарзанд, ҳам худи шуморо хашмгинтар мекунад. Умуман дар Китоби Муқаддас ба ҳамдигар дод задан раво нест. Ба фарзанд фаҳмонед, ки чанд зарба мехӯрад ва инро иҷро кунед. Панҷ то даҳ зарба асосан бас аст. Вайро танҳо ба ақибаш занед, то ки ӯ маъюб нашавад. Ба рӯи фарзанд задан на танҳо пай мегузорад, балки (боз бадтар) обрӯи ӯро мерезонад. Бачаҳо метавонанд шуморо барои ин кор бад бинанд.

Кӯдакони калон гоҳо баъди химча хӯрдан ҳанӯз ҳам саркашӣ мекунанд. Вақт бисёртар ҷудо карда, ба вай хатоҳояшро шарҳ диҳед ва ӯро боз занед. Тарбия карданро танҳо дар он лаҳзаи мағлуб шундани фарзанд анҷом диҳед. Хусусан бо бачаҳои майда шарт нест, ки зарбаҳо ҳама вақт сахт бошанд. Эҳтироми ороми шумо он зарбаҳоро боз бисёртар таъсирбахш месозад.

**Эҳтиёт:** Агар фарзанд ҳис кунад, ки волидайн бо химча задан танҳо худро паноҳ медиҳанд, ҷавоби вай ба зарбаҳо монанди дастбагиребоншавӣ бо ҷӯраи боқувваттараш дар кӯча мешавад: Вай мутеъ мешавад, вале шуморо ҳурмат намекунад. Ӯ рафторашро дигаргун мекунад, вале дилаш дар ҳолати кӯҳна мемонад.

## ***Суиистифодаи химча***

Ҳеҷ вақт фаромӯш накунед, ки шумо дар пеши Худо барои истифодаи химча ҷавобгарии бузург доред. Агар қоидаҳои болоро қабул кунед, мефаҳмед, ки шумо танҳо намояндаи Худованди меҳрубонед, ки мехоҳад фарзандашро боз пок бинад.

Ҳеҷ вақт химчаро барои қасосгирӣ ё дар хашм истифода набаред. Дод задан, кӯдакро сахт ин сӯ, он сӯ кашидан, тела додан ва ӯро ҳар ҷо задан барои волидайни масеҳӣ раво нест. *Яъқуб 1:19.20* нишон медиҳад, ки мо дар тарбия бояд худдорӣ кунем.

Маслиҳат барои падарону модароне, ки худро дар ин лаҳзаҳо дошта наметавонанд: Шумо худро дар як хона маҳкам кунед ва дуо карда, (шояд то як соат) интизор шавед, ки ба худ биёед ва баъд фарзандро оромона занед.

## ***Вазифаи химча***

Химча насиҳатдиҳанда аст. Ба таври оддӣ ба кӯдак фаҳмонда мешавад, ки саркашӣ чӣ қадар нодонӣ аст. Он ба бача хотиррасон мекунад, ки Худо пок аст ва  ӯ ба он покӣ намерасад. Химча ба кӯдак ёрдам мерасонад, то вай дарк кунад, ки ӯ бояд ислоҳ шавад. Баъди задан бо фарзанд шинед ва бо вай дуо кунед. Мо бо фарзандонамон сӯҳбатҳои беҳтаринро дар он лаҳзаҳо гузаронидаем. Агар ҳис кунед, ки чун тарбиягар асабонӣ шудаед ва химчаро дуруст истифода набурдаед, дар пеши фарзанд ва дар пеши Худо тавба кунед. Монед, кӯдакатон низ дуо кунад.

### ***Аз чанд то чандсолагӣ?***

Аз яксолагии фарзанд сар кунед. Пеш аз ин танҳо бо химчаи хурдакак ба дасти ӯ кам-кам задан аллакай бас аст. Бояд гуфт, ки химча ба духтарон нисбат ба бачагон камтар даркор мешавад.




0 5 10 12/14 солагӣ

Ба сурати боло нигаред: Истифодаи ин ду восита - *химча* ва *сӯҳбат* - ҳангоми калоншавии кӯдак равиш дорад: Чӣ қадар фарзанд калон шудан гирад, химча камтар истифода бурда мешавад, то сӯҳбат (на баҳс!) ҷои инро пурра гирад. Духтаронро баъди 12 солагӣ ва бачагонро баъди 14 солагӣ дигар назанед, зеро баъди ин бояд сӯҳбат кифоя бошад. Ва агар дар он вақт сӯҳбат фоида надошта бошад, химча ҳам дигар ёрдам намерасонад.

## 3. Виҷдони кӯдак ҳамкори мост

*Шимшӯн чун мард аз падар хоҳиш мекунад, ки як духтари бутпарастро ба вай ба занӣ бидиҳад. Вале падару модараш медонистанд, ки ин аз рӯи шариати Мусо мумкин нест ва ба ӯ гуфтанд: “Хубтар мебуд, ки духтари худотарсро мегирифтӣ. Чӣ даркор аст, ки аз байни мардуми бутпараст арӯс интихоб кунӣ?“ Шимшӯн эътироз менамояд: “Варо барои ман бигир, зеро ки вай дар чашми ман писанд омад“. Метавон гуфт, ки Шимшӯн дигар кӯдак набуд. Рост, вале коре ки вай дошт, як масъалаи ночиз набуд. Ҳатто дар масъалаи оиладорӣ вай аз падару модари худотарсаш намепурсад, ки оё интихобашро раво мебинанд ё ки не. Чунин метобад, ки инсофаш ӯро азоб намедод, гарчанде ки вай оини Худоро дар бораи оиладорӣ бо бутпарастон медонист. Ба вай муҳимтар буд, ки ин духтар дар чашми худаш писанд оянд, на дар чашми Худованд! Шояд волидайнаш сайқал додани виҷдонашро фаромӯш карданд?!*

Тарбияи шумо як нишон дорад: виҷдони фарзандатон. Худо ба вай ақлро дод, то ки хубиро аз бадӣ фарқ карда тавонад. Павлус ба мо хотиррасон менамояд, ки ҳатто халқҳое ки шариати Худоро надоранд, табиатан фармудаҳои шариатро ба ҷо меоваранд *(Рум. 2:12-16)*. Фикрҳояшон онҳоро ё айбдор ё сафед месозанд, чунки виҷдон доранд. Ҳамин виҷдон ҳамкори шумо дар тарбия аст. Ҳангоме ки виҷдони кӯдак ҷавоб медиҳад, тарбияи шумо аз ҳама таъсирбахш мешавад. Китоби Масалҳо аз чунин насиҳатҳо пур аст *(Масалҳо 23:17,19,26,22* ва *23*-ро аз назар гузаронед). Нависанда аз хонанда илтиҷо мекунад, ки ба ӯ гӯш диҳад. Инсоф бояд бо ҳикмат шудгор карда шавад, то ки дар он ростии Худоро кошта тавонем.

## ***Як мисол***

Баъди ҷамъомад як мард дар ҳолати ҳаяҷон пеши яке аз пирони ҷамоат рафт. Ӯ мушоҳида кард, ки як бача баъди сурудхонӣ аз халтачаи ҷамоат пул дуздид. Ӯ барои ин бача хеле ғам мехӯрад. Пири ҷамоат пешниҳод мекунад, ки рӯйдодро ба падари ин бача нақл кунанд. Каме дертар падару писар ба хонаи пир медароянд. Бача ба гардан мегирад, ки 1 евро дуздид. Гирякунон узр мепурсад.

Ин пир ба ӯ мегӯяд: ”Бачаам, ман хурсандам, ки касе дид, ки ту чӣ кор кардӣ. Худо туро аз гурехтан нигоҳ дошт, то ки дили ту аз гуноҳ сахт нашавад. Оё ту мефаҳмӣ, ки Худованд чӣ гуна барои ту ғам мехӯрад?” Мард ба чашмони ин бача ҷиддӣ нигоҳ мекунад ва суханашро давом медиҳад: “Бин, барои ҳамин даркор шуд, ки Исои Масеҳ ба ин дунё ояд. Исои Масеҳ омад, чунки одамон мисли ту, мисли падарат ва мисли ман дилҳое дорем, ки дуздӣ карданро дӯст медоранд. Мо ин тавр сангдил ва расвоем, ки мо ҳатто чизеро, ки одамон ба Худо додан мехоҳанд, медуздем! Вале Худо нисбати мо ин қадар меҳр дорад, ки моро аз дарун дигаргун сохтан мехоҳад. Ӯ мехоҳад, ки мо дигар на дузд, балки диҳандагон бошем“. Дар он лаҳза бача зор-зор гиря мекунад ва 10 еврои дигарро аз кисааш мебароварад.

Ин писар дар аввал розӣ буд, ки ба хотири гуноҳи фошшуда, ба як қисми дуздӣ қоил шавад. Падараш ва пири ҷамоат намедонистанд, ки ӯ бисёртар пул гирифта буд. Набошад чӣ шуд? Виҷдонаш ӯро дигар ором намонд. Сухани айбдорнакунандаи ин мард дар дилаш як зангӯлаbackро ҷунбонд. Инҷил бо файзаш нишонашро дар виҷдони ҳамин бача тир зад.

## ДАРСИ 8

# Элӣ

*Писарони Элӣ шахсони нобакор буданд ва Худовандро намешинохтанд. Рафтори ин коҳинон нисбат ба қавм чунин буд, чун касе қурбонӣ мекард, хизматгузори коҳин дар вақти пухтани*

*гӯшти он меомад, дар ҳолате ки сихи сешохае дар дасташ буд; ва онро ба лаган, ё дег, ё тос фурӯ мефиристод, ва ҳар чиро, ки он сих мебаровард, коҳин барои худ мегирифт. Бо ҳамаи исроилиёне ки ба он ҷо, ба Шилӯ меомаданд, онҳо ҳамин тавр мекарданд. 1Подшоҳон 2:12-14*

*Ва гуноҳи ин ҷавонон ба ҳузури Худованд бағоят азим буд, зеро ки ин одамон қурбонии Худовандро хор медоштанд. 1Подшоҳон 2:17*

*Ва Элӣ бағоят пир шуда буд; ва ҳар амалеро, ки писаронаш дар ҳаққи тамоми Исроил мекарданд, мешунид, ва онро низ, ки чӣ гуна онҳо бо заноне ки назди даромадгоҳи хаймаи ҷомеъ ҷамъ мешуданд, хуфтухоб менамуданд. Ва ба онҳо мегуфт: "Чаро шумо чунин амал мекунед? Ман охир, ин аъмоли бади шуморо аз тамоми қавм мешунавам. Чунин амал накунед, эй писаронам! Зеро овозае ки ман мешунавам, хуб нест: шумо боиси маъсияти (=сабабгори гуноҳи) қавми Худованд мегардед. Агар касе бар зидди касе гуноҳ кунад, ӯро Худованд доварӣ менамояд, вале агар касе бар зидди Худованд гуноҳ кунад, кист, ки барои вай шафоат намояд?" Вале онҳо ба овози падарашон гӯш намедоданд, зеро Худованд қарор дода буд, ки онҳо бимиранд. 1Подшоҳон 2:22-25*

*Ва рӯзе аз рӯзҳо чунин воқеъ шуд, ки Элӣ дар ҷояш хобида буд; ва чашмонаш хира гардида буд, ба тавре ки ӯ наметавонист бубинад. 1Подшоҳон 3:2*

*Ва Элӣ доду фарёдро шунида, гуфт: "Ин садои ғулғула чист?" Ва он мард шитобон омада, ба Элӣ хабар дод. Ва Элӣ наваду ҳаштсола буд; ва чашмонаш кӯр шуда буд, ва ӯ наметавонист бубинад. 1Подшоҳон 4:15*

*"... ва сандуқи Худо забт карда шуд". Ва ҳамин ки вай сандуқи Худоро зикр кард, ӯ аз болои курсӣ назди дарвоза пуштнокӣ афтод, ва гарданаш шикаста, мурд, зеро ки марди пир ва гарон буд; ва ӯ чил сол бар Исроил доварӣ намуд. Ва келини ӯ, зани Финҳос, ки ҳомила ва моҳу рӯзаш пур буд, чун хабари забти сандуқи Худо ва мавти падаршӯ ва шавҳари худро шунид, ба зону чӯкида, зоид, зеро ки баногоҳ дард ёд кард. Ва дар вақти мурданаш заноне ки назди вай истода буданд, гуфтанд: "Натарс, зеро ки писар зоидӣ". Вале вай ҷавоб нагардонд ва диққат надод. Ва писарро Ихобӯд ном монда, гуфт: "Шараф Исроилро тарк кард!" Чунки сандуқи Худо забт гардида, падаршӯву шавҳари вай талаф шуда буданд. 1Подшоҳон 4:18-21 (пешниҳод мешавад, ки тамоми боби 3 ва 4-ро хонед.)*

## 1. Барои тарбия кардан омода бошед!

*Мо дар Китоби Муқаддас бо Элӣ баъди 90-сола шуданаш шинос мешавем. Дар бораи ӯ чандин сифатҳо гуфта мешаванд. Агар одам ба ин* ***аз назари рӯҳонӣ*** *нигоҳ кунад, метавонад бинад, ки Элӣ тамоман суст буд. <u>Ӯ пир, вале на хирадманд буд.</u> Пирӣ дар ин ҷо танҳо ишорае ба камқувватияш аст. Дар Китоби Масалҳо 17:7 дар бораи набераҳо ҳамчун тоҷи пирон сухан гуфта мешавад, аммо Элӣ инро таҷриба накарда буд. Баръакс, сухани охирини келинаш ҳамин буд, ки шукӯҳи Худо Исроилро тарк кард.*

*Чашмони ӯ кӯр буд, вале бадтар аз ин кӯрии чашми дилаш буд.* *Касе ки ба воситаи Каломи Худо сайқал наёбад, барои ҳақиқатҳои рӯҳонӣ кӯр мешавад.*

*Ӯфарбеҳ буд, вале бадтар аз ин дили ӯ чарбу гирифта буд.* *Фарбеҳии дил чун танбалӣ ва беинтизомӣ тафсир карда мешавад. Бечора, падари нотайёр: камқувват, барои ҳақиқатҳои рӯҳонӣ кӯр ва худаш беинтизом.*

Агар се маслиҳати зеринро ҳангоми тарбияи фарзанд барои худ қабул карда бошед, нисфи вазифаро аллакай иҷро кардаед:

1. Қувват ёбед: ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, чизеро ки фаҳмидед, ба кор баред!
2. Дуо кунед, то Худо ба шумо дар бораи ҳақиқатҳои илоҳӣ фаҳмиш диҳад!
3. Нагузоред, ки ғуломи танбалӣ ва бандаи бетартибӣ бошед!

Ин маслиҳатҳо ба фарзандони мо чӣ дахл доранд? Барои кӯдакони хурд падару модар посбонони тамоми қоидаву қонун, нигоҳбонони тамоми ҳақиқатҳо ва диҳандагони муzданд. Волидайн монанди тирезаанд, ки ба воситаи он фарзанд аввалин тасаввуротро оиди қоидаҳои асосии ҳукмронии илоҳӣ меёбад.

Агар шумо қоидаҳоро дар хонаатон барпо кунед, вале баъд риояи онҳоро хуб нигоҳ накунед, шумо ба кӯдак дар бораи қоидаҳо ба таври умумӣ хабар медиҳед. Агар ҳар гуноҳ, саркашӣ ва беодобӣ ҷазо дода нашавад, ҷаҳонбинии фарзандатон нодуруст мешавад.

## ***Роҳи осон***

Як бачаи сесола дар оилааш сари дастархон менишинад. Падар мехоҳад дуо гӯяд. Ҳама сар хам мекунанд, лекин писарчаи хурд не. Ҳангоми дуо ӯ хӯрок хӯрданро сар мекунад. Чӣ кор бояд кард?

Волидайн бояд ин кӯдакро ҷазо диҳанд. Ин чӣ тавр ба амал меояд? Фарзандро оромона хезонед. Агар гапатонро гирад, якҷоя ба хонаи дигар равед. Вале агар якравӣ кунад, вайро бардошта ба хона дароред. Дар он ҷо ба вай бе дод фаҳмонед, ки ҳангоми дуо аллакай хӯрок хӯрданаш хуб нест ва вай бояд интизор шуданро ёд гирад. Фаҳмонед, ки ӯ бо беитоатияш на танҳо шуморо ҳурмат намекунад, балки боз аз ин бадтар Худоро эҳтиром наменамояд.

Шояд волидоне ҳастанд, ки эътироз мекунанд, ки инро чанд бор таҷриба кардаанд, вале бефоида. Танҳо як маслиҳат дода мешавад: монда набошед ва давом диҳед! Кӯдак бо такрор кардан ёд мегирад. Агар лозим бошад, фарзандро даҳ бор ё ҳатто бисёртар аз дастархон хезонед.

Вале агар танбалӣ кунед, хестан ба шумо нафорад ва гуноҳи кӯдакро рӯпӯш кунед, айбдор мешавед, чунки кӯдак дарси муҳими зиндагиро аз даст дод. Дар охир он роҳе ки шумо осон пиндоштед, роҳи гарон мегардад!

## *Гадоиро рад кунед*

Кӯдак бояд ҳеҷ гоҳ барои чизе зорӣ ё гадоӣ накунад. Ин одатро аз фарзанд дур кардан осон аст: агар ба гадо ҳеҷ вақт ягон тин надиҳед, гадо пешатон дигар намеояд. Бо кӯдак ҳамин тавр аст: Намонед, ки писар ё духтаратон бо зориву нолишаш комёб шавад.

Фарз мекунем, ки шумо пеш аз харид кардан, қарор додед, ки ба фарзандатон якто яхмос мехаред. Агар вай бетоқат шуда, ин чизро ду бор пурсад, ҳатто агар ба бародарону хоҳаронаш яхмос харед ва вай маҷбур шавад, ки тамошо кунад, онро ба ӯ нахаред. Бовар кунед, ин кӯдак ҳамин хаторо дигар такрор намекунад! Агар кӯдакро бардоштан хоҳед, бардоред, вале вақте ки шумо нахоҳед, набардоред. Нагузоред, ки фарзанд ба шумо фармон диҳад.

Шояд гумон мекунед, ки акнун гиряву нолиши кӯдакон ҳар қадам шуморо ҳамроҳӣ мекунад. Ва дар ҳақиқат, агар шумо ин қоидаро танҳо ба 99 % иҷро кунед, бо натиҷааш норозӣ мешавед. Танбалӣ накунед! Агар фарзанд бо гадоияш як бор барор ёфт, даҳ бори дигар барои чизе зора кардан мегирад. Вале – новобаста ба синну солашон – агар ба вай нишон диҳед, ки ҳеҷ вақт комёб намешавад, вай аз гадоӣ даст мекашад. Касе ки <u>қариб ҳама вақт</u> қатъиятона тарбия мекунад, маҷбур аст химчаро бисёр истифода барад. Аммо касе ки <u>ҳама вақт</u> қатъиятона тарбия мекунад, дар охир химчаро хеле кам ба кор мебарад.

## *Савол ин нест, ки оё вай халал мерасонад ё ки не*

Шумо қоида ва қонунро дар хона барпо мекунед. Агар шумо қарор кардед, ки фарзанд соати 9.00-и бегоҳӣ хоб равад, вай бояд дар он вақт хоб равад. Мумкин кӯдак боз оҳиста хеста пешатон меояд ва оромона китобчаро тамошо мекунад. Акнун ин кӯдак хомӯш аст ва ба модараш халал намерасонад. Ба модар ҳатто мефорад, ки фарзандаш мисли гурбача пешаш омада, дароз мекашад ва китобчаро варақ мезанад. Модар метавонад фикр кунад, ки ана кӯдак халал намерасонад ва барои ҳамин даркор намешавад, ки ӯро боз ба ҷогаҳаш фиристад. Ин хатои калон аст. Ин тавр модар ба фарзандаш ёд медиҳад, ки якравияш фоида дорад. Пагоҳ кӯдак боз дар вақташ хоб намеравад. Савол ин нест, ки оё вай халал мерасонад ё ки не. Савол ин аст: “Қоида чӣ буд?“ Шумо ба вай ёд диҳед, ки гапи шумо қонун аст. Шумо гуфта будед, ки вай бояд дар ҷогаҳаш бошад, пас вай бояд дар он бошад! Ҳамчунин дар ин лаҳза барои фоидааш аст, ки вайро барои саркашияш ҷазо диҳед, то ки вай хубу бадро фарқ карда тавонад.

## *“Сарзаниши рӯҳонӣ“ зарар мерасонад*

Падарону модарони масеҳие ҳастанд, ки аз ноилоҷӣ кӯдакро огоҳӣ медиҳанд: “Ин ё он корро накун! Худо инро нағз намебинад!“ Ё: “Худо туро мезанад!“ Ё: “Шояд ман туро намебинам, вале Худо ҳама чизро мебинад!“ Ин гуна суханон

фарзандро ба тарафи нодуруст мебаранд. Натиҷаи ин огоҳиҳо нафрат аз Худо ва ба ҷои худотарсӣ хор дидани Худо аст.

Номи Худоро суиистифода набаред, то кӯдаконатонро ба итоат дароваред. Агар онҳоро ин тавр тарсонед, онҳо ҳарчи тезтар юғро аз китфашон мепартоянд.

Қоидаи асосӣ дар ин ҷо "пайвастӣ" аст. Агар ду коре ки аз ҳам ҷудоанд, дар як ҳангом амалӣ гарданд, дар ҳуши мо онҳо якҷоя сабт мешаванд. Вақте ки майнаи сари одам яке аз ин чизҳоро ба хотир оварад, дигараш ҳам ба ёдаш мерасад. Масалан, агар шумо ҳар рӯз ҳамон газетаро хонда, дар он соат мусиқии шашмақомро гӯш кунед, дар оянда танҳо сарлавҳаи газетаатонро дида, аллакай тасаввурти оҳангҳои шашмақомро дар гӯш доред. Мисолҳои зеринро бинед:

***Мисолҳои сарзаниши рӯҳонӣ***

Бачагонро ба лагери масеҳӣ бурданд. Писарон то бевақтӣ хомӯш нашуда, ба дигарон халал расонданд. Муаллимон дигар намедонистанд, ки бо ин кӯдакон чӣ кор кунанд, бинобар ин бачагонро маҷбур карданд, ки бедор монда, то саҳар Китоби Муқаддас хонанд. Роҳбарони лагер сарфаҳм нарафта буданд, ки ба дили ин бачагон кинаро ба Каломи Худо коштанд! Дар майнаи сари ин фарзандон чунин фикр сабт мешавад: Китоби Муқаддас хондан ҷазо аст! Афсӯс.

Модаре ҳаст, ки фарзандонро бо аз ёд кардани оятҳои Китоби Муқаддас ҷазо медиҳад. Маълум, ки ин кӯдакон дар калонсолӣ дигар ягон оят аз ёд кардан ё ҳатто ба ёд овардан намехоҳанд.

Саркаширо бо химчаву насиҳат ҳал кардан лозим аст.

## 2. Хашми волидайн

*Дар бораи Элӣ гуфтан мумкин нест, ки вай ба хотири рафтори бачагонаш сахт хашмгин шуд. Насиҳати вай – дар муқоиса бо гуноҳашон – хеле суст буд. Касе метавонист гӯяд, ки то хашмгин нашавӣ ва дод назанӣ, бачаат сарфаҳм намеравад, ки аз вай чӣ мехоҳӣ. Вале ин нодуруст аст. Агар одам ба таври дуруст аз майдагӣ тарбия ёбад, дар калонсолияш ҳам ба насиҳати бомаънӣ гӯш мекунад.*

"Ҷонам, ман ба ту гуфта будам, ин корро дигар накун. Ман туро як бори дигар огоҳӣ медиҳам, баъд маҷбурам, ки туро занам!" Чунин ҷумлаҳоро чандин волидайни масеҳӣ истифода бурда, бо сабру тоқат фарзандро ба итоат даровардан мехоҳанд. Вале фикр кунед, ки чӣ мешавад: **кӯдак чунон тарбия меёбад, ки то он лаҳзае ки модараш хашмгин нашавад, гӯш кардан даркор нест.** Фарзанд хуб медонад, ки кай асаби шумо вайрон аст. То гузаштани хафагии шумо (ва баъди шатта хӯрданаш) ором мемонад ва гап мегирад. Аммо сипас ӯ зуд кори худро кардан мегирад.

Мо дар оила ин таҷриба ҳам карда будем, ки ба фарзанд барои итоат кардан вақт медодем. Ҳангоми огоҳонидан то се

мешумурдем. Кӯдак се сония вақт дошт, ки аз беодобӣ даст кашад. Вале мо дидаем, ки одамизод саркаш аст ва бинобар ин ин метод кам фоида дорад. Фарзанд ёд мегирад, ки то рақами се шуморидан гап гирифтан лозим намешавад. Акнун бошад мо дар якум бор интизорем, ки гапи моро гиранд.

## ***Мисоли якум***

Модаре буд ки ду фарзанд дошт. Писараш хоҳарчаашро бисёр вақт бесабаб мезад. Он модар мехост тоқат нишон диҳад ва ангушт бардошта мегуфт: "Ҷонам, ин корро дигар набинам, вагарна химча мехӯрӣ". Бачааш ғам додани хоҳарашро давом медод. Волида дигар худро дошта натавониста дар хашм ӯро мезад. Касе аз он модар пурсид, ки барои чӣ вай дар аввал назад, вақте ки худаш ором буд. Ин модар насиҳатро қабул карда, ҷанҷоли фарзандонашро интизор буд. Ҳангоме ки писараш духтарчаро задан гирифт, модар сокитона хеста, бо химча ӯро зад. Бори якум барои бача ин таҷриба "даҳшатнок" буд. На огоҳӣ, на таҳдид – модар дар лаҳзаи якум итоат талабид! Баъди ду рӯз бо ҳамин ҷазодиҳӣ писар ёд гирифт, ки барои аз ҷазо халос шудан роҳ нест ва аз задани хоҳараш даст кашид.

## ***Мисоли дуввум***

Тасаввур кунед, ки милиса мошинро нигоҳ медорад. Ӯ ба ронанда мефаҳмонад, ки ӯ чи қадар ғамгин шуд, ҳангоме дид, ки ӯ сари чорраҳа назди чароғаки сурх наистод. Ё фарз кунем, ки як милиса бо рӯи суп-сурх ва мушт дар ҳаво афшонда, ба рондандаҳои хатокор дод мезанад: "Як бори дигар ба шумо мегӯям, қоидаро вайрон накунед!" Бе ҷарима ин тавр кардан барои ҳама хандаовар мешавад. Метавонед тахмин кунед, ки дар пеши фарзандатон чӣ гуна менамоед, агар огоҳӣ додан гиред, вале иҷро накунед.

## ***Магар огоҳӣ додан баробари рухсат барои беитоатӣ нест?***

Албатта шумо бояд ба фарзандонатон гӯед, ки қоидаҳои оилавӣ кадоманд. Лекин ҳайрон нашавед, ки кӯдакон аз худ мераванд, агар огоҳонидан гиред, ва боз огоҳонидан гиред ва баъд шарт монед. Дар натиҷа шумо бо асабҳои вайрон онҳоро чунон мезанед, ки баъд аз худатон шарм мекунед.

Роҳи ҳал ҳамин аст: "Амали беитоатонаи майдатаринро бе ҷазо намонед!"

Агар волидайн танҳо дар хашм мезананд, ба писар ё духтар чунин менамояд, ки онҳо шахсан зидди ӯ ҳастанд ва ӯро дӯст намедоранд. Вале чунин нест–ку. Фарзандон ин хел ёд намегиранд, ки бояд зери итоати қонуну қоидаҳо бошанд, балки мефаҳманд, ки ба одами зӯртар муқобилат накунанд. Агар шумо устуворона ҷазо надиҳед, кӯдакон тарбияи шуморо танҳо мусобиқае меҳисобанд, ки кадоме гапи худро гузаронида метавонад.

## ***Нафрат аз фарзанди худ***

Дар Инҷил гуфта шудааст, ки вазифаи пиразанон он бошад, ки ба ҷавонзанон ёд диҳанд, ҳам шавҳарро, ҳам фарзандонашонро дӯст бидоранд *(Титус 2:4)*. Лаҳзаҳое ҳастанд, ки волидайн фарзандонашонро ба хотири рафтори бадашон тамоман нағз намебинанд. Кӯдаки худписанд ва эркаро дӯст доштан дар ҳақиқат мушкил аст. Илова ба ин, кӯдак худро низ дар ин маврид дӯст намедорад. Бинобар ин ба фарзанд ёрӣ диҳед, ки ин тавр нашавад.

Ҳама фарзандон тарбия – ягон хел тарбия – меёбанд. Аз рафтори кӯдак маълум мешавад, ки ӯ чӣ гуна тарбия ёфтааст. Ба ҷои насиҳати орому устувор таҳдид додан, тарсондан, шикоя кардан, хашмгин шудан ва гоҳ вақт химчаро дар хашм истифода бурдан, то ки ақаллан аз ҳад зиёд беодоб нашавад, зарари калон меоварад. Агар ба фарзанд иҷозат диҳед, ки  нолидан ва якравӣ кардан гирад, ин маънои онро дорад, ки шумо хислатҳои бади вайро дар дилаш мепарваронед. Дар оқибат шумо ин фарзандро бо мушкилӣ нағз мебинед.

Фарзандон тартибро дӯст медоранд – гарчанде кӯдакон ба ин на ҳама вақт сарфаҳм меraванд. Роҳбари онҳо бошед! Роҳи ростиро ба онҳо нишон диҳед!

## ***Таъриф***

Фарзандатонро кай охирин бор сарзаниш додед? Вайро кай охирин бор  таъриф кардед? Ба кӯдакатон нишон диҳед, ки кай аз кораш розиед. Таърифи шумо сунъӣ набошад. Модароне ҳастанд, ки ин маслиҳатро қабул карда, сарзанишро бо таъриф оғоз мекунанд. Агар шумо гоҳо ҳангоми насиҳат низ корҳои некашро ситоед, хуб аст, вале таърифро суиистифода набаред. ”Фалон корро хуб кардӣ, вале...“ Нашавад, ки аз пайи ҳар кори хуб калимаи “вале“ ояд.

# 3. Интизом

*Элӣ фарбеҳ буд – чарбу дар байни чандин сол ҷамъ шудан гирифт. Вай худдорӣ карда наметавонист ва фарзандонаш низ бо ин роҳ рафта, ҳатто аз падар гузаштанд. Афсӯс, Элӣ дар майдагии фарзандонаш сарфаҳм нарафта буд, ки рӯзе бачагонаш сардорони рӯҳонии қавм шуда, бояд ба халқи Исроил худотарсиро меомӯхтанд. Аммо писарони ӯ бадкирдориро пеша карда буданд ва аз ҳамин сабаб одамон аз қурбонии Худо дилхунук мешуданд.*

Интизом калимаест, ки мо ба мактаб ё аскарӣ пайваст мекунем. Он ҷоест, ки беитоатӣ тамоман қабул намешавад. Тасаввур кунед, агар аскаронро барои ҳар кор маҷбур намекарданд, чӣ мешуд. Ҳар кас дар вақти мехостааш мехест, дар вақти мехостааш мехӯрд, чӣ хел ки мехост мепӯшид ва ғайра. Ё дар мактаб фарзандон дар вақти мехостаашон ба дарс меомаданд,

вазифаи хонагиро танҳо дар вақти мехостаашон мекарданд. Натиҷаи ин бетартибӣ бесарусомонӣ мебуд. Ватан ҳимоя карда намешуд, ва талабагон ягон дониш пайдо намекарданд.

Бисёриҳо бо ин фикр розӣ ҳастанд, ки дар мактабу ҷанг бояд тартибу интизом бошад, вале барои чӣ дар хонаи худатон не?

Бо машқ шумо метавонед, ба сагҳо ё дигар ҳайвонот бисёр чизҳо ёд диҳед. Сагонро дар полис ёд медиҳанд, ки онҳо, сер набошанд ҳам, назди ҳасиби дар замин монда худдорӣ карда тавонанд. Сагро метавонед ёд диҳед, ки вай бо як фармон шинад, хезад ва ором бошад. Намехоҳем фарзандатонро ба саг монанд кунем, албатта, вале бояд гуфт, ки агар ҳатто ҳайвонро омӯзондан мумкин бошад, наход ки шумо фарзандатонро ёд дода натавонед. Ҳар кӯдак метавонад ба воситаи машқ ёд гирад.

Мо бегоҳӣ бо бачагон гоҳо "машқи ҳарбӣ" мегузаронем: фарзандон ҳама дар як катор меистанд ва падар фармон додан мегирад: "Хезед, шинед, хоб равед, тоб хӯред!" Ин тавр онҳо ба овози падар дар машқ гӯш карданро ёд мегиранд, ва дар лаҳзаи мушкил ба ӯ итоат кардани онҳо осон мешавад. Бовар кунед, бачагон ин машқҳоро бисёр дӯст медоранд.

## 4. Ҳурмату фармонбардорӣ

*Элӣ саркоҳин дар хонаи Худо буд. Вай албатта бояд ба писаронаш ёд медод, ки гӯшти қурбонии одамонро нагиранд. Онҳо на аз Худо тарсиданро омӯхта буданд, на аз падар ва на аз одамон.*

Ҳурмат кардан чист? Ба хотири сарварӣ ва вазифааш бо шахс дар рӯҳи тарсу эҳтиром муомила намудан аст. Барои волидайн ин маънои онро дорад, ки (1) ба кӯдакон ҳурмат карданро ёд диҳанд ва (2) дар кирдор, гуфтор ва пиндор барои онҳо намунаву ибрат бошанд.

Ҳеҷ мумкин нест, ки фарзанд ба падар ё модар фармон диҳад. Шумо, охир, ҳамсинфаш нестед. Онҳо бояд фаҳманд, ки бо эҳтиром фикрҳояшонро баён кунанд. Шумо метавонед бо сухани меҳрубонона ба онҳо гӯед: "Ҷонакам. Медонӣ, ин тавр бо ман гап задан намешавад. Ман модарат ҳастам. Фикр кун, оё он чизеро, ки гуфтӣ, бо тарзи шоиста гуфта метавонӣ?" Агар фарзандон аллакай калонтар бошанд, ба онҳо ин тавр муроҷиат кунед: "Э, э. Ман ҷӯраи ту нестам. Ин тавр бо ман гап назан. Чӣ гуфтан мехостӣ?" Ё: "Бачаам, ту наметавонӣ ба ман фармон диҳӣ. Гапатро дуруст такрор кун".

Бояд қайд кард, ки ҳеҷ вақт намонед, ки писарча шуморо занад. Аз зарбаи бачаи сесола шумо албатта дард намеёбед, вале бигзор вай донад, ки ҳурмат чист. Агар шумо наврасияшро интизор шавед, обрӯи шумо ба фарзандатон ягон аҳамияте нахоҳад дошт. Инчунин намонед, ки бача химчаро дар вақти набуданатон бишканад. Барои ин кор бо химча ҷазо диҳед. Шикастани химча нишон медиҳад, ки ӯ ислоҳоти шуморо қабул намекунад. Нагузоред, ки ин шӯришро дар дил нигоҳ дорад.

Ҷавононе ҳастанд, ки гапи падар ё модарро беэътибор меҳисобанд. Ба мисоли поён нигаред:

Наврас дар пеши меҳмон беодобӣ кардан мегирад. Модар ба ӯ нигоҳ карда, мулоим мефаҳмонад:
“Ҷонам, илтимос, ором бишин“.
“Барои чӣ?“ (бача бо писханд ба модар нигоҳ мекунад.)
“Чунки ман фикр мекунам, ки ту бояд кам-кам ором шавӣ“.
“Барои чӣ?“ (лабҳои наврас боз васеътар мешаванд.)
“Чунки…”
“Барои чӣ?“
“Чунки…”
“Барои чӣ?“
“Чунки…”

Баъди чандин дақиқа модар ба меҳмон муроҷиат карда, оҳ мекашад: “Гоҳо ин хел мушкил аст, ки вай маро ҷиддӣ гӯш кунад“. Ба хаёли шумо, ин модар бояд чӣ кор мекард?

Намонед, ки фарзандатон бар шумо дар баҳс ғолиб ояд. Ҳастанд далелҳое, ки бояд дар сӯҳбат ҳал шаванд. Бо фарзанд саволу ҷавоб гузаронед, вале на дар масъалаи итоат. Ба ёд овper, ки сухани шумо қонун аст. Пешгирии ин гуна баҳсҳо ҷавоби “**Ман** инро гуфтам, бинобар он ин барои ту басанда бошад“ аст. Шумо вазифаи тарбияро аз Худованд қабул кардед, акнун инро дар пеши Ӯ ҷиддӣ дар амал иҷро кунед.

## ***Итоат***

*Агар ба он рӯ оварем, ки Элӣ дар замони худ бо фарзандонаш чӣ коре бояд мекард (Такрори Шариат 21:18-21а), дарк менамоем, ки тарбия чӣ қадар муҳим аст. Худованд гуноҳони писаронашро ба Элӣ бор мекунад, чунки ӯ дар пеши Худо ин вазифаро дошт, вале иҷро накард (1Под. 3:13).*

Итоат кардан маънои онро дорад, ки одам **(1) бе эътироз, (2) бе шарт ва (3) дарҳол** он кореро мекунад, ки аз вай талабида мешавад.

Агар шумо фарзандатонро саҳарӣ хезонда, ба вай эълон намоед, ки ӯро имрӯз ба парк мебаред, ғайратеро ки ӯ дар он замон нишон медиҳад, чун итоат намешуморед. Ӯ танҳо он кореро, ки ба вай маъқул аст, мекунад. Аммо мо бояд фарзандонамонро ёд диҳем, ки онҳо дар ҳар сурат гапамонро гиранд, ҳатто агар он кор ба онҳо нафорад. Агар писар ё духтар бо баҳона ё шарҳ эътироз кунанд, онҳо гапнодаро ҳастанд. Агар онҳо шарт монанд, онҳо итоат намекунанд. Ва агар онҳо “дертар“ гуфта, он корро накунанд, фармонатонро хор диданд.

Ба хотир оваред, ки итоат на масъалаи байни волидайн ва фарзанд, балки масъалаи байни Худо ва фарзандатон аст. Фарзанд имрӯз ба шумо чӣ гуна гӯш кунад, пагоҳ он гуна ба Худо итоат менамояд.

## ***Хоҳиш кардан***

Кӯдакон робот нестанд. Онҳо ақидаҳо ва пешниҳодҳои худашонро ҳам доранд. Ин хуб аст, ки фикрашонро баён мекунанд, вале онҳо бояд ёд гиранд, ки инро чӣ хел кунанд.

Шумо шояд ягон фармон дода будед. Мумкин ба духтаратон гуфтед, ки айвонро бирӯбад. Шумо фаромӯш кардед, ки дар берун шамоли сахти тирамоҳӣ мевазад ва кори вай бефоида мебуд. Духтарча инро сарфаҳм меравад, вале гапдаро будан мехоҳад. Чӣ кор кунад? Агар гапи модарро гирад, як кори бемаънирo бояд иҷро кунад. Агар имконияти хоҳиш кардан дар оила набошад, ин духтар беилоҷ мемонад.

Хоҳиш кардани фарзанд ба шумо ду хел ёрдам мерасонад:

1. Шумо тафтиш карда метавонед, ки шояд танҳо дар ҳиссиёт ё аз бефикрӣ фармонеро дода бошед.
2. Фарзандони шумо дилпуранд, ки шумо онҳоро ҳамчун шахс ҷиддӣ қабул мекунед ва розӣ ҳастед, ки қароратонро боз тафтиш кунед. Онҳо имкон доранд ба фоидаи оила ё касе пешниҳод кунанд. Чун волидайни хирадманд шумо ба фарзандон ин имкониятро медиҳед.

Вақте ки кӯдак хоҳишашро мегӯяд, баъзе қоидаҳои муҳим бояд риоя карда шаванд (Ибодат 19:3а),:

1. Бояд маълум бошад, ки ӯ розӣ аст итоат кунад, ва ин набояд ба хоҳишаш пайваст бошад.
2. Итоати вай бояд ҳатмӣ бошад.
3. Ӯ бояд хоҳишашро бо ҳурмат баён кунад.
4. Ӯ бояд ҷавоби шуморо бе эътироз қабул кунад.

## ДАРСИ 9

# Шоул

*Ва мардуми Исроил дар он рӯз бемаҷол гардида буданд, зеро ки Шоул қавмро қасам дода гуфта буд: “Маълун бод касе ки то шом, то даме ки ман аз душманонам интиқом гирам, хӯроке бихӯрад!“ Ва тамоми қавм чизе нахӯрданд. Ва тамоми аҳли замин ба ҷангал расиданд, ва асал бар рӯи марғзор буд. Ва қавм ба ҷангал даромаданд, ва инак асал ҷорист, валекин ҳеҷ кас дасташро ба даҳонаш набурд, зеро ки қавм аз қасам метарсиданд. Вале Йӯнотон бехабар буд аз он ки падараш қасам дода буд, ва ӯ нӯги асоеро, ки дар дасташ буд, дароз карда, дар шони асал ғӯтонид, ва дасташро ба даҳонаш бурд, ва чашмонаш равшан шуд. Ва касе аз миёни қавм хитоб намуда, гуфт: “Падарат қавмро қасам дода, гуфтааст: “Маълун бод касе ки имрӯз хӯроке бихӯрад!“ Бинобар ин қавм бемаҷол шуданд“. Ва Йунотон гуфт: “Падарам заминро ба изтироб андохтааст! Бубинед, чӣ гуна чашмони ман равшан шуд, зеро ки андаке аз ин асал чашидам“. 1Под. 14:24-29*

*...Ва Шоул гуфт: “Эй ҳамаи сарварони қавм, ба ин ҷо наздик оед, ва бидонед ва бубинед, ки имрӯз ин гуноҳ дар чист?” Зеро қасам ба ҳаёти Худованди наҷотдиҳандаи Исроил, ки агар писарам Йӯнотон бошад, вай низ ҳатман хоҳад мурд.“ Вале аз тамоми қавм ҳеҷ кас ба ӯ ҷавоб надод. 1Под. 14:38-39*

*...Ва Шоул ба Йӯнотон гуфт: “Ба ман бигӯ, ки чӣ кардӣ?” Ва Йӯнотон ба ӯ ҳикоят карда, гуфт: “Бо нӯги асое ки дар даст дорам, андаке асал чашидам; инак, ман барои мурдан ҳозирам“. Ва Шоул гуфт: “Худо чунин ва зиёда аз ин бикунад, эй Йӯнотон, зеро ки ту ҳатман хоҳӣ мурд!“ Валекин қавм ба Шоул гуфтанд: “Оё Йӯнотон, ки ин наҷоти бузургро барои Исроил ба амал овардааст, бимирад? Ҳошо ва калло! Қасам ба ҳаёти Худованд, ки мӯе аз сари ӯ ба замин нахоҳад афтод, зеро ки ӯ имрӯз бо Худо амал кардааст“. Ва қавм барои Йӯнотон фидия доданд ва ӯ намурд. 1Под. 14:43-45 (Пешниҳод мешавад, ки тамоми боби 14-умро бихонед.)*

*Ва Йӯнотон бо Довуд аҳд баст, чунки ӯро мисли ҷони худ дӯст дошта буд. 1Под. 18:3*

*Ва Шоул ба овози Йӯнотон гӯш андохт, ва Шоул қасам хӯрд: “Ба ҳаёти Худованд қасам, ки ӯ кушта нахоҳад шуд“. 1Под. 19:6*

*Ва хашми Шоул бар Йӯнотон аланга зада, ба ӯ гуфт: “Эй фарзанди занаки саркаши исёнкор! Ман акнун донистам, ки ту писари Йисойро барои шармандагии худат ва шармандагии аврати модарат баргузидаӣ!”1 Под. 20:30*

*Ва Йӯнотон ба падараш Шоул ҷавоб гардонида, ба вай гуфт: “Чаро ӯ ба мурдан маҳкум будааст? Чӣ кардааст?“ Ва Шоул найзаи худро бар ӯ андохт, то ки ӯро бизанад; ва Йӯнотон фаҳмид, ки падараш ба таври қатъӣ азм намудааст, ки Довудро бикушад. 1Под. 19:32-33 (Пешниҳод мешавад, ки тамоми боби 19-умро низ бихонед.)*

## 1. Сардории хирадмандона

*Фармони Шоул нодонӣ буд, зеро ки халқ беқувват гашт ва бояд ягон чиз мехӯрд. Писараш Йӯнотон бо хӯрдани асал надониста нисбати падар беитоатӣ намуд. Ва дар лаҳзае ки падар аз ӯ мепурсад, ки ӯ чӣ кор кардааст, ҳамаашро аниқ мегӯяд ва барои мурдан розӣ мешавад. Маълум мешавад, ки Йӯнотон саркаш набуд, вале падар номи худро аз ҳаёти писараш баландтар медид. Шоул барои қоидаҳояш ҳатто писари худро мекушт! Ӯ нахост обрӯяшро резонад ва дар пеши тамоми халқ ба номи Худованд қасам хӯрд.*

Пеш аз он ки шумо қоидаи наве муқаррар кунед, бисанҷед, ки оё ин барои тамоми оила хуб аст ё ки не. Ва агар дар тӯли вақт фаҳмед, ки қароратон ба зарари оила буд, онро тезислоҳ кунед. Танҳо ба хотири гуфтаатон қоидаро нигоҳ надоред. Ба гардан гирифтани хатоҳои мо хоксорӣ аст.

## 2. Худдорӣ дар эҳсос

*Довуд, дӯсти ҷонии Йӯнотон, душмани якуми Шоул буд. Кинаи Шоул чунон аланга зада буд, ки ӯ ҳатто писари худро дар хашм куштан хост. Шоул чун падар обрӯи худро резонд. Он чизе ки бо сухан сар шуд, дар амал анҷом ёфт!*

Волидоне ки фарзандро бо рафтор ё сухан паст мезананд, бояд ҳайрон нашаванд, ки ӯ аз онҳо дилхунук мешавад. Худованд ба ӯҳдаи шумо тарбия кардани фарзандатонро гузошт, бале. Аммо шумо ҳақ надоред, ки ӯро дар хашм паст занед ё ба ӯ зарар расонед! Агар дар ин ҷиҳат худдорӣ намуда натавонед, шумо чӣ хел инро аз фарзандатон металабед? Охир, он чи одам мекорад, ҳамонро медаравад.

Дар бисёр оилаҳои ҷаҳонӣ одат шудааст, ки ба фарзанди худ ҳар гуна лақабҳои таҳқиромез мегузоранд. Аз ҷумлаи он калимаҳо “ҳайвон“, “гов“, “хар“, “маймун“, “девона“, “беақл“-ро чун мисоли суст номбар мекунем. Илова ба ин номҳо калимаҳое гуфта мешаванд, ки одам ҳатто шунидан намехоҳад. Шояд шумо фикр мекунед, ки ин хел гапҳоро албатта ба таври ҷиддӣ истифода намебаред. Шумо шояд фикр мекунед: “Охир, кӯдак ҷиддӣ набудани суханонро медонад“. Аммо ин гуна суханҳоро ба забон овардан дар пеши Худованд гуноҳи калон аст. Исои Масеҳ инро пешбинӣ карда, мегӯяд: *“Ҳар кӣ “аҳмақ“ гӯяд, лоиқи оташи дӯзах хоҳад шуд“. (Матто 5:22)* Ин огоҳии бузург аст. Ӯ намегӯяд: Агар хашмгин бошӣ, албатта чӣ гуфтанатро намешунавам. Баръакс! Исои Масеҳ ҳатто пеш аз он ки мо калимаеро ба забон оварем, инро медонад! *(Забур 138:4)* Рӯзе мешавад, ки мо бояд барои ҳар як калима дар пеши ӯ ҷавоб диҳем *(Матто 12:36).*

Ҳақорат ва гапҳои дағалро гуфтан ба масеҳӣ ҳеҷ намезебад ва номи азизи Сарвари моро пеши мардум ва пеши фарзандамон паст мезанад. *“Агар касе аз шумо гумон кунад, ки диндор аст, ва ҷилави забони худро накашад, балки дили худро фирефта намояд, - диндории вай бефоида аст“ (Яъқуб 1:26).*

Ин гуна гапҳо на танҳо фоида надоранд, балки ба муносибати байни одамон зарар мерасонанд. Дар номаи *Яъқуб 3:11* мо саволи аҷоиберо меёбем: *“Оё аз сӯрохи чашма ҳам оби ширин ва ҳам оби талх ҷорӣ мешавад?“* Шумо бо кадом ҳақ дар бораи меҳри Худо гап мезанед, дар сурате ки ба кӯдак мегӯед, ки “каллаатро мебурам“?! Ё чӣ хел шумо гуфта метавонед, ки Исои Масеҳ барои кӯдак ҷон дод, дар сурате ки ӯро ”шайтонак“ мегӯед?

Барои ононе ки дар ин масъала бисёр вақт айбдор мегарданд, маслиҳат медиҳем, ки имрӯз бо фикр кардан сар кунанд: аз худ пурсед, ки аз даҳони шумо чӣ мебарояд? Магар ҳақиқатан мехостед, ки мисол, падараш лаънатӣ бошад?!

Дар Китоби Масалҳо Сулаймон одами худдорро аз шаҳрситон бештар таъриф мекунад *(Мас. 16:32).*

Барои худдорӣ дар сухан ёрдами Худованд даркор аст. Нависандаи *Таронаи 140*-ум медонист, ки ин осон нест ва дуо мекунад: *“Бар даҳонам, эй Худованд, посбоне бимон, ва дари лабҳоямро нигаҳбонӣ намо“ (ояти 3).* Дар ин соҳа ҳам аз фарзандатон ҳангоми айбдор шуданатон бахшиш пурсед. Нагуфтани суханони ҳакоратомез на танҳо барои фарзандонатон, балки низ барои муҳити шумо гувоҳии бемонанд аст. Исои Масеҳ мегӯяд: *“Аз рӯи ҳамин ҳама хоҳанд донист, ки шогирдони Ман*

*ҳастед, агар якдигарро дӯст доред“ (Юҳ. 13:35).* Ва касе ки монанди Исои Масеҳ дӯст медорад, дигар касро дашном намедиҳад.

## 3. Сӯҳбату дилсанҷиш

*Муносибати байни Шоул ва писараш хуб набуд. Йӯнотон писари гапдаро буд. Бо чунин саволҳо: “Довуд чӣ кор кардааст?“ Йӯнотон нишон медиҳад, ки мехоҳад ҷиддӣ бо падараш сӯҳбат кунад. Аммо падар ба ҷои, ки ба ӯ оромона ақидаҳояшро фаҳмонад, ба тарафи писараш найза меандозад.*

Мо аллакай дида будем, ки сӯҳбат ва нигоҳ доштани алоқа ба фарзандонамон бисёр муҳим аст. Вале аҳамияти мо бештар ба гуфтаҳои кӯдакон буд. Акнун мо ба иштироки худамон дар сӯҳбат рӯ меоварем. Мо волидайн бояд

- дилбардорӣ кунем
- ислоҳ кунем
- сарзаниш кунем
- илтимос кунем
- огоҳӣ диҳем
- ёд диҳем
- дуо кунем

Кӯшиш кунед, ки ҳамаи ин роҳҳои алоқаро бо фарзандатон нигоҳ доред. Павлус таълим медиҳад, ки суханҳои мо бояд ба эҳтиёҷоти шунаванда мувофиқат кунанд: “Танбалонро насиҳат диҳед, беҷуратонро тасаллӣ диҳед, сустонро дастгирӣ намоед, бо ҳар кас пурсабр бошед“ (1Тасл. 5:14).

### *Дилбардорӣ кардан*

Як писар хашмгин аз мактаб омад. Ӯ бо ҳамсинфаш ҷанг карда буд. Ҳангоме ки ӯ ором шуд, пеши падараш нишаст, ва гуфт: “Ба фикрам беҳтар бо ин бача дигар гап назанам. Доим маро ба хашм меоварад ва баъд ман вайро мезанам ва дод мегӯям“. Ба падараш маълум шуд, ки ҳанӯз вақти он нарасидааст, ки вайро сарзаниш диҳад. Ин писар ҳоло фаҳмида буд, ки нодуруст рафтор мекунад. Ӯ пай бурд, ки ӯ суст аст ва дар худ қувват надорад. Ба ин бача гуфтан даркор аст, ки Исои Масеҳ барои он омад, ки мо гуноҳкорем ва мӯҳтоҷи ёрдами Ӯем.

Лозим нест, ки дар ин лаҳза шумо насиҳат диҳед. Фарзандони мо мисли мо дарди аз даст додани чизеро таҷриба мекунанд. Шумо низ ҳамон тавр эҳсос мекунед ва беумед мешавед. Шумо метавонед ба ӯ ёрдам диҳед, ки фикрҳояшро бисанҷад: чӣ сабаб шуд, ки ӯ рӯҳафтода шудааст? Худо ба мо чӣ гуна ваъдаҳо додааст? Ӯро дилбардорӣ кунед, ки ӯ дилашро пеши Худованд, ки дилҳои шикастаро шифо медиҳад, холӣ кунад.

### *Ислоҳ кардан*

Модаре бо духтараш нишаст ва хато будани кори кардаи ӯро гуфт. Духтар бо сараш ишора кард, ки бо тамоми сарзаниши модараш розӣ аст. Лекин чизе ба ин модар ошкор сохт, ки духтар

дар дил дигар фикрҳоро дошт. Модар дили духтарро кофт ва фаҳмид, ки духтарро бояд ислоҳ кунад. Вай ба фарзандаш ба воситаи Китоби Муқаддас (Мас. 9) нишон дод, ки насиҳатро нодон чӣ хел ва хирадманд чӣ хел қабул менамоянд. Каме пас дили духтар об шуд ва сухани модарашро қабул кард.

Ислоҳкорӣ чизеро, ки нодуруст шудааст, соз мекунад. Яке аз вазифаҳои Китоби Муқаддас ҳамин аст (2Тим 3:16), бинобар ин онро истифода баред.

## ***Сарзаниш кардан***

Ба фарзандон бояд ёд дода шавад, ки чӣ раво аст ва чӣ раво нест. Шумо ба воситаи сарзаниш ба кӯдак нишон медиҳед, ки вай аз ҳад гузаштааст. Ӯ шояд ба ягон шахс маргро орзу кард ("вайро мекушам", "бимир!" ва ғайра). Шумо сарзаниш кунед: "Эй бачаам, ин хатост! Ман намехоҳам, ки дигар ба ягон кас ин тавр гӯӣ!" (Сӯҳбати баъдинаро ё бо насиҳат, ё бо дилбардорӣ ё дуо давом медиҳед).

## ***Илтимос кардан***

Ин гуна сухан танҳо барои вазъиятҳои бисёр муҳим пешбинӣ шудааст. Ин гапи таъсирбахши падару модар аст, ки мехоҳанд фарзандро аз роҳи бад нигоҳ доранд. Шумо бояд чун таҷрибадору зиндагидида аз кӯдак илтиҷо кунед, ки ӯ бо ҳикмат ва бовар ба Худо амал кунад.

Китоби Масалҳо аз чунин сухан пур аст. Масалан дар боби 23, ояти 26 илтиҷои падар маълум мешавад: *"Эй писарам! Дили худро ба ман деҳ!"* Вақте ки фарзандон калонтар мешаванд, ин хел суханон бисёртар лозим мешаванд. Ба воситаи Каломи Худо ба писарону духтарон нишон диҳед, ки чӣ қадар зуд одам худро расво мекунад, вале Худо бо покӣ барои зиндагии мо чӣ қадар баракат медиҳад *(Масалҳо 5 – 7).*

## ***Огоҳӣ додан***

Ба ронандаи мошин аломатҳои огоҳикунандаи роҳ ёрдам мерасонанд, ки хатареро пешакӣ бинад ва эҳтиёт намояд. Ҳамин тавр ба мо лозим аст, ки мо пеши кӯдакони худ чунин нишонаҳо гузаронем. Огоҳӣ аз таҷрибаи бад паноҳ медиҳад.

Оятҳои зеринро аз Китоби Масалҳо аз назар гузаронед:
*"Танбал гирифтори хироҷи бандагӣ мегардад" (12:24).*
*"Пургӯӣ фақат сӯи бенавоӣ мебарад" (14:23).*
*"Сухани сахт хашмро бармеангезад" (15:1).*

Ин танҳо баъзе огоҳиҳои Китоби Масалҳо ҳастанд. Онҳо мегӯянд, ки кадом рафтор кадом натиҷа дорад. Принсипи кишту дарав дар ин оятҳо маълум мешавад. Ин чизҳоро ба фарзандонатон фаҳмонед. Албатта кӯдаконро бо ин оятҳо назанед! Бо меҳр ба онҳо фаҳмонед, ки ин ё он амал ба куҷо мебарад.

## ***Ёд додан***

Намонед, ки фарзанд танҳо аз берун маълумот гирад. Мактаб кори падару модарро каме осон мекунад, чунки хондану навиштан ва ғайраро ёд мегиранд. Вале омӯхтан дар ӯҳдаи мо волидайн аст. Ёд диҳед, то ки фарзанд бидонад. Назорат кунед, ки ӯ вазифаи хонагиро иҷро кунад. Камбудиҳояшро пур кунед. Лексика ва луғатҳоро дастрас намоед. Ба духтарон гулдӯзӣ, бофтан, пухтупазиро низ нишон диҳед! Чизеро, ки худамон медонем, ба фарзандон ёд диҳем.

Вале пеш аз ҳама Каломи Худоро ба кӯдак таълим диҳед! Саршавии ҳикмат ва дониш худотарсӣ аст *(Мас. 1:7 ва 9:10).* Мақсади шумо ҳамин бошад, ки кӯдак ҳар кореро, ки дар мактаб ё дар кӯча мекунад, ба воситаи Каломи Худо бисанҷад. Фарзанде ки аз кӯдакияш фаҳмид, ки ҳар рӯз Китоби Муқаддасро бояд хонад ва хондаашро ба кор барад, ҳамроҳи нависандаи *Забур 118:99-100* бе ҳавобаландӣ гуфта метавонад: *“Аз ҳамаи муаллимони худ донотар шудаам; зеро ки фикру хаёлам дар бораи шаҳодоти Туст. Аз пирон бомаърифаттар шудаам, зеро ки фармудаҳои Туро риоя менамоям.“*

## ***Дуо кардан***

Ба кӯдак дуо карданро ёд диҳед. Монед, ки ӯ дар пешатон дуо гӯяд. Дуои ӯ монанди тиреза сӯи ҷонаш аст.

**ДАРСИ 10**

# Довуд

*“Чаро ту ба каломи Худованд беэътиноӣ намуда, он чиро, ки дар назари Ӯ бад аст, ба амал овардӣ? Уриёи ҳиттиро бо шамшер зарба зада, занашро барои худ ба занӣ гирифтӣ... Ва алҳол шамшер аз хонадони ту то абад дур нахоҳад шуд, ба он сабаб ки ба Ман беэътиноӣ намудӣ, ва зани Уриёи ҳиттиро гирифтӣ, то ки зани ту бошад“. 2Под. 12:9-10 (Пешниҳод мешавад, ки тамоми боби 13-уми 2Подшоҳонро хонед.)*

*“Ва подшоҳ Довуд тамоми ин воқеаро шунида, бағоят хашмгин шуд“. 2Под. 13:21*

*“Ва подшоҳ гуфт: “Бигзор ӯ ба хонаи худ баргардад, ва рӯи маро набинад“. Ва Абшолӯм ба хонаи худ баргашт, ва рӯи подшоҳро надид“. 2Под. 14:24*

*“Ва Абшолӯм ба Юоб гуфт: “Инак, назди ту фиристода, гуфтам: ин ҷо биё, ва ман туро назди подшоҳ равона намоям, то ки бигӯӣ: “Чаро ман аз Ҷашур омадаам? Ва алҳол мехоҳам рӯи подшоҳро бубинам, ва агар айбдор бошам, бигзор ӯ маро ба қатл расонад“. Ва Юоб назди подшоҳ омада, ба ӯ хабар дод, ва ӯ Абшолӯмро даъват намуд; ва вай назди подшоҳ омад, ва пеши подшоҳ бар рӯи худ ба замин афтода, саҷда бурд ва подшоҳ*

*Абшолӯмро бӯса кард“. 2Под. 14:32 (Пешниҳод мешавад, ки тамоми 2Подшоҳон 15:1-14-ро хонед.)*

*Ва подшоҳ ба Юоб ва Абишой ва Иттой амр фармуда, гуфт: “Ба хотири ман бо Абшолӯми ҷавон эҳтиёт бошед“. 2Под. 18:5*

*“Ва Юоб гуфт: “Раво нест, ки пеши ту даранг намоям“. Ва ӯ се тир ба дасташ гирифта, онҳоро ба дили Абшолӯм халонид, дар сурате ки вай ҳанӯз дар миёни шохаҳои булут зинда буд“. 2Под. 18:14*

## 1. Қатъият (= дар қавли худ устувор мондан)

*Довуд қаҳрамони бемонанди имон аст, вале на чун падар. Довуд ба Худованд наздик ва барои халқ доим дар дуо буд. Дар Китоби Подшоҳон вай чанд бор аз Худованд ҳикмат мепурсад, ки чӣ хел ва кай биҷангад. Вале мо ин марди дуоро танҳо як бор барои фарзандаш дар пеши Худо мебинем (ӯ барои ҷони фарзанди касалаш илтиҷо менамояд. 2Под. 12:16). Кошки барои писарони зиндамемонда зорӣ мекард! Довуд нисбати фарзандонаш муҳаббати зиёд дошт, аммо ин меҳри ислоҳкунанда набуд. Мо намехонем, ки ӯ онҳоро ёд медод ё ба онҳо ҷазое медод. Довуд бояд ҳангоми шунидани ҳодисае ки бо Томор рӯй дод, Амнӯнро ҳукм менамуд. Азбаски ин корро накард, писараш Абшолӯм худро чун нигаҳбони ростӣ дид ва бо куштани Амнӯн обрӯи Томорро баланд кардан хост. Томор бошад то вафоташ парешонаҳвол монд (2Под. 13:20). Сипас Абшолӯм, ки бояд аз рӯи шариати Мусо барои амалаш кушта мешуд, падари худро аз тахт мегалтонад. Ва дар охир барои исён марги даҳшатнокро мебинад. То охирин лаҳза Довуд нафаҳмида буд, ки сустӣ кардан дар тарбияи фарзанд зарари калон меоварад (2Под.18:5). Бояд қайд кард, ки Абшолӯм на тавба кард ва на ягон эҳсоси меҳрубонӣ нисбати падараш дошт ва Довуд инро аниқ медонист (2Под. 15:14).*

Ҳарчанд ҳар одам барои зиндагӣ худаш ҷавобгар аст, тарбияи мо имрӯз бисёр чизро ҳал мекунад. Натиҷаи ба шербачаяк ҷазо надодани мо шери ромнашавандаро ба вуҷуд меоварад. Қатъият калиди якум аст:

Қатъият нисбати рӯйбинӣ накардан
Қатъият нисбати вақт
Қатъият нисбати қувват
Қатъият нисбати аҳвол

### ***Қатъият нисбати рӯйбинӣ накардан***

Тарозуи нодуруст дар чашми Худованд нафратангез аст (Мас. 20:23). Шумо ҳама фарзандонатонро як бинед. Агар кӯдак амалеро зидди қоидаи оила карда бошад, ӯ бояд ҷазо бинад, фарқ нест, ки оё ин писар ё духтар, калонӣ ё хурдӣ бошад.

Ва инчунин фарзандонатон ба бачагони бегона аз ин ҷиҳат баробар бинед: агар амали бачае раво набошад, ҳамон кор низ барои кӯдаки худатон раво нест. Фарқ танҳо дар ин аст, ки шумо

фарзанди худатонро ҷазо медиҳед, чунки шумо ӯро дӯст медоред ва дар пеши Худованд ин вазифа доред. Бачаи бегона бошад бигзор дар хонаи худаш тарбия ёбад.

### ***<u>Қатъият нисбати вақт</u>***

Баъзе вақт кӯдак гуноҳе мекунад, вале вақти мо танг аст ё меҳмон ҳаст, ки дар пешаш ба фарзанд ҷазо дода наметавонем. Танбалӣ ё бепарвоӣ кардан дар ин маврид зарар дорад. Агар шумо дар ин ҳолат нахезед ва кӯдакатонро оромона ба хонаи дигар даровarda, ҷазо надиҳед, фарзанд ин лаҳзаҳоро истифода бурдан мегирад.

### ***<u>Қатъият нисбати қувват</u>***

Афсӯс, кӯдакон ҳангоми касал будани модар кам фикр мекунанд, ки бечора модар қувват надорад, ва барои ҳамин бояд хубтар гӯш кард. Бисёр вақт суст будани мо барои онҳо мисли озодӣ аз қоидаҳои хона менамояд. Бинобар ин ҳатто дар беқувватии мо мо бояд тамоми зӯрамонро ҷамъ карда, ҳам дар он замон қатъиятона тарбия кунем.

### ***<u>Қатъият нисбати аҳвол</u>***

Бисёр вақт мушкилӣ дар он ҳангом пайдо мешавад, ки мо мебинем, ки ҳамааш равон аст, кӯдакон гапро мегиранд ва аҳамияти мо ба тарбия кам шудан мегирад. Суст нашавед, фарзандони мо *ҳама вақт* мӯҳтоҷи дастони бақувватанд, ки лаҷомро дар даст нигоҳ медоранд.

## <u>2. Фарзанд дар ҷустуҷӯи дӯст</u>

*Рашки Абшолӯм барои Томор бузург буд, чунки онҳо аз ҳамон падару модар буданд. Амнӯн бошад модари дигаре дошт (2Под. 2:3-4). Ҳар яке аз инҳо маслиҳатчии худро дошт:*

*<u>Амнӯн</u> амакбачааш Юнодобро ихтиёр кард. Юнодоб аз ду ҷиҳат одами бад буд: якум вай ба ҳамдамаш барои зино кардан роҳ пешниҳод намуд (2Под. 13:5), дуввум бевафо буд (2Под. 13:32).*

*<u>Абшолӯм</u> ҳамчун маслиҳатчӣ ба Юоб мечаспад. Юоб ӯро бо падар Довуд оштӣ кунонд, аммо илова ба ин Юоб Абшолӯмро бераҳмона кушт.*

*<u>Томор</u> ба Абшолӯм умед баста, ба хонаи ӯ меравад ва он ҷо то вафот карданаш мемонад. Вале ба ғайр аз қасоси Абшолӯм ба хоҳараш чизи дигар дилбардорӣ карда натавонист.*

*Лекин ягонто аз инҳо падарро ҳамчун маслиҳатчӣ ё дӯсти ҷонӣ намедид, афсӯс, хеле афсӯс.*

Орзуи падару модар ҳамин аст, ки фарзандонашон дӯстони хуб дошта бошанд. Одам аз дӯст интизор аст, ки ӯ вайро

мефаҳмад ва бовафо мебошад. Аввалан шумо худатонро бисанҷед: шумо чӣ гуна дӯстиро ба кӯдакатон пешниҳод мекунед? Оё шумо ба худ ин гуна ёре, ки ҳастед, ихтиёр менамудед? Дар масъалаи муносибат бо фарзандон кор кунед.

Албатта фарзандон дар равиши зиндагӣ боз дӯстони дигарро дар мактаб ё ҷамоат пайдо мекунанд, вале шумо кӯшиш намоед, ки бо онҳо шинос шавед. Дӯстонашонро ба хона даъват кунед. Намонед, ки наздикони кӯдакони шумо барои шумо бегонагон бошанд. Барои ҳамсинфону дӯстонаш дуо кунед.

Агар шумо аз фарзанд дар мавриди интихоби  ҷӯраҳо норозӣ ҳастед, бо вай дар бораи онҳо гап занед. Китоби Муқаддас огоҳ медиҳад, ки дар дӯстони бад хатаре ҳаст: *"Фирефта нашавед: "Ёрони бад ахлоқи некро фосид (=расво) мекунанд"(1Қӯр. 15:33).* Хатари дучор шуданаш ба роҳи бад калон аст. Интизор нашавед, ки ӯ байни дӯстони бадахлоқ миссионер мешавад. Пурсед, ки чӣ вайро ҷалб мекунад? Инчунин савол диҳед, ки оё Исои Масеҳ ҳамон шахсро чун *дӯст*и худ интохоб мекард ё ки не? Ба вай ояти дар боло зикршударо нишон диҳед. Сӯҳбат роҳи ҳал аст.

## 3. Муносибати хуб ҳамту пайдо намешавад

*Фарзандони Довуд сӯҳбат карданро дар оилаашон ёд нагирифта буданд. Баъди таҷовуз шудани Томор "подшоҳ Довуд ....бағоят хашмгин шуд. Ва Абшолӯм бо Амнӯн сухани бад ё нек нагуфт; зеро ки Абшолӯм аз Амнӯн нафрат дошт, барои он ки ба номуси хоҳараш Томор таҷовуз карда буд". 2Под. 13:21-22*

*Вале на танҳо ин ду бародар баҳс карданро наомӯхта буданд. Дар 3Под. 1:5 писари дигари Довуд соҳибихитёрона мегӯяд, ки подшоҳ шавад, гарчанде ки вай медонист, ки падараш бародари хурдӣ Сулаймонро интихоб карда буд (ояти 17). Довуд на худаш муносибати наздик ба хонадони худ дошт, на кӯшиш менамуд, ки онҳо байни худ наздик бошанд.*

Мо чун чӯпонон дилҳои фарзандонамонро бояд роҳбарӣ намоем. Мо бояд ба онҳо ёрдам диҳем, ки онҳо худро, ҷаҳонро, роҳҳои Худоро бифаҳманд. Ба онҳо нишон додан даркор аст, ки дили одам гуноҳлуд аст, ва ягона роҳи ҳал хуни Исои Масеҳ аст. Бо кӯдаконатон дар бораи таҷрибаи худ гап занед. Бо онҳо вақт гузаронед. Кӯдакон хуб ҳис мекунанд, оё онҳо барои шумо муҳим ҳастанд ё ки танҳо дар гап ин тавр мебошад. Ҳар қадар фарзандон бинанд, ки шумо барои робитаи мустаҳкам бо онҳо кӯшиш менамоед, боварии онҳо нисбати шумо зиёд шудан мегирад.

**ДАРСИ 11**

# Батшобаъ

*"Ва ҳангоми шом чунин воқеъ шуд, ки Довуд аз бистари худ бархоста, бар боми хонаи подшоҳ гардиш мекард, ва аз болои*

*бом занеро дид, ки шустушӯй мекунад; ва ин зан бағоят хушлиқо буд. Ва Довуд фиристод, ки дар бораи ин зан пурсуҷӯй кунанд; ва ба ӯ гуфтанд: "Вай, охир, Батшобаъ бинти Алиом, завҷаи Уриёи ҳиттӣ мебошад". Ва Довуд қосидон фиристод, то ки варо бигиранд; ва вай назди ӯ омад, ва ӯ бо вай хобид, дар сурате ки вай аз наҷосати худ пок шуда буд; ва вай ба хонаи худ баргашт. Ва ин зан ҳомила шуд, ва ба Довуд фиристода, хабар дод ва гуфт: "Ман ҳомила ҳастам". 2Под. 11:2-5*

*"Ва Уриё ба Довуд гуфт: "Сандуқ ва Исроил ва Яҳудо дар хаймаҳо сокинанд, ва оғоям Юоб ва навкарони оғоям бар рӯи саҳро ӯрду задаанд, ва ман ба хонаи худ рафта, бихӯрам ва бинӯшам ва бо зани худ бихобам?" 2Под. 11:11 (Пешниҳод мешавад, ки тамоми боби 11-умро бихонед.)*

*"Ва Нотон ба Батшобаъ, модари Сулаймон, сухан ронда, гуфт: "Оё нашнидаӣ, ки Адӯниё ибни Ҳаҷҷит подшоҳ шудааст, ва оғои мо Довуд инро намедонад?" Ва алҳол биё, ба ту машварат диҳам, то ки ҷони худат ва ҷони писарат Сулаймонро бираҳонӣ: рафта, назди подшоҳ Довуд даро ва ба ӯ бигӯ: "Эй оғоям подшоҳ, ту, охир, ба канизи худ қасам хӯрда гуфта будӣ, ки писарат Сулаймон баъд аз ман подшоҳ хоҳад шуд, ва ӯ бар тахти ман хоҳад нишаст. Пас, чаро Адӯниё подшоҳ шудааст?" Инак, вақте ки ту ҳанӯз бо подшоҳ сухан ронӣ, ман ҳам аз пайи ту даромада, бар суханонат илова хоҳам намуд". Ва Батшобаъ назди подшоҳ ба ҳуҷраи хоб даромад; ва подшоҳ бағоят пир буд, ва Абишаги шунаммӣ хизмати подшоҳро ба ҷо меовард". 3Под. 1:11-15*

*"Ва Сулаймон бар тахти падараш Довуд нишаст, ва салтанати ӯ бағоят мустаҳкам гардид. Ва Адӯниё ибни Ҳаҷҷит назди Батшобаъ, модари Сулаймон, омад". 3Под. 2:12 ва 13а*

*Вай гуфт: "Алҳол ман илтимосе аз ту дорам, хоҳиши маро рад накун". Вай ба ӯ гуфт: "Бигӯ". Ва ӯ гуфт: "Лутфан, ба подшоҳ Сулаймон бигӯ, - зеро ӯ хоҳиши туро рад нахоҳад кард, - ки Абишаги шунаммиро ба ман ба занӣ бидиҳад". Ва Батшобаъ гуфт: "Хуб шудааст; ман дар бораи ту ба подшоҳ сухан хоҳам гуфт". Ва Батшобаъ назди подшоҳ Сулаймон омад, то ки ба ӯ дар бораи Адӯниё сухан гӯяд. Ва подшоҳ ба пешвози вай бархоста, ба вай саҷда бурд, ва бар тахти худ нишаст. Барои модари подшоҳ низ тахте гузоштанд, ва вай аз тарафи рости ӯ нишаст, ва гуфт: "Як илтимоси хурде ман аз ту дорам, хоҳиши маро рад накун". Ва подшоҳ ба вай гуфт: "Бигӯ, эй модарам, зеро ки ман хоҳиши туро рад нахоҳам кард". Вай гуфт: "Изн бидеҳ, ки Абишаги шунаммиро ба бародарат Адӯниё ба занӣ бидиҳанд". Ва подшоҳ Сулаймон ба модараш ҷавоб гардонида, гуфт: "Чаро ту Абишаги шунаммиро барои Адӯниё илтимос мекунӣ? Пас, салтанатро низ барои вай илтимос кун, ки вай бародари калонии ман аст...худи имрӯз Адӯниё бояд бимирад!" 3Под. 2:16-24*

## 1. Модари файзёфта

*Батшобаъ шавҳари худотарсе дошт. Бо вуҷуди ин ба зино кардан бо Довуд розӣ шуд. Ҳар дуи онҳо бо ин амал гуноҳкор шуданд. Вале чунин менамояд, ки Худо бештар барои ин амал (ва куштани шавҳари Батшобаъ) аз Довуд ҷавоб талабид. Тавбаи Довудро дар 2Под. 12 мехонем, вале ҷазои Худовандро ҳар ду баробар мебинанд: Фарзанди дар зино пайдошуда мемурад (2Под. 12:18) ва ҳарбу зарб дар хонадони Довуд низ ба зарари ҳама мегардад. Вале Худо Батшобаъро ҷудо кард, то ки вай писареро калон кунад, ки то ҳол ӯро барои хиради олӣ мешиносанд: Сулаймон.*

*Сулаймон барои подшоҳ шудан интихоб шуда буд, вале бародари калон бо ҳила бар тахт нишаст. Рафтори Ривқоро ба хотир оваред. Вай низ писаре дошт, ки бояд баракати падарро мерос мехӯрд, вале бародараш ҷои вайро гирифтанӣ буд. Ривқо бо фиребаш тамоми осоиши оиларо вайрон кард. Батшобаъ бошад фаҳмид, ки ба марди Худо, Нотон, бояд гӯш кунад. Ва мувофиқи суханаш рӯйрост ба Довуд хотиррасон мекунад, ки ӯ барои подшоҳ шудани Сулаймон қасам хӯрда буд.*

*Ҳангоми ба тахт нишастани писараш вазифаи Батшобаъ анҷом ёфт. Сулаймон модарашро бисёр дӯст медошт ва ҳурмат мекард (3Под. 2:19), вале писарак мард шуд. Ӯ акнун бо ақли худ месанҷид, ки оё он чизе ки модар аз вай илтимос мекунад, хуб аст ё ки не.*

Гуноҳи Батшобаъ ӯро фурӯтан кард. Вай аз пастӣ ба баландӣ сарафроз карда шуд. Мо ҳама гуноҳкорем, ва шахсе ки ҳақиқатан фаҳмида бошад, ки файзи Масеҳ чист, бо фурӯтанӣ ба Худо хизмат кардан мехоҳад. Агар шумо, эй модарон, шикоя карда, худро бечора мегиред, ва пеши фарзандону шавҳар доим менолед, ки худро дар хонаи худ мисли каниз ҳис мекунед ва ҳаёти худро беҳуда ба онҳо бахшидед, пас ҳайрон нашавед, ки шумо ҳам кӯдаконатонро, ҳам падарашонро бо ин гуна суханон аз хона меронед. Сулаймон гуфта буд: *“Зистан дар гӯшаи бом беҳ аз зистан бо зани ситезакор дар хонаи фарох“ (Масалҳо 21:9)*. Модар ҷони оила аст. Ба Худо барои оилаатон шукр гӯед ва аз ҷону дил хизмат кунед *(Қӯл. 3:23)*. Шумо фарзандонатонро ин тавр калон кунед, то ки онҳо дар калонсолӣ барои он тарбияе ки шумо ба онҳо пешкаш намудед, миннатдор бошанд. *Фарзандони вай бархоста, ба вай аҳсан мегӯянд, шавҳари вай низ варо ситоиш мекунад: “Духтарони бисёр корҳои нек кардаанд, вале ту аз ҳамаи онҳо бартарӣ дорӣ“ (Мас. 31:28-29)*.

Фарзандони мо калон мешаванд, зан мегиранд ё ба шавҳар мерасанд. Ва ҳамин тавр вазифаи мо анҷом меёбад. Он чизе ки “ҷонак“-и мо дар майдагӣ ёд нагирифт, дар калонсолӣ дигар ёд намегирад. Аллакай дар саҳифаҳои якуми Таврот Худо мегӯяд: *“Мард падару модари худро тарк карда, бо зани худ хоҳад пайваст; ва як тан хоҳанд буд“ (Ҳастӣ 2:24)*. Худо инро ҳамчун фармон ба одамизод гуфт. Ин фикр нав нест. Худо ба оилаи якум – яъне ба Одаму Ҳавво – ин қоидаро дод. Ба писаратон иҷозат диҳед, ки аз шумо ҷудо шавад. Хусусан, шумо, модар, розӣ шавед, ки акнун дар зиндагии писаратон зани якум дигар нестед.

Ин маконро бояд арӯсаш бигирад. Мисолҳои бешумор ҳастанд, ки нишон медиҳанд, ки зарар чӣ қадар бузург мешавад, агар хушдоман ҷойи худро ба келин супоридан нахоҳад. На шумо хушбахт мешудед, на ин оилаи ҷавон.

## <u>2. Мактуб ба писарони калонсол аз падари масеҳӣ</u>

Писарони азизи ман!

Ман тасаввур карда наметавонам, ки ҷаҳони оянда чӣ гуна мешавад, вале то омадани Масеҳ дар ин дунё душманони оила зиёд шудан мегиранд. Ман мехостам ба шумо баъзе маслиҳат диҳам:

Якум, бидонед, ки он арӯсе ки ба занӣ мегиред, умрбод модари фарзандони шумо хоҳад буд. Ягон қарори дигаре нест, ки ба ояндаи фарзандони шумо ин тавр таъсир кунад. Шояд оилаҳое ҳастанд, ки дар берун нағз метобанд, вале фарзандонашон аниқ медонанд, ки онҳо бо ҳамдигар ҳақиқатан чӣ хеланд. Муносибати шумо бо занатон чӣ тавр бошад, оилаи шумо ҳамон тавр аст.

Дар соҳаи муносибат бо занатон кор кунед. Эҳтиёҷоташро пур кунед. Ӯро хушбахт созед. Агар шумо занатонро дӯст доред ва ҳурмат кунед, фарзандони шумо низ ӯро дӯст медоранд ва ҳурмат мекунанд. Агар шумо ба вай хизмат кунед, кӯдакони шумо чунин хизмат мекунанд.

Барои ёфтани арӯс, яъне модари фарзандони ояндаатон, *аввалан* занеро биҷӯед, ки **<u>Худованд Исои Масеҳро дӯст медорад</u>** <u>ва Ӯро пайравӣ менамояд.</u> Чизе дигар нест, ки ба ин баробар бошад. Ӯ бояд бо ҷидду ҷаҳд дуо карда тавонад. Ду одами ҳамфикр даркоранд, то ки “аробаи оиларо дар роҳи зиндагӣ“ рост пеш баранд. Танҳо зани масеҳӣ инро иҷро мекунад (*2Қӯр. 6:14).*

*Дуввум,* **<u>арӯси шоддилро</u>** интихоб кунед. Шояд ба шумо ин хислат муҳим наменамояд. Вале ин бисёр вақт бори зиндагиро сабуктар мекунад. Духтаре ки пеш аз тӯйяш норозӣ аст ва худро бадбахт ҳис мекунад, худ ба худ дигаргун намешавад. Ҳар одам дар равиши зиндагӣ ба мушкилӣ дучор мешавад. Духтари шоддил ва хушбахт аллакай ёд гирифтааст, ки масъалаҳоро чӣ хел ҳал кунад ва бо вуҷуди ин душвориҳо хушбахтона зиндагӣ намояд. Одаме нест, ки тавонад зани норозиро хушбахт кунад. Зане ки ин шодиро аз чашмаи равони Худо меёфта бошад, дар оиладорӣ чун модар ба васваса намеафтад.

Бо ҳам равона будан мисли ҳангоми баҳор дар боғ сайругашт кардан аст. Тамоми муҳит умедро тасвир медиҳад. Аммо оиладорӣ мисли фасли тирамоҳ аст. Чӣ гуна будани замину тухмӣ маълум мешавад. Ошкор мешавад, ки кадом кирмакҳоро бояд нобуд кард, кадом алафи бегонаро кандан лозим аст ва дар куҷо соя ба рӯидани гулҳо халал мерасонад. Барои интихоб кардани зан ва модари фарзандони худ бисёр дуо кунед. Духтаре ки зуд меранҷад ва гиря мекунад, то ки дили шуморо ба даст оварад, ҳангоми оиладорӣ мисли занҷири пой мегардад.

Шоддилӣ ҳамчун хислати духтар дар он вақт маълум мешавад, ки шароитҳо комил нестанд.

*Сеюм,* духтаре ҷустуҷӯ кунед, ки **миннатдор** аст. Агар духтар нисбати оилаи худ ё нисбати шароиташ қӯрнамак бошад, зиндагӣ бо шумо инро дигаргун намекунад. Миннатдорӣ на танҳо ҷавоб ба шароит, балки баёноти дил мебошад. Аз духтари бад, қӯрнамак ва норозӣ ҳазар кунед! Хислатҳо ва феъли одам баъди оиладорӣ дигаргун намешаванд.

Бачагони ман, ба муносибати арӯс бо падараш нигоҳ кунед. Фарқ надорад, ки оё вай падари хуб аст ё ки не. Агар ӯ зидди падар хезад, ду баробар зиёд зидди шумо мехезад. Агар ӯ беҳурматона дар бораи падараш гап занад, бо шумо ҳамон тавр хоҳад кард.

*Чорум,* аҳамият диҳед, ки вай **меҳнатдӯст** аст. Духтари танбал ва камҳаракатро ба занӣ нагиред! Зебоӣ чӣ фоида дорад, агар духтар танҳо дар ҷогаҳаш шинад?

Танҳо он арӯсеро гиред, ки дилпур аст, ки шумо беҳтарин мард дар дунё ҳастед. Зане, ки фикр мекунад, ки шояд марди беҳтаре мебуд, аз шумо ҳамеша норозӣ мешавад.

Духтареро, ки аз зебоии худ дилпур аст, барои худ ҷудо накунед. Беҳтараш он қадар хушрӯ набошад, вале шуморо дӯст дорад. Чӣ фоида аз зане, ки тамоми солҳо танҳо барои зебоии нобудшаванда мекӯшад? Зиндагӣ бисёр бой аст, ва ҳайф мебуд, ки он дар пеши оина бо фикрҳои дилгир гузаронида шавад.

Аз духтаре ки барои "мансаб"-и худ берун аз хона кор кардан мехоҳад, ҳазар кунед! Зан мададгори мард аст.

*Охирин* хислати писандида **фарзанддӯстӣ** аст. Рӯзе мешавад, ки шумо – Худо хоҳад – фарзандони худро хоҳед дошт. Зане ки фарзандонро гирди худ нахоҳад, дар роҳи беумедӣ равона аст.

Акнун мехоҳам ба шумо дар бораи падарии некдил насиҳат диҳам: шумо, ки ҳанӯз ҷавон ва муҷаррад ҳастед ва бефарзандонед, коре кунед, ки бояд карда шавад: барои оиладорӣ тайёрӣ бинед! Бинед, ки касбу кори шумо барои падари хуб шудан монеа нашавад. Падароне ки дар мансабу вазифа комёб мешаванд, падарони бад мешаванд. Агар тамоми ҷаҳонро ба даст меовардед, вале ҷонҳои кӯдаконатонро барбод медодед, чӣ фоида медидед? Баъзе падарони боғайрат эътироз мекунанд, ки меҳнаташон танҳо барои манфиати оила аст. Вале солҳое ки онҳо, масалан дар Русия гузарониданд, канда аз фарзандонашон дуздидаанд. Комёбӣ корӣ муваққатист, вале бачагон доимӣ ҳастанд. Шумо чун падарон ба писарону духтарон даркор мешавед, то бо онҳо муборизаҳои зиндагиро гузаронида, якҷоя ғалаба кунед.

Вале эҳтиёт шавед: Вазифаи таъмин кардани оиларо иҷро кунед. Шумо ҷавобгаред, ки фарзандонатон хӯроку пӯшок дошта бошанд. Агар шумо танбалӣ кунед, зани шумо маҷбур аст, ки берун кор кунад ва набуданаш дар хона ба фарзандони шумо зарар меоварад – ва шумо дар ин айбдор мешавед!

Нақши падарро аз рӯзи якум иҷро кунед. Баъзе соатҳо навзодро нигоҳубин карда, зиндагии занатонро сабук гардонед. Фаромӯш накунед, ки зани шумо тамоми рӯз бо кӯдакон ҳаст, ва вай ҳам бояд дам гирад.

Ба занатон чун ба гули нозук нигоҳ кунед. Ҳомиладорӣ ва зоидан аз зан бисёр қувват металабад. Агар хоҳед, ки вай корашро хушбахтона анҷом диҳад, дастгирии шумо даркор мешавад.

Фарзандонатонро бо худ ба тамошо гиред. Муҳитатонро бо ҳар яки онҳо аз нав кашф кунед. Имкон диҳед, ки бачагонатон дар кор бо ин чизҳо фантазияашонро инкишоф диҳанд: коғаз, чӯб, апилка, рег, болға, мех ва дигар.

Як қоидаи муҳим аст, ки ҳар қадар бисёртар вақтро бо кӯдаконатон гузаронед, ҳамон қадар камтар мушкилӣ дар интизом доред. Кӯдаке ки падарашро дӯст медорад, зудтар итоат мекунад. Ягон кӯдак нест, ки зидди дӯсташ шӯриш кардан мехост. Ҳангоме синни тифлакон калонтар аст, шумо бо онҳо китобчаҳои суратдор тамошо кунед. Достонҳои Китоби Муқаддасро аз майдагӣ ба онҳо нақл кунед. Табиатро чун ганҷи ҳикмати Худо ба онҳо шиносонед.

Фикр накунед, ки дертар ягон вақт вазифаи падариро иҷро мекунед. Не, шумо аз зода шудани кӯдакон падар мешавед. Кӯдаке ки бе шумо мерӯяд, вай мисли растании помидор аст, ки баста нашудааст. Вай ба ҳар тараф шоха медавонад ва дар дарун алафи нодаркор пайдо мекунад. Мевааш дар замин сурх нашуда, мепӯсад.

Падаре ки дар ҳақиқат “ҳаст“, яъне доим аз аҳволи фарзандонаш хабар дорад, тапиши дили кӯдакашро мешиносад. Аҳамияти ӯ ба фарзанд на танҳо ҳангоми беодобӣ карданаш аст. Ӯ корҳои хуби кӯдакро мебинад ва ӯро таъриф менамояд. Кӯдакро аз сарзаниш кардан даҳ маротиба зиёдтар таъриф кунед. Агар бачагон бе диққати падару модар калон шаванд, худро чун фарзандони таркшуда эҳсос менамоянд. Ҳузури доимии шумо лозим аст.

Намонед, ки танҳо модарашон тарбияи рӯҳониро назорат кунад. Вагарна, кӯдакон бо тасаввуроте калон мешаванд, ки имон танҳо чизе барои занҳо аст. Ҳангоми хобондани кӯдакон шумо бошед. Ба онҳо Каломи Худоро нақл кунед ва дуо кунед.

Ба фарзандон пастиву баландиҳои зиндагиро фаҳмонед. Ҳар он чи онҳо мехоҳанд, ба онҳо надиҳед. Ҳама чизро дастрас карда натавонистани шумо ҳатто хуб аст ва барои онҳо дарс барои зиндагӣ мешавад. Ҳаёт бе мубориза комёб буда наметавонад. Агар на ҳама вақт қанд, шоколад ва ширинии дигар дастрас набошад, ин ба зарари кӯдакон нест. Баръакс, ин тавр онҳо ёд мегиранд, ки на ҳар замон ҳама барои онҳо медаванд, ва бе он чизҳо низ зиндагӣ карда метавонанд. Агар хӯроки дар мобайн мехӯрдаашон онҳоро чунон сер кунад, ки дар сари дастархон нахӯранд, ин чизҳоро аз онҳо боздоред.

Ҳар яки мо ягон хӯроке дорад, ки хӯрданашро дӯст намедорад. Ба фарзандонатон барои як ё ду чиз иҷозат диҳед, ки

нахӯранд, вале аз ҳама чизи дигар, ки дар рӯи дастархон аст, бояд хӯранд. Агар кӯдак онро хӯрдан нахоҳад, бигзор хӯрок нахӯрад. Камтар рӯзадорӣ фикрронияшро дигаргун месозад. Фарзандоне ҳастанд, ки нисбати хӯрокхӯрӣ хеле нозуканд. Ба ин гуна кӯдакон бо он чизҳоеро, ки дӯст намедоранд, хӯронед, то хӯрдани онҳоро ёд гиранд.

Ба мӯд аҳамият надиҳед. Розӣ набошед, ки ҷаҳон ба шумо ва фарзандони шумо ёд диҳад, ки чӣ гуна либос пӯшидан ё чӣ гуна причёска доштан даркор аст. Ченаки шумо Китоби Муқаддас аст, на созандагони мӯди Париж ё Москва. Дили фарзандони шуморо бо киноҳои ҳиндӣ ё амрикоӣ расво накунед. Фикрронии онҳо бояд аз тарафи Каломи Худо ва намунаи масеҳӣ таъсир ёбад. Агар ба оилаи худ зарар расондан хоҳед, як телевизор бо DVD харед ва ба ихтиёри фарзандонатон супоред.

Оилаи масеҳӣ аз як падар, як модар ва кӯдакон иборат аст. Онҳо якҷоя зиндагӣ мекунанд, механданд, дӯст медоранд, кор ва бозӣ мекунанд, мубориза мебаранд ва барои бузургии Худо тан медиҳанд.

Ба шумо мақсаде даркор аст, ки аз ҳама чизи ҳозиразамон муҳимтар аст. Шумо фарзандонро на барои муддати муваққатӣ тайёр мекунед, балки барои абадият! Ҳазрати Одам писарро ба сурати худ пайдо кард. Шумо низ писарону духтаронеро, ки ба шумо монанданд, ба дунё меоваред. Тамоми ҳаракатҳои шумо бояд бо як назар сӯи осмон амалӣ гарданд. Он чӣ мешавад доимӣ, рӯҳонӣ ва осмонист. Вале он чизе ки дар пешатон ҳаст заминӣ, ҷисмонӣ ва гузаранда аст. Орзуи шумо наҷоти фарзандонатон бошад. Ин хоҳиши бузург аст ва шумо метавонед ёрӣ расонед, ки онҳо даъвати Худоро зудтар қабул кунанд.

Худо ҳикматро чун ҷавоб ба илтиҷои мо медиҳад. Муҳаббат муҳимтарин фармон аст, манманӣ душмани калонтарин аст, Тавроту Инҷил ягона манбаи тарбия аст, Рӯҳулқудс пуштибони мост, ва хуни Масеҳ ягона умеди мост. Бигзор майдони дар пеш бударо тай намоем. Зеро “*меҳнати шумо пеши Худованд бар абас нест“. (1Қӯр. 15:58)*

Бо меҳр,
падаратон.

## 3. Мактуб ба духтарони калонсол аз модари масеҳӣ

Духтарони азизи ман!

Дар зиндагӣ шумо бояд бисёр қарорҳо бароред. Баъзе қарорҳо дар ҷавонӣ карда мешаванд ва ба тамоми ҳаёт таъсир мекунанд. Вазифаи падаратону ман буд, ки ба шумо ёд диҳем, ки бо хирад қарор кунед.

Худо Иброҳимро ҷудо намуд, то ки ӯ падари халқи Исроил гардад. Худо медонист, ки ӯ *фарзандони худро, ва аҳли байти худро баъд аз худ амр хоҳад фармуд, ки роҳи Худовандро риоя карда, адлу инсофро ба амал оваранд“(Ҳастӣ 18:19)* ва барои ҳамин ӯро интихоб кард. Замоне мерасад, ки шумо ба шавҳар

мебароед. Ин оятро дар хотир нигоҳ дошта, аз худ пурсед: оё ин ё он хостгор лоиқ мебуд, ки Худо ба ӯ чунин мерос расонад? Ин ҷавонмард на танҳо ба зиндагии шумо, балки низ ба ҳаёти фарзандони шумо ва фарзандони онҳо таъсир мекунад! Иброҳим пеши писараш Исҳоқ дар имон он гуна намунавӣ зиндагӣ мекард, ки фарзандаш ҳатто ба дараҷаи қурбон шудан худро ба Худо таслим намуд. Исҳоқ ба фармони падар дар хостгорӣ низ таваккул намуд, зеро медонист, ки падараш ба Худованд мечаспид.

Фаромӯш накунед, ки чун зан "дар пушти парда" бошед. Ба шавҳаратон бо дуо, дилбардорӣ ва боварӣ такя намоед. Ӯро ҳурмат кунед, шумо барои вай баракат бошед. Сулаймон суханонеро, ки модараш Батшобаъ ба ӯ дар бораи занон гуфт, дар хотир дошт, вақте ки ӯ навишт: "*Шавҳари вай (=зани солеҳа) аз вай дилпур аст, ва ғанимати ӯ камӣ нахоҳад кард. Вай тамоми айёми умри худ ба ӯ некӣ мекунад, ва на бадӣ" (Мас. 31:11.12).* Ин хел зан буданро орзу кунед. Шавҳар дар ин гуна муҳит хоҳад шукуфт. Ва нашъунамои шавҳар чӣ гуна бошад, инкишофи фарзандон ҳамон тавр аст.

Агар ба хотири кори ночиз дилхунук шуда бошед, ба хотир оваред, ки ҳисси ранҷиш дар дил паҳн шуда, шуморо бемор мекунад. Миннатдор ва хушҳол бошед. Барои бахшидан тайёр бошед. Фарзандонатон шуморо мушоҳида мекунанд. Агар шумо нисбати падарашон бепарвоӣ, норозигӣ, хафагӣ, ҳиссиёти асабонӣ ё хорбинӣ дошта бошед, онҳо ҳамон тавр амал мекунанд, вале на танҳо нисбати падар, балки низ нисбати шумо. *"Ҳикмати зан хонаи варо бино мекунад, вале зани аблаҳ бо дасти худ онро вайрон мекунад" (Мас. 14:1).*

Сари вақт фарзандонро тарбия кунед. Агар ба якравии тифли яксола роҳ диҳед, одати беитоатиро мепарваред. Дар наврасӣ ин кӯдак беҳтар не, балки бадтар гӯш мекунад. Интизори он набошед, ки аз фарзанди якрав ногаҳон калонсоли худотарс ба воя мерасад. Ӯ дар калонсолӣ он шахсе мешавад, ки дар майдагӣ буд.

Нагузоред, ки ғами оила, рӯзгор, ҷамоат ё дунё вақти қимататонро бидуздад. Ба шумо барои муносибат ба шавҳар бисёр вақт даркор аст. Сӯҳбат кунед, бе он ки ҳар замон кӯдакон дар пешатон бошанд. Бо ӯ бихандед ва аз ҳамдигар шод бошед.

Шумо метавонед, фарзандонеро калон кунед, ки итоаткор, ҳатто худотарс бошанд, аммо онҳо наҷот надошта бошанд. Методҳову қоидаҳо кифоя нестанд, то ки кӯдакони мо Худоро шиносанд. Исои Масеҳ ба мо **зиндагии** нав дод, муносибати мо ба Худо бояд зинда бошад. Бигзор фарзандони шумо нафаси ин зиндагиро дар оилаатон ҳис кунанд. Фарзандоне ки дар хонае калон мешаванд, ки Исои Масеҳро ҳамчун Наҷоткор мешиносанд ва ба Ӯ хизмат мекунанд, инро хуб сарфаҳм меравами. Агар худи оилаи шумо мақсад барои шумо бошад, шумо аз оилаҳои ҷаҳонӣ фарқ намекунед. Ҳаёти худро барои чизҳои ҳеҷу пуч сарф накунед. Кӯшиш кунед, ки оилаи шумо дар ин дунёи торик нур бошад.

Худо моро ба ҷанги рӯҳонӣ даъват кардааст. Фарзандони мо аскарони нав ҳастанд. Мо чун афсар вазифа дорем, ки ба онҳо қоидаҳои муборизаро дар корзори ноаён бо намунаи худ омӯзем. Оила мақсади охирин нест. Оила баракат дар роҳ сӯи осмон аст. Исои Масеҳ ҳанӯз моро аз ин ҷаҳон нагирифтааст, то ки мо дар бораи меҳраш, ки Ӯ дар Ҷолҷолто исбот кард, хабар диҳем. Фарзандони падару модари хизматгори Худо худашон низ хизматгорони Ӯ мешаванд.
Бо меҳр,
модаратон.

**ДАРСИ 12**

# Масалҳои Сулаймон

Панд дар шакли зарбулмасали кӯтоҳ гуфта мешавад, то ки он нағзтар дар ёд истад. Насиҳате ки дода мешавад, аз таҷрибадорон ба ҷавонон расонида мешавад, то ки хирадмандона зиндагӣ кунанд. Дар ҷаҳон бисёр зарбулмасалҳо дуруст бошанд ҳам, на ҳама ба Каломи Худо мувофиқат мекунанд. Барои ҳар масеҳии ҳақиқӣ Тавроту Инҷил ченак мебошанд.

Худо ба мо ба воситаи Китоби Масалҳои Сулаймон ганҷи калони панду насиҳатро додааст. Бо фарзанди худ ин насиҳати падариро аз назар гузаронидан арзанда аст. Бо писарону духтаронатон дар бораи чизҳои беҳуда кам гап занед, вале дар таълим додан боғайрат бошед. Ин тавр фарзандонатон чуқурфикр мешаванд ва ҳикматро хор намебинанд. Ҳикмати зиндагӣ аз назари Худо мероси қимматтарин аст, ки мо волидайн ба кӯдаконамон расонда метавонем. Одаме ки аз рӯи хиради илоҳӣ амал мекунад, аз Худо баракат ёфта, бештар барои дигарон баракат буда метавонад. Мо ба 10 қоидаи рӯҳонӣ рӯ меоварем, ки волидайни масеҳӣ бояд ба кӯдакони худ таълим диҳанд:

## <u>1. Ба фарзандон ёд диҳед, ки аз Худо тарсанд</u>

*Масалҳо 1:7* мегӯяд: *“Худотарсӣ ибтидои дониш аст“*. Ҳамон фикр дар *Масалҳо 9:10* такрор мешавад: *“Ибтидои ҳикмат тарси Худованд аст, ва шинохтани Қуддус хирад аст”*. Худотарсӣ таҳкурсии ҳикмат аст. Худотарсӣ ду хел тарсро дар бар мегирад:

Якум, худотарсӣ *эҳтиром кардан* аст: бо тарси муқаддас дар пеши покии комили Худо истодан.

Дуввум, худортарсӣ *тарсе аст, ки ба Худо писанд оем.* Бовари ҳақиқӣ қабул мекунад, ки Худо ҳукм мекунад ва ҷазо медиҳад. Ҳикмати ростона дар пеши Худо меларзад. Ҷӣ қадар бисёртар мо айбдории худро эҳсос намоем, он қадар чуқуртар метарсем, ки ба Худо писанд наоем.

Ба фарзандони худ *ҳама* сифатҳои Худоро таълим диҳед. Албатта дуруст аст, ки Худованди мо пурмеҳр аст. Вале аллакай

аз майдагӣ кӯдакон бояд донанд, ки Худо аз бадкорон нафрат дорад ва ба онҳо ҷазо медиҳад *(Забур 7:10–12)*. Онҳо бояд на танҳо аз он тарсанд, ки қоидаи шуморо, балки қоидаҳои Худоро вайрон мекунанд. Агар онҳо танҳо аз шумо тарсанд, ҳангоми набудани шумо онҳо он чизе ки мехоҳанд, мекунанд. Ҳоло ба тифлатон ёд диҳед, ки гуноҳ ҷинояти бузург зидди Худои пок аст. Омӯзонед, ки онҳо меваи амалҳояшонро хоҳанд хӯрд. Ба дили онҳо худотарсии солимро мӯҳр занед.

*“Гуноҳ бо эҳсон ва ростӣ кафорат мешавад, ва бо худотарсӣ кас аз бадӣ дур мешавад“ (Мас. 16:6).*

*“Худотарсӣ айёмро меафзояд, вале солҳои шарирон кӯтоҳ мешавад“ (Мас. 10:27).*

*“Худотарсӣ чашмаи ҳаёт аст, ва аз домҳои мамот дур мекунад“ (Мас. 14:27).*

*“Худотарсӣ боиси ҳаёт аст, ва тарсгор дар некӣ сокин аст ва аз ҳар бадӣ эмин аст“ (Мас. 19:23).*

*“Дороии каме бо худотарсӣ беҳ аз ганҷи бузурги пурфитна“ (Мас. 15:16).*

*“Дар худотарсӣ қалъаи мустаҳкаме аст, ва вай барои фарзандонаш паноҳгоҳ мешавад“ (Мас. 14:26).*

## 2. Ба фарзандон ёд диҳед, то эҳтиёт шаванд, ки чӣ фикр мекунанд

Ин қоидаи бузург аст. *Масалҳо 4:23* насиҳат медиҳад: *“Бештар аз ҳар чизи ҳифзталаб дили худро маҳфуз дор, зеро ки зуҳуроти ҳаёт аз он аст“.* Дар Китоби Муқаддас “дил“ тамоми одами дарунии моро дар назар дорад, яъне андешаронӣ, ҳиссиёт ва ақли мо. Фарзандони мо бояд омӯзанд, ки дар фикрронӣ худдорӣ намоянд. Ҳам телевизор (бо ҳама рекламаҳояш), ҳам радио, ҳам киноҳо, мусиқӣ ва интернет ба фикрҳои кӯдакон хеле таъсир мекунанд. Мо волидайн ҷавобгарем, ки фикрҳои онҳоро нигоҳ дорем. Назорат кунед, ки онҳо чиро тамошо мекунанд ва гӯш мекунанд. Нагузоред, ки онҳо худашон танҳо ба интернет-кафе раванд, ва иҷозат надиҳед, то онҳо барномаҳоеро тамошо кунанд, ки шумо аввал тафтиш накарда бошед. Ин ҳам ҳаққи шумо, ҳам ӯҳдадории шумост, ки онҳоро ба он чи обод мекунад, ҳидоят намоед, ва низ онҳоро аз он чи зараровар аст, боздоред. Ченаки худро баланд нигоҳ доред. Бо нависандаи *Забур 100, ояти 3* бигӯем: *“Пеши назари худ чизи қабеҳро нахоҳам гузошт“.*

Албатта, шумо наметавонед онҳоро пурра аз чирки ин ҷаҳон паноҳ диҳед, чунки дар худи дили онҳо гуноҳ вуҷуд дорад. Бинобар ин ба кӯдаконатон хирад ва фарқ кардани хубӣ аз бадиро ёд диҳед. Онҳо бояд ёд гиранд, ки чи хел дилро ба фикрҳои хуб моил кунанд. Павлус гуфт: *“Хуллас, эй бародарон, ҳар он чи рост аст, ва ҳалол аст, ва боинсоф аст, ва пок аст, ва хушоянд аст, ва шоёни таҳсин аст, ва ҳар эҳсон ва ҳамде ки бошад, - дар бораи онҳо фикр кунед“ (Фил. 4:8).* Рафтори мо натиҷаи андешарониямон аст. Мо феълро бо санҷиши андешаронӣ мефаҳмем. *“Чӣ гунае ки ӯ дар дили худ мулоҳиза мекунад, худаш*

*низ ҳамон гуна аст“ (Мас. 23:7).* Мо чун волидайн бояд ба фарзандон нишон диҳем, ки чӣ хел онҳо фикрҳояшонро бо Каломи Худо ҷӯр карда метавонанд. Фикри онҳо аз ростӣ, меҳрубонӣ, вафо, боинсофӣ, покиву меҳр таъсир ёбад.

## 3. Ба фарзандон ёд диҳед, ки падару модарро ҳурмат кунанд

Якум даъвати Сулаймон ба писараш дар Китоби Масалҳо ҳамин аст: *“Эй писарам! Насиҳати падари худро бишнав, ва таълими модари худро рад накун“ (Мас. 1:8).* Ва дар тамоми Китоб ин ақида такрор мешавад. Дар боби чорум, оятҳои 1 то 4, навишта шудааст: *“Эй писарон! Насиҳати падарро бишнавед, ва диққат намоед, то ки хирад биомӯзед, зеро ки ба шумо сабақи некӯ медиҳам; таълими маро тарк накунед. Вақте ки ман дар хонаи падари худ писар будам, ӯ маро таълим медод, ва ба ман мегуфт: “Бигзор дили ту суханони маро маҳфуз дорад; аҳкоми маро нигоҳ дор, ҳикмат ба даст овар, хирад ба даст овар; ва зиндагӣ бикун“.* Дар боби 6, оятҳои 20 то 23, низ дар ин бора сухан мегӯянд: *“Эй писарам! Ҳукми падаратро риоя намо, ва таълими модаратро рад накун; онҳоро бар дили худ ба таври доимӣ бибанд, бар гардани худ онҳоро овезон бикун. Вақте ки роҳ равӣ, ба ту роҳнамоӣ хоҳад кард; вақте ки хоб равӣ, туро нигаҳбонӣ хоҳад кард; вақте ки бедор шавӣ, бо ту мусоҳиба хоҳад кард, зеро ки ҳукм чароғ аст, ва таълим нур аст, ва насоеҳи адабомӯз роҳи ҳаёт аст“.*

*“Чашме ки падарро тамасхур мекунад ва аз итоати модар нафрат дорад, зоғони водӣ онро нӯл зада меканананд ва бачаҳои уқоб онро мехӯранд“ (Мас. 30:17).*

*“Падар ва модари худро иззат намо“, ин аст ҳукми аввалин бо чунин ваъда: “То ки некӯаҳвол бошӣ ва бар замин умри дароз бинӣ“ (Эфс. 6:2-3).*

Волидайн бояд ба фарзандонашон итоатро ёд диҳанд. Китоби Масалҳо низ мегӯяд, ки инро чӣ тавр карда метавонем: *“Касе ки чӯбро дареғ дорад, писари худро дӯст намедорад; вале касе ки ӯро дӯст дорад, аз бачагияш ҷазо медиҳад” (Мас. 13:24). “Эй писарам! Ҷазои Худовандро рад накун, ва аз мазаммати Ӯ дилгир нашав, зеро ки Худованд ҳар киро дӯст дорад, варо мазаммат мекунад, ва ба вай, монанди падар ба писараш, тавааҷҷӯҳ менамояд“ (Мас. 3:11-12).*

## 4. Ба фарзандон ёд диҳед, ки дӯстонро дуруст интихоб кунанд

Бо моҳ шинӣ, сафед шавӣ, бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ. Аллакай Сулаймон ин пандро ба писаронаш насиҳат медод: *“Касе ки бо хирадмандон гардад, хирадманд мешавад, вале касе ки бо аблаҳон ҷӯра шавад, шикаст хоҳад хӯрд“ (Мас. 13:20).* Агар шумо ба фарзандон нишон надиҳед, ки чӣ хел дӯстони хубро аз дӯстони бад фарқ кунанд, ва онҳоро аз рафиқони бадахлоқ

бознадоред, онҳо гумроҳ мешаванд. Павлус дар Инҷил менависад: *“Фирефта нашавед: Ёрони бад ахлоқи некро фосид мекунанд“ (1Қӯр. 15:33).* Шумо гӯед, ки дӯсти фарзанди шумо кист, ва ман ба шумо мегӯям, ки фарзанди шумо чӣ гуна одам аст. Муҳит таъсири калон дорад. Сулаймон писарашро огоҳ мекунад: *“Эй писарам! Агар гуноҳкорон туро иғво кунанд (=ҷалб кунанд), ба онҳо таслим нашав“(Мас. 1:10).* Ӯ хост дилпур бошад, ки фарзандаш бо рафиқони бад намегардад. Сулаймон ба писараш ҳамчунин мефаҳмонад, ки ҷинояткорон соддадилонро гумроҳ мекунанд: *“Агар гӯянд: “Бо мо биё, то ки барои рехтани хун камин гирем, аз пайи бегуноҳе ки беайб бошад, бипоем; онҳоро зинда ба зинда, мисли касоне ки дар гӯр ва ба сояи дӯзах фурӯ меравванд; ба коми худ бикашем; ҳар навъ молу мулки гаронбаҳо ба даст меоварем, хонаҳои худро аз ғанимат пур мекунем; бо мо ҳамдасту шарик бош, ва ҳамаи моро як ҳамён хоҳад буд“, - эй писарам! Бо онҳо дар як роҳ равона нашав, ва пои худро аз тариқи онҳо нигоҳ дор, чунки пойҳои онҳо сӯи бадӣ медаванд ва барои хунрезӣ мешитобад. Дар назари ҳамаи болдорон дом бар абас ниҳода шудааст, валекин онҳо барои рехтани хуни худ камин мегиранд ва аз пайи ҷонҳои худ мепоянд“ (Мас. 1:11-18).*

Нисбати дӯстони фарзандон бепарво набошед. Аллакай аз рӯзе ки онҳо мактаб мераванд, бифаҳмед, ки ёрони онҳо кистанд. Номҳои онҳоро аз ёд кунед. Бо онҳо шинос шавед, онҳоро ба хона даъват кунед, вале агар фаҳмед, ки таъсири онҳо ба зарари фарзандони шумост, ба онҳо бифаҳмонед, ки барои чӣ намехоҳед, ки инҳо рафиқони онҳо бошанд. Намонед, ки писар ё духтари шумо дар зери фишори гурӯҳи бадахлоқ амали баде кунад.

*“Зеро ки ҳикмат дар дили ту дохил хоҳад шуд, ва дониш ба ҷони ту писанд хоҳад омад, фаросат туро нигаҳбонӣ хоҳад намуд, хирад туро муҳофизат хоҳад кард, то ки туро аз роҳи бад халос кунад, аз касе ки каҷгуфтор аст, аз онҳое ки тариқҳои ростро тарк мекунанд, то ки бо роҳҳои торикӣ равона шаванд, аз онҳое ки аз кирдори бад хурсанд мешаванд, аз рафтори бад ба ваҷд меоянд, ки тариқҳои онҳо каҷу килеб аст, ва онҳо дар роҳҳои худ каҷравӣ мекунанд“ (Мас. 2:10-15).*

## 5. Ба фарзандон ёд диҳед, ки худдорӣ намоянд

Павлус ба Тимотиюс навишта буд: *“Аз шаҳавоти (= ҳавасҳои) ҷавонӣ бигрез ва бо ҳамаи онҳое ки Худовандро аз самими қалб мехонанд, аз пайи адолат, имон, муҳаббат ва осоиштагӣ бирав“ (2Тим. 2:22).* Аҳамият диҳед, ки Павлус дар бораи ҳавасҳои <u>ҷавонӣ</u> сухан меронад. Волидайни хирадманд медонанд, ки ҷавонон ҳавасҳои бисёр пайдо мекунанд. Агар ҷавонон ёд нагиранд, ки худдорӣ кунанд, метавонанд хеле зарар бинанд. Дар якум бобҳои Китоби Масалҳо ин мавзӯи асосӣ аст. Худи Сулаймон ба ин дом афтида буд, ва акнун ба писараш омӯхтан

хост, ки аз занон эҳтиёт шавад. Дар боби 2, оятҳои 16 то 19 ӯ давом медиҳад: *“...то ки туро аз зани ғайр халос кунад, аз зани зинокоре ки гуфтори худро нарм мекунад, ки вай ёри ҷавонии худро тарк кардааст, ва аҳди Худои худро аз хотир баровардааст; хонаи вай сӯи мамот мебарад, ва роҳҳои вай – сӯи мурдагон; ҳар ки назди вай биёяд, бозгашт нахоҳад кард, ва ба роҳҳои ҳаёт дохил нахоҳад шуд“.* Дигар хел гӯем, зинокорӣ марговар буда метавонад. *“Зеро лабҳои зани зинокор асал мерезад, ва гуфтори вай аз равған нармтар аст, вале оқибати он мисли явшон талх аст, мисли шамшери дудама тез аст. Пойҳои вай сӯи мамот равон аст; қадамҳои вай ба дӯзах мебарад“ (Мас. 5:3-5).* Сулаймон роҳи ҳалро нишон медиҳад: Фарзанде ки Каломи Худоро чун роҳнамои худ мешиносад, раҳо мешавад: *“Зеро ки ҳукм чароғ аст, ва таълим нур аст, ва насоеҳи адабомӯз роҳи ҳаёт аст, то ки туро аз зани бадрафтор, аз нармзабонии зани зинокор нигоҳ дорад. Зебоии варо дар дили худ тамаъ накун, ва туро вай бо пилкҳои худ ҷалб накунад, чунки аз дасти зани зинокор кас мӯҳтоҷи як лаб нон мешавад, ва зани шавҳардор ҷони азизеро ба дом меоварад. Оё мумкин аст, ки касе оташро дар бағали худ бигирад, ва либосҳояш насӯзад? Ё ки касе бар оташпораҳо роҳ равад, ва пойҳояш насӯзад? Чунин аст ҳоли касе ки назди зани ёри худ биёяд: ҳар кӣ ба вай даст расонад, пок нахоҳад монд. ...Ӯ зарбу лат ва шармандагӣ хоҳад ёфт, ва расвоии ӯ аз миён нахоҳад рафт“ (Мас. 6:23-29.33).* Бисёр вақт зинокорӣ зарареро то охири умр меоварад. Тамоми боби 7-уми Масалҳо нишон медиҳад, ки нодонӣ хеле хатарнок аст. Инро, шумо, эй модар, бо духтари наврас, ва шумо, эй падар, бо писари наврас хонед ва ба онҳо нишон диҳед, ки дар пеши Худованд роҳи зино чӣ гуна беақлӣ аст. Дар наврасӣ бо онҳо дар бораи ин мавзӯъ сӯҳбат кунед ва ҳеҷ нахандед. Фаҳмонед, ки нақшаи Худо дар бобати алоқаи ҷинсӣ чист. Агар шумо ба ин масъала муносибати шоиста накунед, ба ҳар ҳол ҳамсинфону ҳамкурсон инро ба таври ношоиста мекунанд. Вале афсӯс, дар он ҳангом як тӯҳфаи нозуке, ки Худо ба зану шавҳар дод, таги по мешавад.

Шояд шумо пеши фарзанд шарм доред ва эътироз мекунед, ки ин айб мебуд. Бинед, худи Сулаймон се ҳазор сол пеш дар шарқ зиндагӣ мекард, ва медонист, ки фарзандонаш хеле зарар мебинанд, агар дар ин бора сӯҳбат накунад. Бигзор аз Сулаймон ёд гирифта, бо кӯдакони худ низ дар ин бора гап занем, ва ба саволҳояшон ҷавоб диҳем.

## 6. Ба фарзандон ёд диҳед, ки ҳамсарашро дар оянда хушбахт созанд

Падар ва модар бояд аз як тараф аз хатари гуноҳ бо ҷинси дигар огоҳ кунанд, вале аз тарафи дигар ӯҳдадории онҳо танҳо он ҳангом анҷом меёбад, ки онҳо ба фарзандонашон омӯзанд, ки аз ҳамсар ҳаловат баранд ва ба ӯ то дами марг вафодор бошанд. Сулаймон ба писари худ насиҳат медиҳад: *“Обро аз чуқурии худ бинӯш, оберо, ки аз чоҳи худат ҷорист“ (Мас. 5:15).* Ин тасвир

аст. Бо ин сухан падар ба писараш мефаҳмонад, ки ӯ бояд ба занаш вафодор бошад. Ин оят баъди огоҳии Суалӣмон дар оятҳои 18-20 дар бораи хатари зинокорӣ меояд: *“Чашмаи ту муборак хоҳад буд, ва аз зани ҷавонии худ шод бош, ки мисли ғизоли шаҳватангез ва оҳуи меҳрафрӯз аст; пистонҳои вай ҳамеша ба ту лаззат хоҳад бахшид; доимо саргарми муҳаббати вай хоҳӣ буд. Пас чаро, эй писарам, сармасти зани ғайр гардӣ? Ва синаи зани зинокорро дар оғӯш гирӣ?“* Сулаймон пурра як китобро ба ин мавзӯъ бахшид: Суруди Сурудҳо дар бораи ҳаловати поки зану шавҳар аст. Агар ин ҳақиқатро ҳангоми оиладор шудани кӯдакон ба онҳо ёд додан хоҳед, хеле дер мешавад. Ин қонунро ба ҷавон гӯед, то ӯ донад, ки барои чӣ худро дар покӣ бояд нигоҳ дорад. Покии мо хости Худованд аст: *“Зеро иродаи Худост, ки шумо пок бошед ва аз зино парҳез кунед; ва ҳар яке аз шумо битавонад бадани худро дар покӣ ва шараф нигоҳ дорад, на дар оташи шаҳват, монанди халқҳое ки Худоро намешиносанд“ (1Тас. 4:3-5).*

Афсӯс, Сулаймон занони бисёр гирифта, дар ин ҷиҳат гуноҳҳои бешумор карда буд. Танҳо дар пирияш аз ин роҳ гашт ва тавба намуд. Бигзор мо ин тавр набошем. Бо ибрати худ ба фарзандон нишон диҳед, ки баракат барои оилаҳои поки масеҳӣ чӣ қадар бузург аст.

## 7. Ба фарзандон ёд диҳед, ки забонашонро аз бадӣ нигоҳ доранд

Дар Масалҳо 4:24 навишта шудааст: *“Кизбро (=дурӯғ) аз даҳони худ рад намо, ва маломатро аз лабҳои худ дур соз“*. Мо волидайн бояд ба фарзандони худ ёд диҳем, ки забонашонро идора кунанд. Ба онҳо гӯем: “Рост бигӯ. Дилбардорӣ кун. Наранҷон. Суханатро пок нигоҳ дор. Ваъдаатро иҷро кун“.

Китоби Масалҳо аз ин гуна панд пур аст:

*“Даҳони одил чашмаи ҳаёт аст, вале даҳони шариронро зулм мепӯшонад“ (Мас. 10:11).*

*“Забони одил нуқраи холис аст“ (Мас. 10:20).*

*“Лабҳои одил касони бисёрро ҳидоят мекунад“ (Мас. 10:21).*

*“Лабҳои одил суханони дилхоҳро медонад, вале даҳони шарирон – каҷгуфториро“ (Мас. 10:32).*

*“Баъзеҳо неши забон мезананд, ки мисли зарби шамшер аст“ (Мас. 12:18).*

*“Лаби хирадмандон донишро паҳн менамояд“ (Мас. 15:7).*

*“Дили хирадманд даҳони ӯро доно мекунад ва бар лабҳои ӯ чарбгӯӣ меафзояд“ (Мас. 16:23).*

*“Тилло ва ҷавоҳир бисёр ҳаст, вале лабҳои оқилона аз ҳар чиз гаронбаҳотар аст“ (Мас. 20:15).*

*“Даҳони дурӯғ назди Худо зишт аст, вале росткорон ба ӯ мақбуланд“ (Мас. 12:22).*

Ба фарзандон ёд диҳед, ки дурӯғ гуфтан гуноҳи калон аст. Агар ки одам виҷдонашро ба дурӯғ гуфтан ҷӯр карда бошад, вай

барои ҳар гуноҳ омодааст, чунки ҳатто худро фиреб дода метавонад.

Душвор бошад ҳам, ваъдаҳоро иҷро кунед, чунки фарзанд бояд донад, ки "бале"-и шумо "бале" аст, ва "не" "не" аст. Ва инчунин ҳамин корро аз кӯдак низ биталабед.

Ба онҳо гӯед, ки хомӯш будан аз гап задан бисёр вақт беҳтар аст. *Яъқуб дар боби 3:8* огоҳ мекунад: *"Валекин забонро ҳеҷ кас аз одамон ром карда наметавонад; он – шароратест боздоштанашаванда ва пур аз заҳри марговар".*

## 8. Ба фарзандон ёд диҳед, ки вазифаҳояшонро иҷро кунанд

Ба онҳо ҳам дар сухан, ҳам дар амал таълим диҳед, ки меҳнатро дӯст доранд: *"Эй коҳил (=танбал)! Назди мӯрча бирав, рафтори онро бингар ва ҳикмат биомӯз, ки вай қозӣ, мулозим ва ҳоким надорад, лекин хӯроки худро тобистон тайёр мекунад, ғизои худро дар мавсими дарав захира менамояд" (Мас. 6:6-8).* Ҳангоме ки раис дар пеши одам аст, қариб ҳар кас худро меҳнатдӯст нишон медиҳад,. Мӯрча бошад бе назоратчӣ хеле ҳаракат мекунад. Фарзандони мо бояд омӯзанд, ки бе назорати мо ҳам корашонро хуб кунанд. Онҳо бояд фаҳманд, ки онҳо дар зиндагӣ танҳо ҳамон вақт комёб мешаванд, ки фаъол бошанд. Ҳамчунин кӯдакон бояд ёд гиранд, ки захира кардан даркор аст.

Агар ин хислати масеҳиро ба онҳо ёд надиҳем, онҳо ҷавонони нобакор мешаванд. *"То ба кай, эй коҳил (=танбал), хоб меравӣ? Аз хоби худ кай мехезӣ? "Андак хоб, андак ғанаб, андак даст дар бағал хобидан". Вале бенавоии ту мисли роҳзан хоҳад омад, ва мӯҳтоҷии ту – монанди шахси яроқнок" (Мас. 6:9-11).*

Одами танбал шахсест, ки баҳонаҳои зиёд тайёр дорад, бисёр вақт эътироз мекунад ва вазифаҳои иҷронашудаи бешуморро нигоҳ медорад. Ӯ нисбати ҷунбидан дудила аст. Ӯ худро ва дигаронро бо "пагоҳ, пагоҳ" гуфтан ором мекунад. Ӯ он корҳоеро, ки дӯст медорад, мекунад, аммо он кореро, ки нағз намебинад, анҷом намедиҳад. Вале ӯ гуруснагӣ, камбағалӣ ва камбудиро хоҳад дид. Ӯ имрӯз айни кишт кардан дам мегирад, ва пагоҳ даравро намебинад. Ӯ мехост кор кунад, валекин намекунад. Тухми сустияш танбалияш аст.

*"Дасти танбал касро бенаво мегардонад, вале дасти ғайратмандон онҳоро сарватманд мекунад. Касе ки тобистон ғунучин кунад, писари бофаҳм аст, вале касе ки дар мавсими дарав хоб равад, писари нанговар аст" (Мас. 10:4-5).*

## 9. Ба фарзандон ёд диҳед, ки чӣ хел пулро сарф кунанд

*Масалҳо 3:9 – 10* дар ин бора насиҳат медиҳад: "*Аз дороии худ ва аз гузини тамоми ҳосилоти худ Худовандро ҷалол деҳ, ва анборҳои ту то ба ҳадди фаровонӣ пур хоҳад шуд, ва*

*чархуштҳои ту аз шираи ангур лабрез хоҳад гардид“ (Мас. 3:9-10).* Дигар хел гӯем, агар шумо ба Худованд саховатмандона бидиҳед, Худо низ нисбати шумо дасткушод аст. Ин қоидаи якум барои дуруст сарф кардани пул аст: *Худовандро ҷалол диҳед.* Тамоми пули шумо аз они Худованд аст, бинобар ин ҳамаашро барои ӯ истифода бурдан даркор аст.

Саховатмандӣ бисёр баракат дорад *(Мас. 11:24-26). “Касе ки ба бенаво марҳамат кунад, ба Худованд қарз медиҳад, ва Ӯ муқофоти некии варо ба вай адо мекунад“ (Мас. 19:16). “Сахӣ баракат меёбад, чунки аз нони худ ба камбағал медиҳад“ (Мас. 22:9).*

Вале фарзандонатонро аз ғанимати ношоиста огоҳӣ диҳед: *“Ҳаромризқ хонаи худро вайрон мекунад, вале касе ки аз инъомҳо нафрат дорад, зист мекунад“ (Мас. 15:27).* Инчунин аз орзуи бой шудан онҳоро боздоред: “*Барои сарват ғун кардан заҳмат накаш; тадбирсозиҳои (=нақшасозӣ) худро тарк намо“ (Мас. 23:4). “Касе ки ба сарвати худ умед бандад, фурӯ меғалтад; вале одилон мисли барг месабзанд“ (Мас. 11:28).*

Кӯдакони мо бояд фаҳманд, ки дар роҳи ҳаёт пул бисёр вақт санги пешпо шуда метавонад. Аз бефоида буданаш ба онҳо хабар диҳед!

## 10. Ба фарзандон ёд диҳед, ки ёри худро дӯст доранд

Ба писарону духтарон ёд диҳед, ки меҳрубонӣ, раҳмдилӣ ва дилсӯзӣ чист. *“Аз некӣ кардан ба мӯҳтоҷе даст накаш, вақте ки кардани он аз дастат ояд. Ба ёрӣ худ нагӯй: “Бирав ва бозгард, ва фардо хоҳам дод“, вақте ки дар пеши худ дошта бошӣ. Дар ҳаққи ёри худ андешаи бад накун, вақте ки вай пеши ту бо эътимод нишаста бошад“ (Мас. 3:27-29).*

Дӯст доштани ёр яке аз ду ҳукми асосии шариат аст *(Иб. 19:18).* Ин дунё ба мо таълим медиҳад, ки ҷӯраҳоямонро дӯст дорем, вале аз душманон нафрат кунем. Вале таълимоти Исои Масеҳ ба ин муқобил аст *(Матто 5:44, 22:39)* ва мо чун волидайни масеҳӣ дар пеши Худованд ҷавобгарӣ дорем, ки шариати меҳрро ба фарзандон ёд диҳем: *“Агар душмани ту гурусна бошад, шиками ӯро сер кун; ва агар ташна бошад, ба ӯ об деҳ, зеро ки бо чунин рафторат бар сари ӯ оташпораҳо фурӯ хоҳӣ рехт, ва Худованд ба ту подош хоҳад дод“ (Мас. 25:21-22).*

Тамоми ин қоидаҳоро дар гуфтору кирдор ба фарзандонамон омӯзондан ӯҳдадории бузурги мо волидайн аст.

Агар шумо ба фарзанд ёд надиҳед, ки аз Худо тарсад, шайтон ба вай ёд медиҳад, ки аз Худо нафрат кунад. Агар шумо ба кӯдак таълим надиҳед, ки падару модарро ҳурмат кунад, шайтон ба вай таълим медиҳад, ки зидди шумо бархезад. Агар шумо ба писар ё духтар нишон надиҳед, ки чӣ хел дӯстони хубро интихоб кунад, шайтон ба вай дӯстони бадро пешкаш мекунад. Агар шумо ба фарзанд худдорӣ карданро наомӯзонед, шайтон ба вай зинокориро меомӯзонад. Агар шумо ба кӯдак ёд надиҳед, ки

ҳамсарашро дар оянда хушбахт кунад, шайтон ба вай ёд медиҳад, ки чӣ хел оилаҳоро вайрон кунад. Агар шумо ба писар ё духтар таълим надиҳед, ки забонро аз бадӣ нигоҳ доранд, шайтон даҳони онҳоро бо гапҳои расво пур мекунад. Агар шумо ба фарзанд нишон надиҳед, ки вазифаҳояшро бикунад, шайтон танбалияшро ба асбоби дӯзах табдил медиҳад. Агар шумо ба писар ё духтар нишон надиҳед, ки бо пул дуруст муомила кунад, шайтон ба вай нишон медиҳад, ки чӣ хел ба вай ҷонро фурӯшад. Агар шумо ба фарзанд ёд надиҳед, ки ба дигарон меҳр дошта бошад, шайтон ба вай ёд медиҳад, ки танҳо худро дӯст дорад.

Мо волидайн дар пеши Худованд бо таваллуди фарзандамон ӯҳдадории бузургеро қабул кардаем. Мо барои насли худ ва низ барои насли оянда дар пеши Худованд бояд ҷавоб диҳем.

Исои Масеҳ ба мо кӯмак мерасонад, ва бо шарти он ки мо волидон дар хизмати Ӯ бошем, моро танҳо намегузорад *(Матто 28:20)*.